Было выяснено, что за последние две недели до появления первых клинических симптомов болезни пациенты старие 50-летнего возраста кроме как на работу и домой, больше никуда не ходили и в зависимости от этого можно сказать, что они заразились данной инфекцией среди коллектива. Также вероятность заражения лиц, живущих в многоэтажных домах, была велика. В связи с пребыванием их в местах, где имеются множество факторов, как в небольших закрытых помещениях, тесный и длительный контакт, отсутствие вентиляции (лифт, подъезды и коридоры).

Таблица 3. Распределение переболевших COVID-19 преподавателей ВУЗа по месяцам

Возраст	Март	Апрель	Май	Июнь	Июль	Август	Всего
n\n	n (%)	n (%)	n (%)	n (%)	n (%)	n (%)	n (%)
20-30	2 (7,6)	9 (33,3)	6 (37,5)	4 (20)	1 (12,5)	-	22 (21,6)
31-40	7 (26,9)	5 (17,2)	3 (18,8)	6 (30)	1 (12,5)	2 (40)	24 (22,2)
41-50	9 (34,6)	8 (27,6)	4 (25,0)	3 (15)	2 (25,0)	-	26 (24,1)
51-60	6 (23,0)	4 (13,7)	3 (18,7)	5 (25)	3 (37,5)	3 (60)	24 (22,2)
61 и более	2 (7,7)	1 (3,4)	-	2 (10)	1 (12,5)	-	6 (5,6)
Итого	26 (25,4)	27 (25,0)	16 (15,7)	20 (19,6)	8 (7,8)	5 (4,9)	102 (100)

В таблице 3 мы изучали количества заразившихся преподавателей по месяцам с начала пандемии - с марта по сентябрь месяц 2020 года. Выяснилось, что в марте, т.е. в первый месяц пандемии, переболели 26 (25,4%) человек, из которых в возрасте 20-30 лет - 2 (8,8%), 31-40 лет - 7 (6,5%), 41-50 лет - 9 (8,3%), 51-60 и более лет - 8 (7,4%) человек. В апреле месяце переболели 27 (25,0%) человек, в т.ч. в возрасте: 20-30 лет 9 (10,2%); - 31-40 лет - 5(4,6%); 41-50 лет - 8 (7,4%); 51-60 лет - 4 (3,7%); 61 и более лет - 1 (0,9%). В мае месяце переболели COVID-19 всего 16 (15,7%) преподавателей: в возрасте 20-30 лет 6 (5,5%); 31-40 лет - 3(2,7%); 41-50 лет – 4 (3,7%); 51-60 лет – 3 (2,7%); 61 и более лет - не

регистрированы. В июне месяце переболели COVID-19 всего 20 (18,5%) преподавателей: в возрасте 20-30 лет -4 (3,7%); 31-40 лет – 6 (5,5%); 41-50 лет – 3 (2,7%); 51-60 лет – 5 (4,6%); 61 и более лет – 2 (1,8%). В июле месяце переболели COVID-19 всего 8 (7,4%) преподавателей: в возрасте 20-30 лет 1 (0,9%); 31-40 лет – 1 (0,9%); 41-50 лет - 2 (1,8%); 51-60 лет - 3 (2,7%); 61 и более лет - 1 (0,9%). В августе месяце переболели COVID-19 всего 5 (4,6%) преподавателей: в возрасте 20-30 лет не регистрированы; 31-40 лет - 2 (1,8%); 41-50 лет - не болел ни кто; 51-60 лет - 3 (2,7%); 61 и более лет - не регистрированы.

ВЫВОДЫ

1. Большинство преподавателей, переболевших COVID-19, составили женщины (60,8%), по сравнению с мужчинами (39,8%), также больше заболевших встречалось среди возрастной группы 31 и более лет (78,4%), из них большинство женщин (49,0%), по сравнению с мужчинами (29,4%).

2. Среди преподавателей, не заразившихся COVID-19 больше (71,4%) встречалось в возрастной группе 20-40 лет, а возрастной группе 41-60 и более не заразившихся было меньше (36,4%). Не болели COVID-19 в основном молодые люди, это связано с их высоким иммунным статусом и повышенной резистентностью молодого организма к инфекции.

3. Большинство (72,5%) преподавателей, переболевших COVID-19, жили в многоэтажных домах, из них 23,5% мужчин и 49% женщин. Из них 52,9% были в возрасте 20-50 лет, а 19,6% - 51 и более лет. В собственном доме со двором проживали преподаватели в возрасте 20-50 лет всего 16,7% и старше 51 лет - 9,3%.

4. Изучение заболеваемости COVID-19 среди преподавателей по месяцам за период эпидемии 2020 года показало, что основная масса (87,9%) больных переболели в весенний период (март, апрель, май) и июнь месяцы (25,4%, 26,8%, 14,8%, 18,5%, соответственно). В сентябре 2020 года среди преподавателей ВУЗа заболевание COVID-19 не регистрировано.

ЛИТЕРАТУРА

1. World Health Organization (WHO) Coronavirus disease (COVID-19) pandemic. (Электронный ресурс). URL: https://www.who.int/emergencies/diseases/novelcoronavirus-2019 (дата доступа 31.03.2020).
2. Liu W., Zhang Q., Chen J. et al. Detection of COVID-19 in Children in Early January 2020 in Wuhan, China. N Engl J Med. 2020; Mar 12. [Epub ahead of print]. DOI: 10.1056/NEJMc2003717.
3. Chan J.F., Yuan S., Kok K.H. et al. A familial cluster of pneumonia associated with the 2019 novel coronavirus indicating person-to-person transmission: a study of a family cluster. Lancet. 2020;395:514–523.
4. Zhang Y.P. The epidemiological characteristics of an outbreak of 2019 novel coronavirus diseases (COVID-19) in China. Chin J Epidemiol. 2020;41:145–151.
5. Cao Q., Chen Y.C., Chen C.L., Chiu C.H. SARS-CoV-2 infection in children: Transmission dynamics and clinical characteristics. J Formos Med Assoc. 2020 Mar 2;119 (3):670–673. DOI: 10.1016/j.jfma.2020.02.009.
6. Lu X., Zhang L., Du H. et al. SARS-CoV-2 infection in children. N Engl J Med. 2020 Mar 18; [e-pub]. DOI:.1056/NEJMc2005073.
7. Ludvigsson J.F. Systematic review of COVID-19 in children show milder cases and a better prognosis than adults. Acta Paediatr. 2020 Mar 23. [Epub ahead of print.] DOI: 10.1111/apa.15270.
8. Hagmann S. COVID-19 in children: More than meets the eye. Travel Medicine and Infectious Disease. 2020 March 28. [Epub ahead of print]. DOI: 10.1016/j.tmaid.2020.101649.
9. Lee P.I., Hu YL., Chen P.Y. et al. Are children less susceptible to COVID-19? J Microbiol Immunol Infect. 2020; Feb 25. [Epub ahead of print]. DOI: 10.1016/j.jmii.2020.02.011.
10. Gu H., Xie Z., Li T. et al. Angiotensin-converting enzyme 2 inhibits lung injury induced by respiratory syncytial virus. Sci Rep. 2016;6:19840.

ТАҲЛИЛ ВА ТАВСИФИ ПАНДЕМИЯИ КОВИД-19 ДАР БАЙНИ ОМӮЗГОРОНИ ДОНИШГОҲҲО ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ 2020

Мақсади тадқиқот. Таҳлил ва таснифи гирифторшавӣ ба COVID-19 дар байни омӯзгорони донишгоҳҳо дар давраи пандемияи соли 2020.

Маводҳо ва усулҳои татқиқот. Таҳлили ретроспективи, маълумот аз сабтҳои амбулаторӣ, саволномаҳо, маълумоти лабораторӣ. Дар шаҳри Душанбе назарсании устодони донишгоҳҳо баргузор шуд. Дар ин шаҳр ҳамагӣ 130 нафар, мардон 57 (43,8%) ва занон 73 (56,2%), мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. 107 (82,3%) нафари онҳо дар бинои бисёрошёнаи байни шаҳр ва 23 нафар (17,7%) дар хонаҳои шахсии худ зиндагӣ мекарданд.

Натиҷаҳои тадқиқот. Аз 130 нафар (100%) омӯзгорон 102 нафар (78,5%) гирифтори COVID-19 буданд, ки 40 нафар (39,8%) мардон ва 62 нафар (60,8%) ташкил медоданд. Беморон аз рҳи сохтори синну сол тақсим карда шуданд: - 20-30 сола 22 (21,6%) нафар, аз он ҷумла 10 нафар (9,8%) мардон ва 12 нафар (11,8%); - 31-40 сола 24 нафар (23,5%) ташкил медод, аз ин миқдор мардон 8 (7,8%), занон 16 (15,7%); - 41-50 сола 26 нафар (25,5%), аз он ҷумла 10 нафар (9,8%) мард ва 16 (15,7%) зан; - 51-60 сола 24 (23,5%) нафар, аз он ҷумла мардон 6 (5,8%) ва занон 18 (17,6%); 61-сола боло ҳамагӣ 6 (5,8%) нафар ташкил медоданд.

Хулоса. Омӯзиши муҳити омӯзгорони донишгоҳҳо дар давраи пандемияи соли 2020 нишон дод, ки аз 130 (100%) омӯзгорон 102 нафар (78,5%) гирифтори сироятнокии COVID-19 гардидаанд, ки аз ин миқдор 40 нафар (39,8%) мардон ва 62 нафар (60,8%) занон ташкил медоданд. Дар байни омӯзгорон 28 нафар (21,5%) аз COVID-19 сироятнок нашудаанд, ки аз онҳо мардон 16 (57,2%) занон 12 (42,9%), ки ин бештар дар синну 20-30 сола - 12 (42,8%) нафар ва 31-40 сола 8 (28,6%) дида мешуд, дар се гурӯҳҳои синнусолӯ дигар шумораи сироят наёфтагон камтар - 8 (28,6%) нафарӣ боқмонда дида мешуд.

Калидвожаҳо: COVID-19, Пандемия, Омузгорон, БШРН, Пневмония, Аломатҳо.

АНАЛИЗ ЗАБОЛЕВАЕМОСТИ COVID-19 ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ВУЗОВ В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ 2020 ГОДА

Цель исследования. Изучить эпидемиологических и клинических характеристик COVID-19 среди преподавателей ВУЗов в период пандемии.

Материалы и методы. Проведен ретроспективный анализ данных амбулаторных карт, результатов анкетирования, данных клинического и лабораторного исследования среди преподавателей ВУЗов г. Душанбе. Всего обследованы 130 (100%) человек, из них мужчины 57 (43,8%) и женщины 73 (56,2%). Все обследованные являются жителями города Душанбе, 107 (82,3%) из которых проживали в многоэтажных домах и 23 (17,7%) - в собственных домах с двором.

Результаты исследования. Из всех 130 (100%) обследованных преподавателей переболели COVID-19 всего 102 (78,5%) человек, из них 40 (39,8%) мужчины и 62 (60,8%) женщины. Все 102 (100%) больные распределены на пять возрастных групп: от 20 до 30 лет составили 22 (21,6%) человека из них 10 (9,8%) мужчины и 12 (11,8%) женщины; от 31 до 40 лет - 24 (23,5%) человека, из них мужчины 8 (7,8%) и женщины 16 (15,7%); от 41 до 50 лет - 27 (26,5%) человек, из них 11 (10,8%) мужчины и 16 (15,7%) женщины; от 51 до 60 лет - 23 (22,5%) человека, из них мужчины 6 (5,9%) и женщины 17 (16,7%); в возрасте 61 лет и старше - 6 (5,8%) человека все мужчины.

Заключение. Проведённое в период пандемии (2020г) исследование среди преподавателей ВУЗов выявило, что из 130 (100%) обследованных преподавателей 102 (78,5%) переболели COVID-19, из них 40 (39,8%) мужчины и 62 (60,8%) женщины. Среди обследованных 28 (21,5%) человек не заразились COVID-19, из них мужчины 16 (57,2%) и женщины 12 (42,9%. Среди 28 (100%) не заболевших менее восприимчивыми к данному вирусу оказались более молодые люди в возрасте от 20 до 30 лет - 12 (42,8%) и от 31 до 40 лет 8 (28,6%) человек, остальные 8 (28,6%) были представителями более старших возрастных групп, среди них не заболевшие лица встречались реже.

Ключевые слова: COVID-19, Пандемия, Преподаватели, ОРВИ, Пневмония, Симптомы.

ANALYSIS OF THE INCIDENCE OF COVID-19 IN THE ENVIRONMENT OF UNIVERSITY TEACHERS DURING THE PANDEMIC 2020

The purpose of the study. Analysis of the incidence of COVID-19 among university teachers during the 2020 pandemic. Materials and methods. Retrospective analysis of data from outpatient records, questionnaires, laboratory data. A survey of university professors was conducted in Dushanbe. A total of 130 people were studied, men 57 (43.8%) and women 73 (56.2%), all lived in the city of Dushanbe. 107 (82.3%) of them lived in a multi-storey building among the city and 23 (17.7%) lived in their own house.

Research results. Of the 130 (100%) teachers, 102 (78.5%) were ill with COVID-19, of which 40 (39.8%) were men and 62 (60.8%) were women. Patients are distributed according to age

Structures: -20-30 years of age were 22 (21.6%) people, of which 10 (9.8%) were men and 12 (11.8%) were 24 (23.5%) of them were men 8 (7.8%) women 16 (15.7%); - 41-50 years of age was 26 (25.5%) of them 10 (9.8%) men and 16 (15.7%) women; - 51-60 years old women; - 31-40 years of age was 24 (23.5%) of which men 6 (5.8%) and more than 18 (17.6%); met b (5.8%) all men, women age 61 and Conclusion. A study of the environment of university teachers during the 2020 pandemic showed that out of 130 (100%) teachers, 102 (78.5%) were ill with COVID-19, of which 40 (39.8%) were men and 62 (60.8%) women. Among the group of teachers, 28

(21.5%) were not infected with COVID-19, of which men 16 (57.2%) women 12 (42.9%), ages 20-30 years old 12(42.8%) and 31-40 years old 8(28.6%), in other age groups there is a smaller number

Key words: COVID-19, Pandemic, Teachers, ORVI, Pneumonia, Symptoms.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Одинаев Ниёз Сафарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиббӣ, профессор, мудири кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Бойназарова Малохат Хикматуллоевна **-** аспиранти Институти тадкикоти профилактии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Тагожонов Зариф Фозилович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи бемориҳои дарунӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Бозорова Рухшона Сайфуддиновна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи микробиология ва вирусология. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри. -Душанбе хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: 988-68-20-27**.E-mail: **bozorovaruhsona@gmail.com.**

Абдуназаров Парвиз Назурович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Зубайдова Лутфия Абубакровна **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17.

.

Сведение об авторах: ***Одинаев Ниёз Сафарович*** **-** Таджикский национальный университет доктор медицинский наук профессор кафедры эпидемиологии и инфекционных болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Бойназарова Малохат Хикматуллоевна **-** аспирант Научно-исследовательского института профилактической медицины. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Тагожонов Зариф Фозилович - Таджикский национальный университет, кандидат медицинских наук, заведующий кафедрой внутренних болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Бозорова Рухшона Сайфуддиновн - Таджикский национальный университет, кандидат медицинских наук, заведующая кафедрой микробиологии и вирусологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 988-68-20-27**.E-mail: **bozorovaruhsona@gmail.com.**

Абдуназаров Парвиз Назурович **-** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры эпидемиологии и инфекционных болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Зубайдова Лутфия Абубакровна **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры эпидемиологии и инфекционных болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-580-39-11**

Information about the authors: ***Odinaev Niyz Cafarovch*** - Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Professor of the Department of Epidemiology and Infectious Diseases. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.

Abdunazarov Parviz Nazurovich **-** Tajik National University, Assistant of the Department of Epidemiology and Infectious Diseases. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

Zubaidova Lutfiya Abubakrovna - Tajik National University, assistant of the Department of Epidemiology and Infectious Diseases. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: 93-580-39-11

Bozorova Rukhshona Saifuddinovna **-** Tajik National University, Candidate of Medical Sciences, Head of the Department of Microbiology and Virology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **988-68-20-27.** E-mail: **bozorovaruhsona@gmail.com.**

Tagozoda Zarif Fozilovich **-** Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Candidate of Medical Sciences, Head of the Department of internal illness. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

Boinazarova Malokhat Xikmatuloevna **-** Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Candidate of Medical Sciences, Head of the Department of internal illness. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК 616.24-008.4

ИСТИФОДАИ АНТИОКСИДАНТҲО ДАР ТАБОБАТИ КОМПЛЕКСИИ КӮДАКОНИ ГИРИФТОРИ БЕМОРИҲОИ МУЗМИНИ ШУШҲО

Талабзода М. С. Қаюмова Д.А., Набиев З.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
МД "Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона"

Бемории музмини обструктивии шуш (БМОШ) бемории системаи бронхопулмонарӣ буда, бо коҳиши қисман бозгаштшавандаи гузариши роҳи нафас тавсиф мешавад, ки табиатан прогрессивист ва бо аксуламали илтиҳобии шуш ба зарраҳои чанг, дуд, тамокукашӣ ва ифлосшавии ҳаво алоқаманд аст.

БМОШ дар айни замон як мушкилоти ҷиддии тиббӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Тадқиқотҳои эпидемиологӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир дар бисёр кишварҳо афзоиши чандинкаратаи паҳншавии бемории музмини обструктивии шуш ва афзоиши шиддати ин бемориро нишон додаанд. Тибқи пешгӯиҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), зарари иқтисодии БМОШ аз ҷои 12-ум дар соли 1990 то соли 2020 ба ҷойи 5-ум гузашта, бемориҳои дигари узвҳои нафаскашӣ, аз ҷумла бемории сил ва шушро пеш гузаштааст [3, 5, 7, 11, 15, 22].

Корҳои даҳсолаи охир нишон медиҳанд, ки омӯзиши пероксидшавии липидҳо (ПОЛ) ва маҳсулоти он дар механизми бисёр бемориҳои системаи нафаскашӣ (астмаи бронхиалӣ, пневмония, бронхит, саратони шуш ва ғайра) нақши муҳим дорад. ПОЛ дар БМОШ аҳамияти махсус дорад [1,4,10,18].

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳ ба бемориҳои узвҳои нафаскашӣ, истифодаи антиоксидантҳо дар миёнаҳои асри гузашта аз ҳисоби ҷамъ шудани тадқиқотҳои нави клиникӣ ва лабораторӣ, ки нақши равандҳои радикалии озодро дар патогенези бемориҳои обструктивии роҳи нафас меомӯзанд, ба вуҷуд омадааст [2]. Бо назардошти он, ки пурзӯршавии ПОЛ дар заминаи камшавии системаи антиоксидантии бадан яке аз занҷираҳои пешбари механизми синдроми обструктивӣ дар ҷараёни музмини бемориҳои шуш буда, як қатор кӯшишҳо барои дохил кардани антиоксидантҳо ба табобати комплексии ин беморӣ мебошад [5,6,13,15].

Тибқи як қатор таҳқиқоти клиникӣ ва лабораторӣ барои таҳияи доруҳои антиоксидант ва истифодаи онҳо дар бемориҳои музмини шуш дар кӯдакони гирифтори синдроми музмини обструктивӣ натиҷаи хуб медиҳад [13, с.16].

Яке аз доруҳое, ки дар муолиҷаи БМОШ истифода мешавад ва ҳамчун антиоксидант бештар омӯхта шудааст, N-acetylcysteine мебошад, ки ба моддаҳои тиол тааллуқ дорад [4]. Дар амалияи клиникӣ, он дар миёнаҳои асри гузашта ҷорӣ карда шуд ва принсипҳои дохилшавӣ ба терапияи таъсири мусбии муколитикии он вобаста аст. Шумораи зиёди беморони амалан мушоҳидашуда дар тӯли даҳсолаҳо нишондодҳо ва зиддиятҳои истифодаи онро каме тағйир доданд. Дар айни замон, бо бемории системаи нафаскашӣ ва бемороне, ки аксар вақт аз синдромҳои обструктивӣ азоб мекашанд, аз ҳама самаранок пайвастшавӣ дар терапия бо N-acetylcysteine ҳамчун антиоксидант мебошад. Хусусиятҳои муколитикии ацетилцистеин бо қобилияти овардани молекулаҳои муцин ба ҳолати деполимеризатсия алоқаманданд ва ба ин васила часпакии секретсияи бронхҳоро коҳиш медиҳанд ва балғами самарабахшро мусоидат мекунанд, дар ҳоле ки хусусиятҳои антиоксиданти дору аз сохтори химиявии он вобаста аст, ки дар дохили он аминокислотаи систеин дохил мешавад [9].

Қобилияти амал кардани ацетилцистеин ба системаи оксидант-антиоксидант таваққуҳи хосса дорад, ки инро нашрияҳои зиёди илмӣ дар ин мавзӯъ, ки ба хосиятҳои антиоксидантӣ ва антитодикии N-ацетилцистеин бахшида шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Як такони муҳимми омӯзиши хосиятҳои антиоксидантии ацетилцистеин яке аз кашфиётҳо дар самти илми фармасевтӣ мебошад. Ҳангоми гузаронидани усули нафаскашӣ, таъсири намоёни муколитикӣ қайд карда мешавад ва бо терапияи парентералӣ ва энтералӣ ин таъсирро ба даст овардан мумкин нест [5, 12, 22].

Дар айни замон, дар адабиёт исбот шудааст, ки доруи N-acetylcysteine ба гурӯҳи сульфгидрил (SH, гурӯҳи тиол) тааллуқ дорад. Гурӯҳи тиол барои фаъолияти метаболикӣ дар таркиби дору масъул аст, дар ҳоле ки моддаи ацетил таъсири антиоксидант дорад. Кистеин аминокислотаҳо як субстрати муҳим барои синтези глутатион мебошад, ки бо системаи дифои антиоксидант алоқаманд аст. Метаболитҳои N-acetylcysteine дар ноил шудан ба таъсири детоксикатсия нақши муҳим доранд [18, с. 21].

Дар амалияи тиббӣ, дар солҳои охир, флюмусил ҳамчун яке аз аналогҳои N-acetylcysteine барои коҳиш додани мушкилот ё аксуламалҳои номатлуб пас аз табобати омосҳои ашаддӣ дар клиникаҳои онкологӣ истифода мешавад.

Дар айни замон, дар муоличаи комплексии ин дору флюмусил хеле васеъ шудаанд, вале соҳаи асосии истифодаи он беморихои узвхои нафаскашӣ ва ҳолати патологии он мебошад [1,2,4,6]. Аксар вақт, N-acetylcysteine барои беморони гирифтори бронхитҳои музмини обструктивӣ бо сабаби хосиятҳои дору ҳамчун антиоксидант ва дар вақташ беҳтар шудани функсияи дренажӣ аз сабаби таъсири муколитикӣ таъин карда мешавад. Бояд қайд кард, ки дар патологияи шуш ва синдроми музмини обструктивӣ нақши асосӣ дар патогенез ба вайроншавии системаи антиоксидант тааллуқ дорад.

Дар корҳои илмӣ маълумот оид ба таъсири мусбати мексидол ба системаи ПОЛ дар беморони гирифтори БМОШ дар марҳилаи авҷгирӣ оварда шудааст[13, с.14]. Дар баробари ин, дар табобати комплексӣ дар беморони гирифтори бронхитҳои музмини обструктивӣ илова кардани антиоксидант, ба монанди мексидол метавонад натиҷаи мусбӣ дода, нишондиҳандаҳои клиникӣ ва лабораториро беҳтар созад, дар ин замина, заҳролудшавии эндогенӣ коҳиш меёбад ва дар ниҳоят ба беҳбудии функсияи нафаскашӣ оварда мерасонад.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои функсияҳои нафаскашӣ самаранокии истифодаи мексидолро нишон медиҳад, ки боиси афзоиши он дар охири ҳафтаи аввали беморӣ мегардад ва бо табобати умумӣ бе илова кардани антиоксидант, ин нишондиҳандаҳо пеш аз раҳо шудан беҳтар мешаванд ва ба натиҷаи дилхоҳ ноил намегарданд. Пеш аз ҳама, инро метавон бо моликияти антиоксидант, ҳамчун деконгестант ва таъсири он ба фосилаҳои илтиҳобӣ шарҳ дод. Пас аз истифодаи антиоксидант дар тӯли як ҳафта, синдроми обструктивӣ ва функсияи дренажӣ коҳиш меёбад, дар ин замина, афзоиши ҳаҷми босуръати ҳаворо (ҲБҲ) ва афзоиши қобилияти ҳаёти бофтаи шуш ба назар мерасад.

Дар тадқиқотҳои [11, с. 24] кӯдакони гирифтори бронхитҳои музмини обструктивӣ, дар табобат микроэлементи селен истифода шудааст. Дар ин замина, беморон тамоюли коҳиши фаъолияти ПОЛ-ро нишон доданд ва сатҳи конъюгатҳои диен ба таври назаррас коҳиш ёфт. Дар баробари ин, тамоюли афзоиши фаъолнокии ферментҳои дифои зидди антиоксидант муқаррар карда шуд.

Натиҷаи муоинаи беморони гирифтори БМОШ [16, 17, 19] ҳолати маҳсулоти пероксидшавӣ (малондиалдегид, фаъолияти катализӣ, фаъолияти супероксиди дисмутаза) ҳангоми табобати стандартӣ ва ислоҳи тағирот бо ферментативӣ (церулоплазмин) ва ғайрифаъол антиоксидантҳои ферментативӣ (кислотаи аскорбин, токоферол) арзёбӣ карда шуд. Мӯътадилшавии намоёни динамикаи параметрҳои пероксидшавӣ қайд карда шуд. Зиёда аз 90% бемороне, ки терапияи антиоксидантӣ гирифтанд, дар охири ҳафтаи дуюм тасвири клиникӣ мӯътадил шуданд, маълумотҳои рентгенӣ, ҳамлаҳои сулфа коҳиш ёфтанд ва ремиссияҳои тӯлонӣ ба назар мерасанд ва бемороне, ки табобати антиоксидантро нагирифтанд, сарфи назар аз беҳтар шудани гемодинамика, тасвири шуш амалан бетағйир монд.

Антиоксидантҳои дар айни замон истифодашаванда на ҳама вақт аз сабаби набудани шакли дар об ҳалшаванда ва пайвастагӣ бо молекулаҳои ғайрирадикалӣ, ки хосиятҳои зидди радикалии доруҳоро коҳиш медиҳанд [12, 15, 23, 25]. Аз ин лиҳоз, солҳои охир диққати бештари олимони пулмонологро антиоксидантҳои бевоситаи гурӯҳи оксипиридинҳо ҷалб мекунанд [15, 17, 19, 26].

Намояндаи ин гурӯҳ эмоксипин мебошад [9, 12, 19, 22]. Дору нисбат ба дигар антиоксидантҳо як қатор афзалиятҳо дорад: мавҷудияти гурӯҳи гидроксил таъсири зидди радикалиро зиёд мекунад; атоми нитроген бошад хосиятҳои антиагрегантиро беҳтар мекунад ва шакли дар об ҳалшаванда имкон медиҳад, ки дору хуб ҷабида шавад [2, 11, 16]. То ба имрӯз, дар адабиёти дастрасбуда, зиддиятҳои истифодаи мексидол ва эмоксипин тавсиф карда нашудаанд.

Мувофиқи тадқиқотҳо [9, с.11], мексидол ҳамчун як қисми табобати якҷоя барои шакли аз сироят-вобастаи астмаи бронхиалӣ (АБ) истифода мешуд. Самаранокии табобат бо истифодаи мексидол аз рӯи динамикаи нишонаҳои клиникӣ, параметрҳои лабораторӣ ва инструменталӣ, инчунин натиҷаҳои тадқиқоти махсус, ки фаъолияти метаболикии макрофагҳои алвеоляриро дар ин гурӯҳи беморон тавсиф мекунанд, арзёбӣ карда шуд. Таъин кардани мексидол ба беморони гирифтори АБ боиси паст шудани шиддатнокии равандҳои пероксидшавии липидҳо гардид: миқдори малондиалдегид ва конъюгатҳои диен дар муқоиса бо терапияи анъанавӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт, инчунин ба функсияи пайванди ферментативии липидҳо таъсири мусбӣ расонда системаи дифои антиоксидант, баланд бардоштани фаъолияти каталаза ва ба ин васила ба рафъи номутавозунӣ дар системаи ПОЛ-антиоксидантҳо мусоидат мекунад. Илова ба таъсири мусбати биохимиявӣ, истифодаи мексидол дар табобати интенсивии ҷузъҳои астматикӣ имкон дод, ки зуҳуроти субъективӣ ва объективии обструксияи бронхиалӣ ва мутаносибан давомнокии табобати бемор дар клиника кам карда шавад.

Дар кори [18, с. 22] самаранокии истифодаи антиоксидантҳои дар об ҳалшаванда: мексидол, кислотаи аскорбин дар якҷоягӣ бо тиосулфати натрий ва токоферол атсетат дар табобати комплексии 120 кӯдаки гирифтори БМОШ дараҷаи миёна ва миёнавазнини дар марҳилаи шадид омӯхта шуданд. Исбот шудааст, ки дохил кардани антиоксидантҳо ба табобати комплексии кӯдакони гирифтори БМОШ боиси коҳиши баръало ва доимии фаъолияти пероксидант мегардад.

Ҷустуҷӯйи иттилоот имкон медиҳад, ки ба сарчашмаҳои адабиёт муроҷиат кунем, ки дар он муаллифон таъсири якҷояи доруҳои антиоксидантро ба пероксидшавии липидҳо ва ҳавасмандкунии реактивии иммуниро қайд мекунанд [17, 18, 26].

Роҳи умедбахши иммунорегулятсия метавонад таъсири ғайримустақим ба ҳолати иммунии кӯдакони гирифтори БМОШ тавассути ба эътидол овардани равандҳои мубодилаи моддаҳо ва антиоксидантҳо бошад [7, 8, 11, 18, 25].

Масъалаҳои таъсири мутақобилаи равандҳои радикалҳои озод, ҳолати иммунӣ ва фаъолияти фагоситикии нейтрофилҳо ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд; пероксидшавии липидҳо ва осеби эндотелияи рагҳо дар кӯдакони гирифтори БМОШ ва ислоҳи тағирот дар системаи антиоксидант. Дар баробари ин, омӯзиш ва истифода дар муолиҷаи маҷмӯии кӯдакони гирифтори патологияи системаи нафаскашӣ дар айни замон чанд таҳқиқот дорад, ки аз ҳисоби устувор шудани системаи антиоксидантӣ таъсири мусбӣ дошта, фаъолияти дренажии шушҳоро беҳтар мегардонад.

АДАБИЁТ

1. Авдеев С. Н. Новые возможности противовоспалительной терапии хронической обструктивной болезни легких / С. Н. Авдеев // Пульмонология. – 2013. – № 4. – С. 95-101.
2. Архипов В. В. Значение эпидемиологических исследований в пульмонологии / В. В. Архипов, Д. Е. Архипова // Пульмонология. – 2014. – № 1. – С. 81-90.
3. Безрукова Л. А. Некоторые аспекты иммунного ответа при развитии бронхообструктивного синдрома у детей раннего возраста / Л. А. Безрукова, М. В. Старикович // Альманах современной науки и образования. – 2007. – № 6. – С. 22-25.
4. Икромов Ф. А. Профилактика нарушения сердечно-сосудистой системы при бронхообструктивном синдроме у детей раннего возраста / Ф. А. Икромов, Д. Х. Хамроева // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2015. – № 1-5-2(188). – С. 109-112.
5. Ионичевская И. И. Медицинская реабилитация больных хронической обструктивной болезнью легких с сопутствующей ишемической болезнью сердца в условиях регулируемой воздушной среды и с применением микроволновой терапии (обзор) / И. И. Ионичевская, А. М. Щегольков // Вестник восстановительной медицины. – 2015. – № 5(69). – С. 66-71.
6. Каюмова Д. А. Действие антиоксидантов на показатели иммунной системы у детей с хронической обструктивной болезнью легких (ХОБЛ) / Д. А. Каюмова, Б. У. Янгибаева, С. М. Файзуллоева // Наука и инновация. – 2016. – № 2(10). – С. 29-34.
7. К вопросу о целесообразности включения общих ванн с биолонгом в лечебно-реабилитационный комплекс больных обструктивными заболеваниями органов дыхания / Н. С. Айрапетова, О. В. Нитченко, О. В. Куликова [и др.] // Вопросы курортологии, физиотерапии и лечебной физической культуры. – 2014. – Т. 91. – № 4. – С. 7-12. – EDN TAEYYX.
8. Комплексная оценка эффективности лечебно-профилактических мероприятий у больных ХОБЛ среднетяжелого и тяжелого течения / В. О. Лукашев, А. В. Будневский, А. Н. Лисова, А. В. Разворотнев // Системный анализ и управление в биомедицинских системах. – 2011. – Т. 10. – № 1. – С. 148-151.
9. Локшина Э. Э. Применение пидотимода при терапии детей с острой респираторной инфекцией, сопровождающейся рецидивирующим бронхообструктивным синдромом / Э. Э. Локшина, О. В. Кравченко, О. В. Зайцева // Вопросы современной педиатрии. – 2011. – Т. 10. – № 1. – С. 34-41.
10. Мещерякова Н. Н. Принципы легочной реабилитации больных хронической обструктивной болезнью легких / Н. Н. Мещерякова // Атмосфера. Пульмонология и аллергология. – 2013. – № 2. – С. 27-31.
11. Орлов М. А. Роль реабилитации в комплексном лечении хронической обструктивной болезни легких / М. А. Орлов // РМЖ. Медицинское обозрение. – 2015. – Т. 23. – № 18. – С. 1080-1082.
12. Особенности течения острой пневмонии у детей раннего возраста при некоторых формах врожденных пороков сердца / Ф. А. Файзуллоев, З. Н. Набиев Б. А. Шамсов [и др.] // Здравоохранение Таджикистана. – 2020. – № 2. – С. 61-66.
13. Рахмонова П. Э. Некоторые аспекты перекисного окисления липидов и антиоксидантной защиты новорожденных с острой пневмонией / П. Э. Рахмонова Ф. Х. Тиллоева, З. Н. Набиев // Вестник Академии медицинских наук Таджикистана. – 2016. – № 4. – С. 82-85.
14. Степанян И. Э. Комбинированная бронхорасширяющая терапия при обострениях хронических бронхообструктивных заболеваний и остро развившемся бронхообструктивном синдроме / И. Э. Степанян // Consilium Medicum. – 2012. – Т. 14. – № 11. – С. 5-7.
15. Юренев Г. Л. Преимущества комбинированных бронхолитических препаратов в лечении острого бронхообструктивного синдрома / Г. Л. Юренев // Атмосфера. Пульмонология и аллергология. – 2012. – № 3. – С. 13-18.

16. Alqahtani J. S. et al. Diagnostic and clinical values of non-cardiac ultrasound in COPD: A systematic review //BMJ open respiratory research. – 2020. – Т. 7. – №. 1. – P. 717.
17. Halpin D. M. G. et al. The GOLD Summit on chronic obstructive pulmonary disease in low-and middle-income countries // The International Journal of Tuberculosis and Lung Disease. – 2019. – Т. 23. – №. 11. – С. 1131-1141.
18. Houben-Wilke S. et al. COPD stands for complex obstructive pulmonary disease //European Respiratory Review. – 2018. – Т. 27. – №. 148.
19. Kardos P., Makros I., Vogelmeier C. Effect of roflumilast on quality of life in frequent and infrequent exacerbators. – 2013.
20. Ornatowski W. et al. Complex interplay between autophagy and oxidative stress in the development of pulmonary disease // Redox biology. – 2020. – Т. 36. – С. 101679.
21. Quint J. K. et al. Prescribing pathways to triple therapy: a multi-country, retrospective observational study of adult patients with chronic obstructive pulmonary disease //Pulmonary Therapy. – 2020. – Т. 6. – №. 2. – С. 333-350.
22. Rodriguez-Roisin R. et al. Global Initiative for Chronic Obstructive Lung Disease (GOLD) 20th anniversary: a brief history of time //European Respiratory Journal. – 2017. – Т. 50. – №. 1.
23. Selenium add-on therapy restores bronchial airflow in resistant bronchial obstruction / J. Voicehovska, G. Orlikovs, N. Voskresenska [et al.] // Trace Elements in Medicine (Moscow). – 2010. – Vol. 11. – No 2. – P. 70.
24. Sidhaye V. K., Nishida K., Martinez F. J. Precision medicine in COPD: where are we and where do we need to go? //European respiratory review. – 2018. – Т. 27. – №. 149.
25. Wedzicha J. A., Calverley P. M., Rabe K. F. Roflumilast: a review of its use in the treatment of COPD // International journal of chronic obstructive pulmonary disease. – 2016. – Т. 11. – С. 81.
26. Woodcock A. et al. Effectiveness versus efficacy trials in COPD: how study design influences outcomes and applicability //European Respiratory Journal. – 2018. – Т. 51. – №. 2.

ИСТИФОДАИ АНТИОКСИДАНТҲО ДАР ТАБОБАТИ КОМПЛЕКСИИ КӮДАКОНИ ГИРИФТОРИ БЕМОРИҲОИ МУЗМИНИ ШУШҲО

Дар мақола таҳлили адабиёти муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба тадқиқоти ҷорӣ оид ба самаранокии истифодаи антиоксидантҳо дар табобати комплексии кӯдакони гирифтори бемории музмини обструктивии шуш оварда шудааст. Ҳолати маҳсулоти пероксидшавӣ ҳангоми муолиҷаи стандартӣ ва ислоҳи тағйироти мавҷуда бо антиоксидантҳои ферментативӣ ва ғайриферментӣ ва самаранокии истифодаи антиоксидантҳои дар об ҳалшаванда дар табобати комплексии кӯдакони гирифтори БМОШ арзёбӣ карда шудаст.

Калидвожаҳо: самаранокии истифодаи антиоксидантҳо, табобати комплексии кӯдакони гирифтори бемории музмини обструктивии шуш, . ҳолати маҳсулоти пероксидшавӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ АНТИОКСИДАНТОВ В КОМПЛЕКСНОМ ЛЕЧЕНИИ У ДЕТЕЙ С ХРОНИЧЕСКИМ БОЛЕЗНЯМ ЛЕГКИХ

В статье представлен анализ современной отечественной и зарубежной литературы, посвящённой актуальным исследованиям эффективности применения антиоксидантов в комплексной терапии детей с хронической обструктивной болезнью легких. Оценено состояние продуктов переоксидации при проведении стандартного лечения и коррекции имеющихся изменений антиоксидантами ферментативного и нефермеитативного действия и эффективность применения водорастворимых антиоксидантов в комплексной терапии детей с ХОБЛ.

Ключевые слова: эффективность применения антиоксидантов, комплексная терапия детей с хронической обструктивной болезнью легких, состояние продуктов переоксидации.

USE OF ANTIOXIDANTS IN COMPLEX TREATMENT IN CHILDREN WITH CHRONIC LUNG DISEASE (Literature Review)

The article presents an analysis of modern domestic and foreign literature on current research on the effectiveness of the use of antioxidants in the complex therapy of children with chronic obstructive pulmonary disease. The state of peroxidation products was assessed during standard treatment and correction of existing changes with enzymatic and non-enzymatic antioxidants and the effectiveness of the use of water-soluble antioxidants in the complex therapy of children with COPD.

Keywords: effectiveness of antioxidants, complex therapy of children with chronic obstructive pulmonary disease, state of peroxidation products.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Талабзода Муҳаммадали Сайф*** – декани факултаи тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷиистон, д.и.т. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: m.talabov @mail.com Тел: (+992) 918672315
Қаюмова Дилшода Абдурасуловна – унвонҷӯи МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони И.Сомони 59. E-mail: dilshoda_70@mail.ru Тел: (+992) 93-808-11-60
Набиев Зоир Нарзуллоевич – Ходими пешбари МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”, д.и.т., профессор. Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Шевченко 69; E-mail: zoir_1962@mail.ru

Сведение об авторах*:* ***Талабзода Муҳаммадали Сайф*** – декан медицинского факультета Таджикского национального университета, д.м.н. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: m.talabov @mail.com Тел: (+992) 918672315.
Каюмова Дилшода Абдурасуловна **–**соискатель ГУ «Республиканский научно-клинический центр педиатрии и детской хирургии». Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект И.Сомони, 59. E-mail: dilshoda_70@mail.ru Тел: (+992) 93-808-11-60.
Набиев Зоир Нарзуллоевич – ведущий научный сотрудник ГУ «Республиканский научно-клинический центр педиатрии и детской хирургии», д.м.н., профессор. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект И.Сомони 59. E-mail: zoir_1962@mail.ru

Information about the authors: ***Talabzoda Muhammadali Saif*** **-** Dean of the Faculty of Medicine Tajik National University, D.Sc. Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. E-mail: m.talabov @mail.com Тел: (+992) 918672315.
Kayumova Dilshoda Abdurasulovna **-** applicant for the State Institution "Republican scientific and clinical center of pediatrics and child surgery". Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni Avenue 59.
Nabiev Zoir Narzulloevich – Leading Researcher, State Institution "Republican Scientific and Clinical Center of Pediatrics and Child Surgery", D.Sc., professor. Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni avenue 59. E-mail: zoir_1962@mail.ru

УДК:616-01.15

ИСТИФОДАИ АНТИОКСИДАНТҲО ДАР ТАБОБАТИ КОМПЛЕКСИИ ОСЕБИ ВАЗНИНИ МАҒЗИ САР ДАР КӮДАКОН

Шамсзода Х.А., Курбанов Х.Ф., Наимов С.Р.
МД "Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона"

Ҷароҳатҳои осеби вазнини мағзи сар (ОВМС) тақрибан 20%-и шумораи умумии осебҳои мағзи сарро (ОМС) ташкил медиҳад, ки шумораи зиёди ин беморон дар сатҳҳои гуногуни маъюби боқи мемонанд, ки барқарорсозии ин беморон мушкилоти ҷиддиро ба миён меорад [1, 2, 6]

ОВМС асосии марги кӯдакони синни аз 5 то 19 сола дар тамоми ҷаҳон мебошанд ва миллионҳо кӯдаконон дар асоси ин ҷароҳат дар катҳои беморхона ё шуъбаҳои ёрии таъҷили бистарӣ буда, баъзан тамоми ҳаёт маъюб мемонанд [2, с. 5].

Солҳои охир таҳқиқотҳои зиёде бемории осеби пӯшидаи косахонаи майнаи сар дар кӯдакон таҳқиқ карда мешавад. Хусусиятҳои ҷараёни ОМС дар кӯдакон таҳлил карда мешаванд, аммо ба хусусиятҳои синну соли шаклҳои клиникии ОМС, ки вобаста ба синну соли ҷарроҳат бо таври назаррас фарқ мекунад, диққати зарури дода намешаванд. Таҳлили табобати интенсивии ОВМС ба фавти баланди ин патология алоқаманд аст. Бояд қайд кард, ки дар 50% ҳолатҳо омезиши садамаи омехта ба дигар ҷароҳатҳои осеб дида мешавад, ки ҳолати ҷабрдидаро бо таври назаррас бадтар мекунад. Омӯзиши амиқи патофизиологияи ОВМС, такмили ташкили нигоҳубини ҷабрдидагон, ки аллакай дар марҳилаи пеш аз беморхона, табобати мувофиқи интенсивии доруворӣ дар солҳои охир ба тадриҷан паст шудани сатҳи фавт мусоидат кардааст [1, с. 4, 6, 8].

Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳои муҳимми тибби муосир табобати ОМС мебошад. Ҳар сол шумораи ОМС афзун мешаванд, бинобар ин мушкилоти болозикр натанҳо аҳамияти тиббӣ, балки иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ дорад. Зарари ОМС бар кӯдакон ба гуфтаи муаллифони гуногун 22-50% тамоюли ҷарроҳатҳои ОМС кӯдаконро ташкил медиҳад [3, с. 7]. Хусусияти тасвири клиникӣ ва осеби пушидаи мағзи сар дар кӯдакони хурдсол якчанд аломатҳо, сустӣ ва сабуки давраи шадид мебошад. Барои организми кӯдак ҳам дар шароити патологӣ ва ҳам дар марҳилаи барқарорсозӣ ва ремиссия, натиҷаҳои маъмултарини мутобиқшавии пурра, нопурра, нотамом ва дигарҳо, ки ба ин адаптогенез дар кӯдакони бемор бо мурури замон ва бо таъсири он ба системаҳои функсионалии муқаррари васеъ мешаванд. Вобаста ба ин, процессҳои оксидшавии радикалҳои озод ва пероксидшавии липидхо ханӯз суст омӯхта шудаанд [1, с. 2].

Дар адабиётҳо маълумот оиди раванди системаи радикалҳои озод (СРО) ва муҳофизати антиоксидантҳо дар ОМС якранг нест. Дар ҳоле, ки дар амалияи атфол чунин таҳқиқотҳо амалан гузаронида нашудаанд, ки асоси кори мазкур мебошад. Илова бар ин, омӯзиши минбаъдаи равандҳои СРО дар патологияи осеби системаи марказии асаб ва махсусан дар ОМС яке аз сатҳҳои ояндадорест, ки метавонад дар фаҳмидани патогенез ва оптимизатсияи табобатӣ интенсивӣ ва аз ин рӯ, пешгирии дуюминдараҷа барвақти саҳми назаррас расонад.

Ҳамин тариқ, истифодаи антиоксидантҳо бояд ҷузъи ҷудонашаванда дар нигоҳубини табобати интенсивии ОМС бошад.

Мақсади таҳқиқот. Табобати комплексӣ-интенсивии кӯдакони гирифтори осеби вазнини мағзи сар тавассути истифодаи антиоксидантҳо.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқот 112 кӯдакони бемор бо ОВМС, ки дар шуъбаи эҳё ва табобати интенсивии МД Маркази миллии тиббии “Шифобахш” дар давраи 2018-2020 сол бистарӣ буданд дар бар гирифтааст. Аз онҳо: латхӯрии мағзи сар – 56 кӯдак, фишори мағзи сари дар заминаи латхурӣ – 31 кӯдак, шикасти устухонҳои таҳхона (свод черепа) ва сутуни майнаи сар – 25 кӯдак мушоҳида шудааст (ҷад. 1).

Ҷадвали 1. Нишондодҳои беморони гирифтори ОВМС

Нишондодҳо	
Синну соли кӯдакон	13,7±2,5
Сабабҳои ҷарроҳат:	
Садамаҳои нақлиётӣ	64
Ҷароҳатҳои варзишӣ, кӯчагӣ ва маишӣ	18
Афтидан	14
Ҷанг ва муноқиша	11
Дигар сабабҳо	5

Муоинаи неврологӣ аз он ҷумла амиқии депрессия аз рӯйи ҷадвали Глазго –5–8 баллро ташкил дод, маълумотҳои нейровизуалӣ (томографияи компютерӣ) ва электроэнцефалография (ЭЭГ).

Ҳангоми ворид гаштан ба шуъбаи эҳёгарӣ муоинаи баҳодиҳии ҳолатҳои параметрҳои клиникӣ ва биохимиявӣ, инчунин омӯзиши пероксидшавии липидҳо бо муайян кардани кислотаи малондиалдегид (МДА), вазъи системаи антиоксиданти бо роҳи муайянкардани супероксиддисмутаза (СОД) ва таркиби кислотаи аскарбин.

Коркарди статистикии маълумотҳои гирифташуда бо истифода аз усулҳои стандартии коркарди тадқиқоти илмӣ гузаронида шуд.

Натиҷаи таҳқиқот. Таҳқиқот оид ба фаълияти раванди оксидшавии радикалҳои озод ва системаи антиоксидант дар зардобаи хуни кӯдакони гирифтори ОВМС, дар заминаи терапияи комплексии стандартӣ дар муқоиса ба беморони назоратӣ, динамикаи беморӣ тақрибан дар ҳама нишондиҳандаҳо тағйироти аз ҷиҳати омори муҳимро нишон дод. Пайдо шудани нишонаҳои ибтидоии клиникӣ ва лабораторӣ бо зиёдшавии суръати оксидшавии чарбҳои зардобаи хун то 10%, зиёдшавии давраи индуксионӣ бо пастшавии сатҳи умумии чарбҳо ва антиоксидантҳо дар зардобаи хун ҳамроҳи кард. Фаъолияти ферментҳои СОД кам шуд.

Ҷадвали 2. Нишондодҳои биохимиявии хун дар кӯдакони гирифтори ОВМС

Нишондодҳо	Дар вақти қабул		Дар рӯзи 5-ум баъд аз табобат	
	Хуни омехтаи варидӣ (СВК)	Хуни артериявии равон (ОАК)	Хуни омехтаи варидӣ (СВК)	Хуни артериявии равон (ОАК)
Пероксидшавии	0,92±0,18*	1,0 ±0,31	0,62±0,35*	0,69±0,18

липидҳо				
МДА	4,1±1,13	4,4±1,18**	3,1±0,11	3,4±0,11**
СОД	6,5±0,32	8,2±0,15	4,1±0,54	6,2±0,19
Аскорбиновая кислота	1,9±0,35	2,01±1,14	2,2±0,17	2,05±0,21
К+моль/л	3,7±0,28*	3,4±0,12*	3,5±0,10*	3,3±0,15*
Na +моль/л	137±1,5	141±0,7	141±1,4	140±1,2
АсАТ	0,71 ±0,41**	0,83±0,31	0,68±0,10**	0,67±0,26
АлАТ	0,64 ±0,29	0,69 ±0,14*	0,57±0,13	0,61±0,17*

Эзоҳ: Р*<0,05: **<0,001

Динамикаи тағйирёбии мубодилаи газ дар марҳилаи терапияи интенсивӣ қайд карда шуд. Дараҷаи муътадили коҳиши коэфисиенти нафаскаши муайян карда шуд, ки он дар заминаи терапияи стандарӣ интенсиви ва вентилятсияи механикӣ афзун ёфтааст. Коэффисиенти оксигенатсия дар беморон аз рӯзи 1-ум бо таври назаррас 1,5 маротиба афзуда, аз рӯзи 5-ум ба ҳадди максималӣ расид ва 1,9 маротиба афзоиш ёфт. Чунин тамоюлҳо дар беморони гирифтори синдромӣ шадиди дистресии респираторӣ дар афзоиши коэффисиенти оксигенатсия 1,2 маротиба мушоҳида гашт.

Нишондодҳои ЭЭГ беҳтарсозии ҳаракати фаъол ва синдроми ихтилоҷиро нишон доданд.

Ҳамин тариқ, протсесси раванди радикали озод дар беморони гирифтори ОВМС бо коҳишёбии сатҳи фаъолнокии антиоксидии чарбҳо ва ҳифзи антиоксидантҳои ферментативӣ тавсиф карда шудаанд. Баландтарин фаъолшавии пероксидшавии липидҳо ва ҷилавгирии намоёни системаи антиоксидантҳои ферментативӣ дар бемороне гирифтори ОМС ба мушкилоти – пневмонияи аспиратсионӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин таъғйиротҳое, ки дар рафти таҳқиқот пайдо гаштаанд, мавҷудияти робитаи зич ба вобастагии байни параметрҳои оксидшавии радикалҳои озод, ташаккули синдроми илтиҳобии ҷавобӣ, инчунин пешравии вайроншавии функсияи узвҳоро дар беморони осебдида тасдиқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада зарурати дохил кардани антиоксидантҳо бо табобати комплексии ОМС аз марҳилаҳои ибтидоии табобат ба ҳам асоснок мекунад.

АДАБИЁТ

1. Валиуллина С.А. Особенности госпитализированной заболеваемости и качества жизни детей с черепно-мозговой травмой в России / С.А. Валиуллина, Е.А. Шарова // Физическая и реабилитационная медицина, медицинская реабилитация. – 2019. – Т. 2. – № 2(2). – С. 14-18.
2. Доклад о профилактике детского травматизма в Европе / Dinesh Sethi et al.. – [Женева]: Всемирная организация здравоохранения, 2009. – (Европа). – ISBN 978-92-890-4301-4.
3. Рахмонова, П. Э. Некоторые аспекты перекисного окисления липидов и антиоксидантной защиты новорожденных с острой пневмонией / П. Э. Рахмонова, Ф. Х. Тиллоева, З. Н. Набиев // Вестник Академии медицинских наук Таджикистана. – 2016. – № 4. – С. 82-85.
4. Муродов М. Д. Состояние периоксидации и антиоксидантной системы у детей с перинатальной патологией Центральной нервной системы / М. Д. Муродов, А. Р. Мавлонов, М. С. Косимова, З. Н. Набиев // Здравоохранение Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 35-38.
5. Brain Biomarkers in Children After Mild and Severe Traumatic Brain Injury / E. G. Sorokina, E. N. Arsenieva, A. P. Fisenko [et al.] // Acta Neurochirurgica, Supplement. – 2021. – Vol. 131. – P. 103-107.
6. Complex autoantibody responses occur following moderate to severe traumatic brain injury / E. J. Needham, H. S. Mousa, J. L. Jones [et al.] // Journal of Immunology. – 2021. – Vol. 207. – No 1. – P. 90-100.
7. Disorders of Energy Metabolism in Neurons of the Cerebral Cortex During Cerebral Ischemia / E. I. Bon, N. E. Maksimovich, S. M. Karnyushko [et al.] // Biomedical Journal of Scientific and Technical Research. – 2021. – Vol. 40. – No 1. – P. 31932-31937.

8. The prognostic scale CRASH in the treatment of children with severe traumatic brain injury / I. V. Vasilyeva, S. V. Mesherakov, S. B. Arseniev, Z. B. Semenova // Studies in health technology and informatics. – 2015. – Vol. 213. – P. 71-74.

ИСТИФОДАИ АНТИОКСИДАНТҲО ДАР ТАБОБАТИ КОМПЛЕКСИИ ОСЕБИ ВАЗНИНИ МАҒЗИ САР ДАР КӮДАКОН

Кори мазкур ба омӯзиши истифодаи клиникии антиоксидантҳо дар беморони гирифтори ҷароҳатҳои осеби вазнини мағзи сар бахшида шудааст. Муалифон дар асоси таҳлили таърихи бемории 112 кӯдаки гирифтори осеби вазнини мағзи сар, ки дар шуъбаи эҳё ва табобати интенсивии МД Маркази миллии тиббии “Шифобахш” дар давраи 2018-2020 сол бистарӣ буданд дарбар гирифтааст.
Таҳқиқот оид ба фаълияти раванди оксидшавии радикалҳои озод ва системаи антиоксидант дар зардобаи хуни кӯдакони гирифтори ОВМС, дар заминаи терапияи комплексии стандартӣ дар муқоиса ба беморони назоратӣ, динамикаи беморӣ тақрибан дар ҳама нишондиҳандаҳо тағйироти аз ҷиҳати омори муҳимро нишон дод.Ҳамин тариқ, просесси раванди радикали озод дар беморони гирифтори ОВМС бо коҳишёбии сатҳи фаъолнокии антиоксидии чарбҳо ва ҳифзи антиоксидантҳои ферментативӣ тавсиф карда шудаанд.

Калидвожаҳо: антиоксидантҳо, осеби мағзи сар, кӯдакон, табобати антиоксидантӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ АНТИОКСИДАНТОВ В КОМПЛЕКСНОЙ ТЕРАПИИ ТЯЖЕЛОЙ ЧЕРЕПНО-МОЗГОВОЙ ТРАВМЫ У ДЕТЕЙ

Данная работа посвящена изучению клинического применения антиоксидантов у больных с тяжелой черепно-мозговой травмой, на основании анализа историй болезни 112 детей с тяжелыми черепно-мозговыми травмами, находившихся на стационарном лечении в отделении реанимации Национального медицинского центра «Шифобахш» за период 2018-2020 гг.Изучение активности процесса окисления свободных радикалов и антиоксидантной системы в сыворотке крови детей с ТЧМТ на фоне стандартной комплексной терапии по сравнению с контрольными пациентами в динамике заболевания выявило достоверные статистические изменения практически по всем показателям.Таким образом, течение свободнорадикального процесса у больных ТЧМТ характеризуется снижением уровня антиоксидантной активности жиров и защиты ферментативных антиоксидантов.

Ключевые слова: антиоксиданты, черепно-мозговая травма, дети, антиоксидантная терапия.

APPLICATION OF ANTIOXIDANTS IN COMPLEX THERAPY OF SEVERE BRAIN INJURY IN CHILDREN

This work is devoted to the study of the clinical use of antioxidants in patients with severe traumatic brain injury. Based on the analysis of case histories of 112 children with severe traumatic brain injuries who were hospitalized in the intensive care unit of the National Medical Center "Shifobakhsh" for the period 2018-2020.The study of the activity of the process of oxidation of free radicals and the antioxidant system in the blood serum of children with STBI against the background of standard complex therapy compared with control patients in the dynamics of the disease revealed significant statistical changes in almost all indicators.
Thus, the course of the free radical process in patients with STBI is characterized by a decrease in the level of antioxidant activity of fats and the protection of enzymatic antioxidants.

Key words: antioxidants, traumatic brain injury, children, antioxidant therapy.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шамсзода Хизматулло Амирхон*** – докторанти МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони И.Сомони 59; E-mail: zoir_1962@mail.ru;

Курбонов Хайриддин Файзалиевич – унвонҷӯи МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони И.Сомони 59. Тел: (+992) 918-99-22-66

Наимов Сухроб Рустамович – унвонҷӯи МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони И.Сомони 59. Тел: (+992) 777-07-08-41

Сведение об авторах: ***Шамсзода Хизматулло Амирхон*** – докторант ГУ «Республиканский научно клинический центр педиатрии и детской хирургии». Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект И.Сомони, 59. E-mail: zoir_1962@mail.ru;
Курбонов Хайриддин Файзалиевич **–** соискатель ГУ «Республиканский научно-клинический центр педиатрии и детской хирургии». Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект И.Сомони, 59. Тел: (+992) 918-99-22-66**.**
Наимов Сухроб Рустамович **–** соискатель ГУ «Республиканский научно-клинический центр педиатрии и детской хирургии». Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект И.Сомони, 59. Тел: (+992) 777-07-08-41.

Information about the authors: ***Shamszoda Khizmatullo Amirkhon*** **-** doctoral student of the State Institution "Republican scientific clinical center of pediatrics and child surgery". Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni Avenue 59. E-mail: zoir_1962@mail.ru.
Kurbonov Khairiddin Fayzalievich – applicant for the State Institution "Republican scientific and clinical center of pediatrics and child surgery". Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni Avenue 59. Tel: (+992) 918-99-22-66**.**
Naimov Suhrob Rustamovich – applicant for the State Institution "Republican scientific and clinical center of pediatrics and child surgery". Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni Avenue 59. Tel: (+992) 777-07-08-41.

УДК:616-01.04

ТАҲҚИҚОТИ КОЛПОСКОПӢ БАРОИ ПЕШГИРӢ ВА ТАШХИСИ САРАТОНИ ГАРДАНАКИ БАЧАДОН

Каримова О.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мубрамият. Дар ҷаҳон байни намудҳои саратон, саратони гарданаки бачадон (СГБ) аз рӯйи паҳншавӣ дар ҷойи чаҳорум меистад. Соли 2018 занҳое, ки аввалин маротиба дар онҳо саратон ташхис шуд, 570000 нафар буданд ва 311000 нафари онҳо аз саратон фавтиданд, ки 90% он дар давлатҳои бо сатҳи даромади суст ё миёна қайд шудаанд. Аз ҳама сатҳи баланди беморӣ ва фавт дар Африка мебошад, ки он назар ба Америкаи Шимолӣ, Австралия, Зеландияи Нав ва Осиёи Ғарбӣ 7-10 маротиба зиёдтар аст [2]. Дар Тоҷикистон соли 2009 Барномаи Миллии “Пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” татбиқ шуд. Дар он яке аз вазифаҳо-беҳтар намудани сифат ва дастрасии хизматрасониҳо аз рӯйи ташхиси пешакӣ дар сатҳи КАТС, роҳи фарогирии васеи аҳолӣ ба муоинаи пешгирӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои скринингӣ буд [1]. Соли 2020 “Нақшаи амалиёт оид ба пешгириӣ, ташхиси барвақтина, табобат ва ёрии палиативии саратони гарданаки бачадон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” коркард шуд [2]. Барои ташхиси патологияи гарданаки бачадон яке аз усулҳои маъмул ташхиси колпоскопия мебошад [5]. Колпоскопия имконияти ёфтан ва аниқ кардани дигаргуниҳои пардаи луобии гараданаки бачадон ва маҳбалро медиҳад, ки фаҳмидани он ҳангоми муоинаи визуалӣ душвор ё имконнопазир аст [3, с.4]. Ҳангоми скрининги визуалии гарданаки бачадон ҳолати мусбӣ, манфи ё шубҳанок ташхис шуд. Дар байни онҳо аз ҳама зиёд фоизи ҳолатҳои шубҳанок буданд, ки баъди аниқ кардани сабаби онҳо, ки илтиҳоб буд, табобати зиддиилтиҳобӣ гирифтанд ва ба гурӯҳи натиҷаҳояшон манфӣ дохил карда шуданд [5, с.7,9]. Алалхусус, занҳое, ки бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда доштанд, тасвири гарданаки бачадон сахт ба бемориҳои саратон саҳван, монанди дошт. Гарданаи бачадон дар ҳар давраи ҳаёти зан хусусиятҳои клиникӣ ва морфофункционалии хосси худро дорост, ки онҳо намудҳои топографо-анатомӣ ва робитаи байни онҳоро муайян менамояд [8]. Сарҳади байди ду эпителияи бисёрқабатаи суфта ва эпителияи силиндрикии канали сервикалӣ минтақаи гузариш дорад. Минтақаи гузариш то синну соли балоғатӣ берун аз канали сервикалӣ, ҳангоми синни репродуктивӣ дар минтақаи ҳалқуми беруна ва дар пременопауза ба дохили канали сервикалӣ гузашта, эктопия аз байн меравад [6]. Дар занҳои синну солашон калон, постменопауза, ҳангоми колпоскопия, дар бисёр мавридҳо эпителии атрофикӣ вомехӯрад [3]. Баъзан дигаргуниҳои физиологии дар узвҳои таносул рухдиҳандаро чун патология ҳисобидан мумкин аст [11, с.13]. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, мо тасмим гирифтем барои пешгирӣ ва ташхиси саратони гарданаки бачадон ба воситаи колпоскопия дар минтақаи худ муоина гузаронем.

Мақсад ва вазифаҳо: Таҳқиқоти колпоскопӣ барои пешгирӣ ва ташхиси саратони гарданаки бачадон**.**

1.Ташхиси патологияи гараданаки бачадон

2. Ташхиси гурӯҳ аз рӯйи синну соли зан.

3. Муайян кардани сабабҳои патологии гарданаки бачадон.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар базаи ШСР №8 дар МД МСШ √8 ш.Душанбе колпоскопияи гарданаки бачадон дар 920 нафар зан гузаронида шуд. Онҳоро аз рӯйи шикоят, анамнез, муоинаи умумӣ ва маҳбалӣ, ташхис бо усули VIA, WILLI,

колпоскопия, ситологияи канали сервикалӣ баҳо доданд. Давраи ташхис солҳои 2019-2021 дарбар мегирад.

Меъёрҳои дохилшавӣ: занҳои синну соли репродуктивӣ ва пременопауза, розигии огоҳонаи онҳо барои ташхис гирифта шуд.

Муоинаи клиникии беморон арзёбии маълумотҳои анамнестикӣ ва ҳолати объективӣ, колпоскопия, молишак барои сирорят ва ситологияро дар бар мегирад.

Ҳангоми ҷамъоварӣ анамнез, ба синну соли оғози фаъолияти ҷинсӣ, шумораи шарикони ҷинсӣ, вазъи оилавӣ ва мавҷудияти бемориҳои илтиҳобии узвҳои таносул аҳамияти калон дода мешуд. Колпоскопия (колпоскопияи васеъ дар калонкунии 15 ва 30 маротиба, колпоскопия бо филтрҳои ранга) бо истифода аз колпоскопи МК-300 (Украина) гузаронида шуд. Натиҷаҳо дар асоси истилоҳоти байналмилалии истилоҳоти колпоскопӣ, ки дар Конгресси 7-уми умумиҷаҳонии патология ва колпоскопияи бачадон (Рим, 1990, ислоҳшудаи Барселона, 2003) қабул карда шуданд, арзёбӣ карда шуд. Натиҷаи таҳқиқоти ситологӣ дар асоси таснифоти Папаниколау (тағйир додашуда) ва системаи Терминологияи Бетесда, ки соли 1988 пешниҳод шуда буд ва солҳои 1992 ва 2001 тақдиди назар карда шуданд, гузаронида шуд.

Дар ҷараёни ташхиси колпоскопӣ бо истифода аз колпоскоп муоинаи фарҷ, маҳбал ва гарданаки бачадон гузаронида мешавад. Дар он ҳолати пӯст ва луобпардаи онҳо баҳо дода мешаванд. Ҳангоми ташхис гарданаки бачадонро шартан ба қисмҳо ҷудо карда, баъд маҳлули 3-5% туршии сиркоро апликатсия мекунанд. Туршии сирко луоби ҷудошудаи гарданаки бачадонро тоза мекунад, ҳуҷайраҳои эпителий ранги сафеди хокистарӣ доранд, ки он ва релефи пардаҳои луобӣ пас аз чанд сония аён мешаванд ва то 3-4 дақиқа давом медиҳад. Дар ин муддат онро бояд шарҳ дод. Эпителии бисёрқабатаи ҳамвори осебёфта аз таъсири маҳлули 3-5% сирко ранги сафедро мегирад. Ҳангоми молидани маҳлули 3% обии Люгол дар меъёр, эпителии болиғи бисёрқабатаи ҳамвори гарданаки бачадон ранги сиёҳи қаҳварангро мегирад (усули Шиллер мусбӣ). Ҳамаи эпителияҳои патологии дигаргуншуда (ҳолатҳои заминавии хушсифат, пеш аз саратонӣ ва саратон) бо маҳлули Люгол ранг намегиранд ё ранги зарди равшанро доро мешаванд, ки чун минтақаи йоднегативӣ маълум мешаванд. Шиддатнокии ранг аз гликогенӣ дар ҳуҷайра буда мебошад, ки он таъминоти организми зан аз эстрогенро нишон медиҳад [13, с.14,15].

Ҳангоми колпоскопия ҳолати эпителий, пайвастшавии намудҳои гуногуни он, ҳолати ғадудҳо, релефи сатҳи бофтаи пайвандӣ ва меъмории умумӣ арзёбӣ карда шуд. Ба тасвири муқаррарии колпоскопӣ эпителияи қабати сквамозӣ ва силиндрӣ, минтақаи тағйирёбанда хос буд. Дар тасвири ғайримуқаррарӣ эпителияи атсетосафед, мозаика, пунктуатсия ва ҳузури рагҳои атипӣ мавҷуд буд. Ҳангоми муайян кардани манбаъҳои эпителияи атипӣ, ҷойгиршавӣ, масоҳат ва канораҳои он, вазнинии аломатҳои ғайримуқаррарӣ, намунаи рагҳо, шиддат ва якрангии ранги эпителий бо туршии уксус ва Люгол арзёбӣ карда шуданд. Минтақаҳое, ки норасоиҳои атипии муайяншуда доштанд таҳти ҳадафи биопсия қарор гирифтанд [10].

Натиҷа. Дар таҳқиқот аз рӯйи синну сол: то 30 сола 334 зан (36,3%) ва аз 30 боло 586 (63,7%), ки дар байни онҳо занҳои бо менопауза ҳам муоина карда шуданд. Аз онҳо ҳудмуроҷиат 83 (9%) ва бо роҳхати табибон 837 (91%) ташкил доданд.

Ҷадвали 1. Нишондодҳои натиҷаҳои колпоскопия

№	Нишондодҳо	2019		2020		2021	
		мутлақ	%	Мутлақ	%	мутлақ	%
	Ҳамаги гузаштанд	334	100	160	100	426	100
1	Ҳолатҳои хушсифат	274	82	145	90,6	410	96,2
	Ҳолатҳои шубҳанок	60	18	15	9,4	16	3,8
	Саратони гарданаки бачадон						
2	Муоинаи ситологияи мақсаднок	251	75,1	95	59,4	383	89,9
	Занони аз 30 боло	201	80	69	72,6	363	94,8
	Ҳолатҳои хушсифат	237	94,4	83	89,4	383	100
	Дисплазияи ГБ ва CIS	13	5,2	12	10,6		
4	Carsinoma coli uteri	1	0,4				

Умуман, ҳангоми ташхиси колпоскопӣ шумораи занҳои синнашон аз 30 - сола боло 633(87%) нафар ситология гузаштанд. Ин шаҳодат медиҳад дар бораи вохӯрии патология дар байни занҳои ҷавони то ва аз 30 сола боло, бо басомади 1: 2. Ҳангоми ҳолатҳои шубҳанок 91(10%) илова молишак барои сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (ББАҶГ), ташхис шуд. Дар натиҷа: сироят чун моноинфексия дар 30 зан (32,6%), дар дигар 61 зан он бо дигар сироятҳои урогениталӣ алоқаманд буд: микоплазмоз – дар 8(9,8%), хламидиоз – дар 22 (24,1%), уреаплазмоз – дар 8 (8,8%), сирояти герпесвирус – дар12(13,2%), кандидоз – 10(11%), сирояти папилломавирус бо сӯзок 1(1,1%) ва трихомониаз дар 1(1,1%) ҳамроҳ шуда, мушоҳида шуд.

Баъди ташхиси колпоскопӣ, ба 729 зан муоинаи ситологӣ аз рӯйи усули Папаниколау гузаронида шуд. Натиҷаҳои муоинаи цитологӣ дар ҷадвал нишон дода шудаанд: дар соли 2019 аз 251 зани ташхиси ситологӣ гузашта, дар 13 нафар дисплазияҳои гуногун ва 1 саратони гарданаки бачадон тасдиқ шуд. Соли 2020 аз 95 ҳодисаи ситология шуда, дар 12 нафар дисплазия ташхис шуд ва соли 2021 аз 383 ягон нафар бо дисплазия ёфта нашуд. Аз натиҷаҳо бармеояд, ки сол аз сол дисплазия камтар ташхис шуда истодааст, лекин бо ин маълумот ором шудан лозим нест, чунки дар эктопияе, ки ҳолати физиологӣ ҳисобида мешавад, метавонад патология ташхис шавад.

Тадқиқоти колпоскопии гузаронидашуда, нишон доданд, ки аз 134 нафар беморони гурӯҳи якум то 30 сола, дар 130(97%) патологияи гарданаки бачадон ташхис шуд, дар гурӯҳи дуюм, ки солашон аз 30 боло ин нишондиҳанда аз 499 зан-489 (98%) -нафарро ташкил дод.

Тасвири хосси колпоскопӣ дар узвҳо ташаккули эпителияи сафед бо афзоиши ба ангушт монанд буд, ки ташаккулро шакли номунтазам медиҳад. Дар ин афзоишҳо, пас аз ташхис ва табобати макони осеб бо маҳлули 3% кислотаи уксус, шабакаи дурусти капилляр пайдо шуд, ки ин меъёри муҳимми ташхисӣ мебошад. Тавре, ки таҳқиқотҳо нишон доданд, дар байни занони ташхисшуда "Намудҳои колпоскопии ғайримуқаррарӣ" 25(3,9%) буданд: пунктуатсия, эпителияи атсетосафед, мозаикаи нозук ва ноҳамвор, лейкоплакияи тунук ва ғафс, минтақаи йод манфӣ буданд, ки умуми карда Lsil ва "Колпоскопияи ғайриқаноатбахш" 1(0,2%) дар бар мегирад: "сарҳади эпителия ба чашм намерасад" Hsil қайд кардем.

Дар занҳои синну соли пременопауза гарданаки бачадон нобаробар пӯшида шудааст бо эпителии тунукшудаи бисёрқабатаи ҳамвор (ЭБҲ), дар зери ЭБҲ тунукшуда хунрагҳои субэпителиалии стромаи роҳҳояшон дуруст, ки бисёр вақт хуншор мешаванд ва ҳангоми молидан бо маҳлули 3% сирко на ҳама вақт кашиш мехӯранд, дида мешаванд. Сарҳади эпителийҳои ЭБҲ ва силиндрикӣ дар 92% муоинаҳо дар сатҳи ҳалқуми беруна ва 8% муайян намешаванд. Дар 91,9% ҳолат атрофияи гуногуни маҳбал ва гарданаки бачадон дида мешавад. Тести Шиллер – мусбии суст дар 100%. Ҳамин тавр, аз патология аз ҳама зиёд экзосервисити атрофикӣ. Минтақаи трансформатсия дар 5%. Патологияи гарданак –лейкоплакияи оддӣ дар 2% дида мешуд.

Хулоса. Ҳисоби занҳое, ки худ муроҷиат мекунанд назар ба занҳои роҳҳати табибон аз колпоскопия мегузаранд камтар мебошад, чунки онҳо ба ҳолати худ баҳои дуруст дода наметавонанд ҳарчанд бемор ҳам бошанд. Патология гарданаки бачадон дар онҳо умуман дар 98% ҳолатҳо ҷой дошт. Ташхиси синну соли нишон дод, ки дар ҳамаи синну сол патологияи гарданаки бачадон вомехӯрад. Сабабҳои ҳолати патологӣ дар гарданаки бачадон микрофлораи бемориҳои бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда мебошанд, ки метавонанд ҳангоми ташхис саҳв шаванд ва дар оянда ба саратон оварда расонанд.

Тавсия. Мубориза бояд гуногунсоҳа бошад, ин: ҷузъҳои маърифатии ҷомеа, сафарбаркунии иҷтимоӣ, эмкунӣ, скрининг, табобат ва кӯмаки паллиативӣ.

Занҳои синну соли фаъоли ҷинсӣ бояд муоинаи акушер-гинекологи минтақавиро гузашта, колпоскопия ва барои ҳуҷайраҳои ғайримуқаррарии гарданаки бачадон ташхиси ситологиро гузаранд. Табобати иллатҳои пеш аз саратон тавсия дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи Миллии “Пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 ” ҶТ соли 2009.
2. План действия по профилактике, ранней диагностике, лечению и паллиативной помощи рака шейки матки в Республике Таджикистан на 2021-2030 гг.
3. Под редак. профессора Прилепской В.Н. Заболевания шейки матки. Клинические лекции. -Москва, 1997. –С. 16-25.
4. Ҳолатҳои хушсифат, заминавӣ ва пешазсаратонии гарданаки бачадон. Мухаммадиева С.М., Хайриддинова Дж.А., Амонова Ш.Ш. Дастури таълимӣ-методӣ. –Душанбе, 2009.
5. Пирова М.Г. Асосҳои колпоскопия / М.Г.Пирова, Ф.М.Абдураҳмонова, Ш.И.Холова. –Душанбе, 2016. -С. 22-27.
6. Апгар Б.С. Клиническая кольпоскопия / Б.С.Апгар, Г.Л.Броцман, М.Шпицер Практическое руководство. “Практическая медицина” -М., 2017. -С. 60-73.
7. Пяткин К.Д. Микробиология / К.Д. Пяткин, Ю.С.Кривошеин. “Медицина”, 1980, -С. 469.
8. Савельева Г.М. Гинекология / Г.М. Савельева. Национальное руководство. М.: “ГЭОТАР-Медиа”, 2008.
9. Каримова О.А. Скрининги визуалии пешгирӣ ва ташхиси патологияи гарданаки бачадон / О.А. Каримова // Илм ва инноватсия. -Душанбе, 2022. -С. 58-63.
10. Козаченко В.П. Ташхис ва табобати дисплазияҳои эпителиалӣ ва саратони пешинвазивии гарданаки бачадон / В.П. Козаченко // Бемориҳои гарданаки бачадон, маҳбал ва вулва. Лексияҳои клиникӣ / Ed. проф. В.Н. Кайлепская. М.: ВРИС, нашри 2000. -С. 139-152.
11. Роговская С.И. Сирояти папилломавируси инсон дар занон ва патология сервикал / С.И.Роговская. -Москва: гурӯҳи "GEOTAR - Медиа", 2005. -С. 15-17.
12. Афанасьев М.С. Комплексное лечение цервикальной интраэпителиальной неоплазии у пациенток после перенесенного хламидиоза: автореф...дис... канд.мед.наук / М.С. Афанасьев. –М.: 2006.
13. Багии М. Кольпоскопия. Атлас-справочник / М.Багии. – М: Практика, 2008. -С. 340.
14. Вилям В. Акушерство и гинекология / В.Вилям, Дж.Бек. Перевод с английского под.ред. Савельева Г.М., Сичинава Л.Г. ГЭОТАР Медицина. -М.,1991. -С. 420-429.
15. Василевская Л.Н. Предраковые заболевания и начальные формы рака шейки матки / Л.Н.Василевская, М.Л.Винокур, М.И. Никитина. – М.: Медицина.

ТАҲҚИҚОТИ КОЛПОСКОПӢ БАРОИ ПЕШГИРӢ ВА ТАШХИСИ САРАТОНИ ГАРДАНАКИ БАЧАДОН

Дар мақола сухан дар бораи таҳқиқоти колпоскопӣ барои пешгирӣ ва ташхиси саратони гарданаки бачадон меравад. Барои ин 920 занро колпоскопия карда, онҳоро ба ду гурӯҳ: гурӯҳи якум занҳои то 30 сола ва гурӯҳи дуюм аз 30 сола боло, ки дар байни онҳо як гурӯҳ занҳои давраи менопауза ҳам буданд. Ҳангоми муоина маълум шуд, ки занҳои ҳар ду гурӯҳ дар 98% ҳолат патологияи гарданаки бачадонро доранд. Намудҳои шубҳанок - 91(10%), ҳангоми муоина бо колпоскоп, илова боз сирояти бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаро муайян кардан**.** Дар натиҷа ташхис шуд: сироят чун моноинфексия дар 30 зан (32,6%), дар дигар 61 зан он бо дигар сироятҳои урогениталӣ алоқаманд буданд: микоплазмоз – дар 8(9,8%), хламидиоз – дар 22 (24,1%), уреаплазмоз – дар 8 (8,8%), сирояти герпесвирус – дар 12 (13,2%) ва кандидоз – 10(11%) беморон, сирояти папилломавирус бо сӯзок 1(1,1%) ва трихомониаз 1(1,1%) ҳамроҳ карда шуда, мушоҳида шуд.

Калидвожаҳо: колпоскопия, гарданаки бачадон, саратон, тест ВИЛЛИ, ВИА, эпителияи атипӣ, луобпарда, маҳбал, дисплазия, эктопия.

КОЛПОСКОПИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ДЛЯ ПРОФИЛАКТИКИ И ДИАГНОСТИКИ РАКА ШЕЙКИ МАТКИ

В статье речь идет о колпоскопическом исследовании для профилактики и диагностики рака шейки матки. Для этого было проведено кольпоскопия у 920 женщин, которых разделили на 2 группы: 1 группа в возрасте до 30 лет и вторая группа старше 30 лет, в которую также входили женщины с пременопаузой. При исследовании установили, что в обеих группах обнаружено патология шейки матки в 98% случаях. Сомнительные случаи колпоскопии были дополнительно обследованы на наличие инфекции, передающейся половым путем (ИППП). В результате установлено, что наблюдаются: моноинфекции у 30(32,6%), а 61 совместно с другими видами урогенитальной инфекции: микоплазмоз – 8(9,8%), хламидиоз – 22 (24,1%), уреаплазмоз – 8 (8,8%), вирус герпеса–12(13,2%), кандидоз – 10(11%), вирус папилломы человека- 1(1,1%) и трихомониаз в 1(1,1%) случаях.

Ключевые слова: кольпоскопия, шейка матки, рак, тест ВИЛЛИ, ВИА, атипический эпителий, слизистая, влагалище, дисплазия, эктопия.

COLPOSCOPIC EXAMINATION FOR PREVENTION AND DIAGNOSIS OF CERVICAL CANCER

The article deals with COLPOSCOPIC EXAMINATION FOR PREVENTION AND DIAGNOSIS OF CERVICAL CANCER. For this colposcopy was performed on 920 women, who were divided into 2 groups: 1 group under the age of 30 and the second group over 30, which also included women with premenopause. The stady found that in both groups, cervical pathology was found in 98% of cases. Doubtful cases of colposcohy were additionally examined for the sexualiy transmitted infections. Fs a result it was found that there fre: monoinfections in 30 (32,6%), and 61jointlu others types urogenital infections: mycoplasmosis–8(9,8%), chlamidiasis10 (11%), human papillomavirus – 1(1,1%), virus herpes -12 (13,2%), and trichomoniasis in 1(1,1%) cases.

Key words: colposcopy, cervix, canser, WILLY test, VIA, atypical, mucosa, vagina, dysplasia, ectopia.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримова Олтиной Абдусаломовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи тахшиси функционалӣ ва лабораторияи клиникӣ.Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 . E-mail: **oltinoyk@bk.ru** Телефон: **93-885-51-44.**

Сведение об авторе: Каримова Олтиной Абдусаломовна – кандидат медицинских наук, доцент, заведующая кафедрой функциональной диагностики и клинической лаборатории Таджикского национального университета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. E-mail: **oltinoyk@bk.ru** Телефон: **93-885-51-44.**

Information about author: Karimova Oltinoy Abdusalomovna - Candidate of Medical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Functional Diagnostics and Clinical Laboratory of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
E-mail: oltinoyk@bk.ru Phone: 93 8 85 51 44.

УДК:616069.8 (575.3)

ТАВСИФИ ҶАРАЁНИ COVID-19 ДАР БАЙНИ АҲОЛИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР МАРҲИЛАИ ПАНДЕМИЯ

Одинаев Н.С., Бойназарова М., Тағоҷонов З.Ф., Холмуродова З.А., Кимсанов А.Б., Назарова .Ф.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаминро бояд дарҷ намуд, ки ҷараёни бемории сироятии нави COVID-19 аз бисёр омилҳо (синну сол, бемориҳои ҳамрадиф ва ғайра) вобастагӣ дорад. Аз рӯйи маълумотҳои [3, с.7] мизоҷони синну солашон миёна ва ҷавонони аз бемориҳои ҳамрадиф орӣ ба бемории сироятии COVID-19 ба мавзеъҳои болоии роҳҳои нафас осеб мегузорад ва бештар то 58% бе аломати беморӣ (бе таб) ва ё бо аломатҳои хело паст мегузарад.

Аз рӯйи таҳлили эпидемиологии [2, с.6] дар Маркази шаҳрии саломатӣ, муаллифон аз рӯйи 818 мизоҷони бо аломати вируси нав COVID-19, дар марҳилаи эпидемия ба қайд гирифташуда [4, с.9] дар байнашон 140 (17,1%) нафар, бо роҳи бистари намудан дар беморхона ва 678 (82,9%) нафарашон табобати амбулаторӣ бо назорати духтурӣ оилавӣ дар хона табобат гирифтаанд.

Аз ҳама осепазир дар раванди вазнини хатарнокии ҳайётан муҳимми сирояти COVID-19 ин беморони ҳамрадиф мебошад. Муаллифон маълум менамоянд, ки 62 нафар мизоҷони ба ин беморӣ гирифторшуда бемории ҳамрадиф доштанд. Аз ин, бемориҳои ҳамрадиф фишорбаландӣ 2,7%, диабети қанд 2,6%, фарбеҳии дараҷаи 2-3 то 1,7%, бемориҳои ишимикии дил 1,5%, пиелонефрити музмин 0,4%. Инчунин, муаллифон аз фавти беморон дар беморхона табобатгирифта маъумот медиҳанд. Асосан то 2,9% беморони ҳамрадифдор ба фавт гирифтор гаштаанд. Аз ахбороти муаллифон бармеояд, ки ҷараёни ин беморӣ аз беморони ҳамрадиф вобастагии зич дорад, ки боз ба омӯзиш ниёз дорад.

Мақсади татқиқот – тавсифи ҷараёни COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе дар марҳилаи пандемия.

Мавод ва усулҳо. Ҳамагӣ 156 нафар истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе дар марҳилаи пандемия аз татқиқот гузаронида шуд, ки 74 (47,4%) нафари онҳоро мардон ва 82 (52,5%) нафарашонро занон ташкил медоданд.

Дар рафти татқиқот маълум гардид, ки аз ин 150 нафар ҳамагӣ 86 (55,1%) нафар аз вирусии нав COVID-19 сирояток гардидаанд. Дар 70 (44,9%) нафари дигари мизоҷон аломатҳои сироятпазирии ин беморӣ дида нашуд [2, с.4].

Татқиқот бо усули ретроспективӣ, саволнома (анкета), таҳлили муоинаи клиники лабораторӣ ва иструментали гузаронида шуд.

Натиҷаҳои татқиқот ва баррасии онҳо. Дар натиҷаи таҳлилу тадқиқоти гузаронидашуда дар 86 нафар аломатҳои сироятнокшавии вируси нав COVID-19 маълум гардид.

Ҷадвали 1.Тақсимоти мизоҷон аз рӯйи сироятпазирӣ ва сироятнопазирӣ аз COVID-19

Синну сол	Сироятпазирӣ COVID-19						Сироятнопазирӣ COVID-19						Умумӣ	
	Мардон		Занон		Ҳамагӣ		Мардҳо		Занҳо		Хамагӣ			
	n	%	N	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
20-30	10	11,6	8	9,3	18	20,9	10	14,3	14	20,0	24	34,3	42	26,9
31-40	15	17,4	9	10,5	24	27,9	7	10,0	11	15,7	18	25,7	42	
41-50	13	15,1	7	8,1	20	23,3	2	2,8	10	14,3	12	17,2	32	20,5
51-60	12	14,0	6	7,0	18	20,9	3	4,3	9	12,8	12	17,2	30	19,2

61 и боло	2	2,3	4	4,7	6	7,0	-		4	5,7	4	5,7	10	6,4
Ҳамагӣ	52	60,5	34	39,5	86	100	22	31,4	48	68,6	70	100	156	100
Умумӣ	52	33,3	34	1,8	86	55,1	22	14,1	48	30,7	70	44,9	156	100

Дар 70 (100%) нафари мизоҷон аломатҳои сироятпазирӣ ва беморӣ аз вируси нави COVID-19 мушоҳида нашуд.

Таҳлили синну соли сироятшудагон ва онҳое, ки сироят нашудаанд чунин натиҷа дод:

- мизоҷони 20-30 сола ки сироят ёфтаанд ҳамагӣ 18 (20,9%) нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 10 (11,6%) нафар мардон ва 8 (9,3%) нафар занон буданд. Дар ин гурӯҳи синни 20- 30 сола ҳамагӣ 24 (34,4%) нафарашон аломати сироятнокпазири ва бемориро доро набуданд, ки аз ин миқдор мардон 10 (14,3%) нафар ва занон бошад 14 (20,0%) нафарро ташкил медоданд. Чӣ тавре, ки маълум аст бештари ин гурӯҳ ба вируси нав сироятнопазир буданд;

- ҳамин тавр, мизоҷони 31-40 сола 24 (27,9%) нафар аз вируси COVID-19 сироят шудаанд аз ин миқдор 9 (10,5%) нафарашонро мардон ва 15(17,4%) нафарашонро занон ташкил медод. Инчунин, аз ин гурӯҳ дар 18 (25,7%) нафар мизоҷон аломати сироятнокии вируси нав дида нашуд, аз ин миқдор 7 (10,0%) нафарро мирдон ва 11 (15,7%) нафарро занон ташкил медоданд;

- гурӯҳи 41-50 сола ҳамагӣ 20 (23,2%) нафар сироятнокшуда, аз ин миқдор мардон 7 (8,1%) ва занон 13 (15,1%) нафарро ташкил медод. Ҳамагӣ 12 (17,2%) нафар мизоҷон аз вируси нав COVID- сироят нашудаанд аз ин миқдор мардон 2 (2,9%) ва занон 10 (14,3%) ташкил медод;

- гурӯҳи 51-60 сола 18 (20,9%) нафар аз вирусӣ COVID-19 сироятпазир буда аз ин миқдор 6 (6,9%) мардон ва 12 (13,9%) нафарашонро занон ташкил медод. Дар 12 (17,2%) нафар мизоҷони ин гурӯҳ сироятпазирии вируси нав дида нашуд, аз ин миқдор мардон 3 (4,3%) нафар ва занон 5 (7,1%) нафар;

- гурӯҳи синну соли 61 боло 6 (6,9%) нафар мизоҷон аз вируси COVID-19 сироят ёфтаанд аз ин миқдор 4 (8,1%) мардон ва 2 (2,3%) занон ташкил медод. Дар 4 (5,7%) нафар мизоҷони ин гурӯҳ аломати сироятнокии вируси нав дида намешуд.

Ҳамин тариқ, аз 156 нафар (100%) сокинони шаҳри Душанбе муоинашуда 86 нафар (55,1%) ба бемории COVID-19 гирифтор шудаанд ва 70 нафар (44,9%) аломатҳои сирояти ин сироятро мушоҳида накардаанд.

Дар як пажӯҳиш аз рӯйи гурӯҳҳои синну сол ҷавонони 20-30-сола дигар ба COVID-19 мубтало нашудаанд. Дар вақти ҷудо намудани мизоҷон аз рӯйи ҷойи истиқоматашон маълум гардид, ки аз 86 (100%) нафар сироятёфтагон бо вируси COVID-19 ҳамагӣ 66 (76,7%) нафарашон дар хонаҳои баландошёна истиқомат мекунанд. Аз ин миқдор 31 (36,0) нафарашонро мардон ва 35 (40,7%) занон ташкил медоданд.

Ҷадвали 2. Тақсимоти мизоҷон аз рӯйи ҷойи истиқомат

Сину сол	Бисёрошёна						Хонаи шахсӣ						Умумӣ	
	Мардон		Занҳо		Ҳамагӣ		Мардон		Занҳо		ҳамагӣ			
N\N				%	n	%		%	n	%	n	%	n	
20-30		12,1		9,1	14	21,2		15,0	1	5,0	4	20,0	18	20,9
31-40		12,1	1	16,7	19	28,8		10,0	3	15,0	5	25,0	24	27,9
41-50		12,1		10,6	15	22,7		15,0		10,0		25,0	20	23,2

51-60		7,6	11	16,7	16	24,2		5,0		5,0		10,0	18	20,9
61 боло		3,0				3,0		10,0		0,0		0,0		6,9
Хамаги	1	47,0	5	53,0	6	100	11	55,0		5,0	0	00	86	100
Умумй	1	6,0	5	0,7	6	76,7	11	12,0		0,5	0	3,3	86	100

Ҳамагӣ 20 (23,3%) мизоҷон дар хонаҳои истиқоматии хусуси истиқомат менамуданд, аз ин миқдор мардон 11 (12,0%), занон бошад 9 (10,5%) нафарро ташкил медоданд.

Ҳамин тариқ, аксарияти беморони гирифтори COVID-19 76,7% дар биноҳои бисёрошёна зиндагӣ мекарданд.

Дар ҷадвали навбатии 3 мо миқдорӣ сироятёфтагони COVID-19 дар моҳҳои фасли сол тақсим намудем.

Маълум гардид, ки аз 86 (100%) нафар сироятёфтагони COVID-19 ҳамагӣ 26 (30,2%) нафарашон дар моҳӣ март, 33 (38,4%) дар моҳи апрел, 18 (20,9%) дар моҳи май, 6 (6,9%) моҳи июн ва 2,3% бошад дар моҳи июл сироят ёфтаанд.

Ҷадвали 3. Шумораи беморшудагон COVID-19 дар моҳҳо

Сокинони ш. Душанбе, ки ба COVID – 19 дар моҳҳои соли 2020 гирифтор шудаанд																
Синну сол	Март		Апрел		Май		Июн		Июл		Август		Сентябр		Хамагӣ	
\N																
0-30		4,6		8,2		6,7									8	0,9
1-40		3,1	0	0,3		2,2		3,3		0,0					4	7,9
1-50		9,2		7,3		7,8		6,7							0	3,3
1-60		5,4		8,2		7,8		3,3		0,0					8	0,9
61 боло		,7		,1		,6		6,7								7,0
Умумӣ	6	00	3	00	8	00		00		00					6	00
мумӣ	6	0,2	3	8,4	8	0,9		,9		,3					6	00

Ҳамин тавр, бештари мизоҷон 77 (89,5%) аз вируси нав COVID-19 дар баҳор, оғози пандемия сироят ёфтаанд.

Дар ҷадвали навбатӣ 3 мо таҳлили сироятёфтагони вируси COVID-19 ва гирифтории онҳо бо намудҳои бемори ҷо намудем. Маълум гардид, ки аз 86 (100%) нафар сироятёфтагони COVID-19, 18 (20,9%) нафарашон бо аломатҳои пневмония аз ин миқдор 11 (12,7%) нафарашон мардон ва 7 (8,1%) занон ташкил медод. Бештари мизоҷон 68 (79,1%) нафар бо аломатҳои намуди (БШВРН) бемориҳои шадиди вирусии роҳҳои нафас маълум гардиданд. Аз ин миқдор 23 (26,7%) нафарашон мардон ва 45 (52,3%) нафарашонро занон ташкил медод.

Дар вақти тақсим намудани онҳо бо гурӯҳҳо маълум гардид: - дар синну соли 20-30 сола аз 18 (20,9%) нафар сироятёфтагони COVID-19 ҳамаашон аломатҳои БШРН доро буданд. Аз ин миқдор мардон ҳамагӣ 8 (9,3%), занон бошад 10 (11,6%) ташкил медоданд. Намуди илтиҳобӣ шуш дар ин гурӯҳ беморон дида нашуд; Дар гурӯҳи - 31-40 сола аз 24 (27,9%) нафар сироятдидагони COVID-19 бо аломатҳои

БШРН 21(30,9%) нафарро ташкил медод, аз ин миқдор мардон 6 (6,9%) нафар, ва занон бошад 15 (17,4%) нафарро ташкил медоданд. Аз ин гурӯҳ 3 (3,5%) нафарашон бо аломатҳои пневмония маълум гардид, ки ҳамаашонро мардон буданд;

- дар гурӯҳи 41-50 сола аз 20 (23,3%) нафар сироятёфтагон, бо аломатҳои БШРН ҳамаги дар 11(12,7%) нафар маълум гардид, ки аз ин миқдор мардон 8 (9,3%) нафар, ва занон бошад 11(12,8%) нафарро ташкил медоданд. Бо аломати пневмония ҳамагӣ 9 (10,4%) нафар маълум гардид, ки аз ин миқдор мардон 4 (4,7%) нафар ва занон 5 (5,8%) буданд;

- дар гурӯҳи синну соли 51-60 сироятёфтагон ҳамагӣ 18(20,9%) ташкил медод. Аз ин миқдор бо аломатҳои БШРН 15 (17,4%) нафар маълум гардид, ки мардон 11(12,7%) нафар ва занон 15 (17,4%) нафар буданд. Бо аломатҳои пневмония дар ин гурӯҳ ҳамагӣ 3 (16,7%) нафар маълум гардид, ки мардон 2 (2,3%) нафар ва занон 1 (1,2%) нафар ташкил медод; - дар гурӯҳи синну соли 61 ва боло аз он сироятёфтагон ҳамагӣ 6 (7,0%) нафарро ташкил медод, ки аз ин миқдор 3 (3,5%) нафар бо аломатҳои БШРН мардон ва 2 (2,3%) нафари онҳо занон 1 (1,2%) буданд. Ҳамагӣ 3 (3,5%) нафар бо намуди пневмония маълум гардид, ки аз инҳо мардонро 2 (2,3%) нафар ва 1 (1,2%) занон ташкил медод.

Ҷадвали 4 .Тақсими интиқоли як ҳолати COVID-19 дар шакли пневмония ва БВРН

Синну сол	Илтиҳоби шушҳо							Бо намуди БРН					Умумӣ	
	Мардҳо		Занҳо		Умумӣ			Мардҳо	Занҳо		Умумӣ			
N\N				%		%	n	%	n	%	n	%	n	%
20-30				-		-	8	11,8	10	14,7	18	26,5	18	20,9
31-40		6,7		-		16,7	6	8,8	15	22,5	21	30,9	24	27,9
41-50		2,2		25,0		50,0	3	4,4	8	11,8	11	16,7	20	23,3
51-60		1,1		5,0		16,7	4	5,9	11	16,2	15	22.1	18	20,9
61 боло		1,1		5,0		16,7	2	2,9	1	1,5	3	4,4	6	7,0
Умумӣ	11	1,1		38,9	8	100	23	33,8	45	66,2	68	100	86	100
Умумӣ	11	2,7		8,1	8	20,9	23	26,7	45	52,3	68	79,1	86	100

Ҳамин тавр, бештари мизоҷони бо COVID-19 сироятёфта 71,9% бо намудӣ БШРН маълум гардиданд, ки аз ин миқдор зиёда аз 52,3% онҳоро занон ва ҳамагӣ 26,7% мардон ташкил медод. Бо намуди пневмония бошад 18 (20,9%) нафар маълум гардид, ки аз ин миқдор 12,7% нафари онҳоро мардон 8,1% нафарашонро занон ташкил медоданд.

Дар ҷадвали навбати мо миқдори бо аломатҳои пневмония сироятёфтагони COVID-19 ва вобастаги ба ҷойи истиқомати онҳоро муайян намудем. Ҳамин тавр, аз 86(100%) сироятёфтагони COVID-19, 18(20,9%) нафарашон бо аломатҳои пневмонии маълум гардид. Аз ин миқдор дар хонаҳои бисёрошёнагӣ 16 (18,6%) нафар зиндагӣ мекарданд. Ҳамагӣ 11 (12,8%) нафари онҳоро мардон ва 5 (5,8%) нафарашонро занон ташкил медоданд. Дар хонаҳои хусусии як ошёна ҳамагӣ 4 (4,6%) нафар мизоҷон зиндагӣ мекарданд.

Ҷадвали 5. Шахсони ба итиҳобӣ COVID-и дучоршуда аз рӯйи мавқеи зисташон

Синну сол	Бисёрошёна						Хонаи шахсӣ						Умумӣ	
	Мардҳо		Занҳо		Умумӣ		Мардҳо		Занҳо		Умумӣ			
N\N	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
20-30			-	-	-			-	-	-	-	-	-	
31-40	3	18,7	-	-	3	18,7		-	-	-	-	-	3	15,0
41-50	4	25,0	2	25,0	6	50,0		25,0	-	-	-	-	7	45,0
51-60	2	12,5	3	6,2	5	18,7		50,0	-	-	1	50,0	5	25,0
61 боло	2	12,5	-	-	2	12,5		25,0	-	-	1	25,0		15,0
Умумӣ	11	68,7	5	31,3	16	100		100	-	-	2	100	18	100
Умумӣ	11	55,0	5	25,0	16	80		20,0	-	-	2	20,0	18	100

Ҳамин тариқ, бештари сироятёфтагони COVID-19 бо намуди пневмония 18,6% дар хонаҳои бисёрошёна зиндагӣ мекунанд. Дар хонаҳои хусуси ҳамагӣ 4,6% зиндагони мекунанд.

Дар ҷадвали 5 мо таҳлили гирифторшавии пневминияро бо моҳҳо тақсим намудем. Маълум гардид, ки аз 86 (100%) сироятёфтагони COVID-19 ҳамагӣ 20 (23,2) нафарашон бо аломатҳои пневмония маълум гардиданд. Дар огозӣ пандемии моҳӣ март ҳамагӣ 9 (10,4%), апрель 6 (6,9%), май 2 (11,1%) бо пневмония гирифтор шудаанд.

Ҷадвали 6. Тақсимоти беморони гирифтори COVID – 19 аз рӯйи моҳҳо

Синну сол	**Март**		**Апрел**		**Май**		**Июн**		**Июл**		**Август**		**Умумӣ**	
N\N	n	%	n	%	n	%	n	%	N	%	n	%	n	%
20-30	-	-	-	-	-								-	-
31-40	3	16,7	-	-									3	16,7
41-50	4	22,2	2	11,1		5,5							7	38,8
51-60	2	11,1	1	5,5		5,5							5	30,0
61 боло	-		3	16,7									3	27,7
Умумӣ	9	100	6	100		100							18	100
Умумӣ	9	10,4	6	6,9		11,1							18	20,9

Ҳамин тавр, бемории пневмония дар байни сироятдидагони COVID-19 асосан дар моҳҳои баҳори дида мешуд. Ин алоқаманди аз сабаби баланд будани вируленти ва токсогении вирус дар ин мавсими солро муайян менамояд.

Дараҷаи сироятнокии COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе дар марҳилаи пандемияи 2020. Дар ҷадвали навбатии 6 мо таҳлили натиҷаи саволнома дар бораи дараҷаи сироятёбии аъзоёни оилаҳо аз COVID-19 дар байни истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе муаян намудем.

Аз 86 (100%) сироятёфтагони COVID-19 ҳамагӣ 53 (61,6%) нафарашон маълум намуданд, ки дар марҳилаи бемори аъзоёни оилаи худро сироятнок намудаанд. Аз ин миқдор 20 (23,3%) нафарашонро мардон ва 33 (38,4%) нафари дигарашонро занон ташкил мекарданд.

Дар вақти тақсимоти сироятёфтагон бо гурӯҳҳо аз рӯйи синну сол маълум гардид:

- 20-30 сола ҳамагӣ 10 (11,6%) нафар, аз миқдор мардон 3 (3,5%) ва 7 (8,2%) занон ташкил медод;

- 31-40 сола 10 (11,6%) нафар, аз ин миқдор мардон 5 (5,8%) ва занон 5 (5,8%) нафар;

- 41-50 сола 17 (19,7%) нафар аз ин миқдор мардон 6 (6,9%) ва занон 11(12,8%);

- 51-60 сола 13 (15,1%) нафар, аз ин миқдор мардон 3 (3,5%) нафар ва занон 10 (11,6%);

- 61 сола ва зиёда 3 (3,5%) нафар аз ин мардон 3 (3,5%) мардон ташкил медоданд.

Ҷадвали 7. Дараҷаи сироятёби ба COVID-19 дар байни оилаҳои шаҳри Душанбе

Синну сол	Саволҳо											
	Сироятёби дар байни оилаҳо						Сироятёби дар байни оилаҳо					
	Мардҳо		Занҳо		Умумӣ		то 3 нафар		Зиёда аз 4 нафар		Умумӣ	
N\N	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
20-30	3	5,7	7	13,2	10	18,9	5	12,5	5	12,5	10	25,0
31-40	5	9,4	5	9,4	10	18,9	4	10,0	5	12,5	9	22,5
41-50	6	11,3	1	20,8	17	32,1	5	12,5	3	7,5	8	20,0
51-60	3	5,7	0	18,9	13	24,5	5	12,5	5	12,5	10	25,0
61 боло	3	5,7		-	3	5,7	3	7,5	-	-	3	7,5
Умумӣ	20	37,7	33	62,3	53	100	22	55	18	45	40	100
Умумӣ	20	21,5	33	35,5	53	57,0	22	23,7	18	19,3	40	43

Ҳамин тавр, аз 86 (100%) нафар сироятёфтагони COVID-19 қариб 53 (61,6%) аҳли оилаи худро сироятнок намудаанд, ки дар байни онҳо бештар занон - 33 (38,4%) бо муқоиса аз мардон 20 (23,3%) ташкил медод.

Ҳаминро бояд қайд қард, ки бештари синну соли сироятёфтагон ба 41- 50 сола рост меомад, ки 17 (19,7%) нафарро ташкил медод. Аз ин миқдор 11 (20,8%) занон ва 6 (11,3%) мардон буданд.

Дар ин ҷо мо миқдори сироятёфтагон аз аҳли оилаи беморони ба COVID-19 гирифторшударо таҳлил менамоем. Маълум гардид, ки то 3-нафар сироятёфта 22 (25,6%) ташкил медод, 4-нафар ва зиёда аз он 18 (20,9%) нафар буданд.

Дар вақти таҳлили ин масъала ва ҷудо намудан ба синну соли сироятёфтагон маълум гардид: беморони 20-30 сола то 10 (11,6%) нафар аз ин миқдор 5 (5,8%) то се нафар ва 5 (5,8%) 4-нафар ва зиёда аз ин аҳли оилаашонро бо COVID-19 сироят намудаанд; 31-40 сола 9 (10,5%) нафар аз ин миқдор 3- нафари то 4 (4,5%) нафар ва 4-нафари ва зиёда 5 (5,8%) нафар аҳли оилаи худро сироят намудаанд;

- 41-50 сола 8 (9,3%) нафар аз ин миқдор то 3-нафари 5(5,8%) нафар ва 4-нафари ва зиёда 3 (3,5%) нафар АО худро сироят намудаанд;

- 51-60 сола ҳамагӣ 10(11,6%) нафар аз ин миқдор то 3 нафари (АО) 5 (5,8%) нафар ва 4-нафари ва зиёда аз ин то 5 (5,8%) нафар аҳли оила худро сироят намудаанд;

- 61 сола ва зиёда аз он 3(3,5%) нафар аз 4-нафари аҳли оилаи худро бо вируси COVID-19 сироят намудаанд.

Ҳамин тавр, **25,6%** беморони ба COVID-19 гирифторшуда то 3 нафар аҳли оилаи худро сироят намудаанд. Инчунин, 20,9% беморон аз 4-нафарӣ ва зиёда аз ин аҳли оилаашонро сироят намудаанд. Ин аз фаъолияти баланди сироятпазирии вируси COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе ифода менамояд.

Дар ҷадвали 6 мо усули чорабиниҳои табобатиро бо COVID-19 дида баромадем. Аз 86 (100%) нафар истиқоматкунандагони ш.Душанбе ки ба бемории COVID-19 гирифтор шудаанд ҳамагӣ 50 (58,2%) нафарашон дар хона бо назорати духтури оилави табобат гирифтаанд аз ин миқдор 19 (22,1%) нафарашонро мардон ва 31(36,0%) нафарашонро занон ташкил медоданд.

Дар вақти ба синну сол ҷудо намудани беморон маълум гардид:

- беморони 20-30 сола ҳамагӣ 18 (20,9%) нафар, аз ин миқдор 8 (9,3%) нафар дар шароити амбулаторӣ, мардон 3 (3,5%) ва занон 5 (5,8%);

-31-40 сола ҳамагӣ 24 (27,9%) нафар ки ба бемории COVID-19 гирифтор шудаанд, аз ин миқдор 14 (16,3%) дар хона табобат гирифтанд, аз ин миқдор мардон 7 (8,1%) ва занон 7 (8,1%);

-41-50 сола 20 (23,3%) нафар беморон гирифтори COVID-19 гаштаанд, ки аз ин миқдор 12 (13,9%) дар хона табобат гирифтаанд, мардон 3 (3,5%) ва 9 (10,5%) занон ташкил медод;

-51-60 сола ҳамагӣ 18 беморон ба COVID-19 гирифтор шудаанд, аз ин миқдор 11 нафар беморон дар хона табобат гирифтаанд, мардон 3 (3,5%) ва 8 заон ташкил медод;

- 60 сола ва зиёда аз он 6 нафар ба бемории COVID-19 гирифтор гаштаанд ҳамаи онҳо бо назорати духтури оилавӣ дар хона табобат гирифтаанд.

Дар вақти гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи синну соли беморон маълум гардид, ки нафарони синну солашон ҷавон аз 20 то 35 сола 18 (20,9%) бо худтабобатнамои машғул шуда ба касе муроҷиат накардаанд.

Ҷадвали 8. Шаклҳои бисёр воҳӯрандаи COVID-19 дар байни аҳолии ш. Душанбе

Гузаронидани чорбиниҳои табобати ва профилактики																		
Синну сол	МСД						Худсарона						Беморхона					
	Мардҳо		Занҳо		Умумӣ		Мардҳо		Занҳо		Умумӣ		Мардҳо		Занҳо		Умумӣ	
\N																		
0-30		5,8		6,1		6,0		1,7		1,2	0	5,7						
1-40		6,8		2,6	4	8,0		6,7		7,5		8,6				5,0		5,0
1-50		5,8		9,0	2	4,0		6,7		8,7		7,8		5,0		2,5		7,5
1-60		5,8		5,8	1	2,0		5,0		2,5		7,8				5,0		5,0
1 боло		5,8		,5		0,0								2,5				2,5
Умумӣ	9	00	1	00	0	00	2	00	6	00	8	00		7,5		2,5		00
Умумӣ	9	2,0	1	6,0	0	8,1	2	3,9	6	8,6	8	2,6		,5		,8		,3

Ҳамин тавр, ними 58,1% беморони дар хона бо назорати духтури оилави табобат гирифтаанд. Ҳамагӣ 28 (32,6%) нафар сироятёфтагон ба духтурҳо муроҷиат накарда худашонро табобат намудаанд аз он хотир, ки ҷараёни бемори хело сабук гузаштааст. Аз ин миқдор 12 (13,9%) мардон ва 16 (18,6%) занон ташкил медод.

Дар беморхона ҳамагӣ 8 (9,3%) нафар бистарӣ шудаанд аз ин миқдор 3 (3,5%) мардон ва 5 (5,8%) занон ташкил медод, ки бо ташхиси пневмонияи **COVID** бо раванди вазнин табобат гирифтаанд.

На ҳамаи истиқоматкунандагон шаҳри Душанбе дар оғози пандемияи 2020 сироят ёфтаанд, бештар ҷавонони синну солашон 20-30 сола аз сирояпазири эмин ёфтаанд.

Бештари сироятдидагон 76,7% дар манзилҳои баландошёна истиқомат мекарданд ва 89,5% дар фасли баҳор дар оғози пандемия сироятнок шудаанд. Бештари сироятёфтагон 71,9% бемориро бо намуди БШРН (бемориҳои шадиди роҳҳои нафас) 71,9% гузаронидаанд.

COVID-19 дар байни сироятдидагон бо намуди илтиҳоби шуш ҳамаги 20,9% ташкил менамуд, ки ҳамаи онҳо дар биноҳои баландошёна истиқомат намуда дар оғози пандемия моҳҳои баҳорӣ сироятнок шудаанд.

25,6% беморони ба COVID-19 гирифторшуда то 3 нафар аҳли оилаи худро сироят намудаанд. Инчунин 20,9% беморон аз 4-нафари ва зиёда аз ин аҳли оилаашонро сироят намудаанд. Ин нишондод аз фаъолияти баланди сироятпазирии вируси COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе ифода менамояд.

Бештари беморони COVID-19 (58,1%) бо назорати духтури оилавӣ дар хонаҳошон табобат гирифтаанд, баъзе беморон (32,6%) умуман ба табибон муроҷиат накарда худро табобат намудаанд. Ҳамагӣ 9,3% беморон, бо раванди пневмония дар беморхонаҳо табобат гирифтааанду халос.

АДАБИЁТ

1. Ахунова Н.Т. Клиническая характеристика новой инфекции COVID-19 в зависимости от возраста больных / Н.Т.Ахунова, З.У.Холова, С.С. Холова // Материалы научно-практической конфренции «Коронавирусная инфекция в РТ: эпидемиология, диагностика и современные возможности лечения». –Душанбе, -2020. -С. 25-26.
2. Баротова И.И. Эпидемиологическая характеристика коронавирусной инфекции на примере Городского центра здоровья / И.И. Баротова, М.П.Носирова, Ф.Х, Зикирзода // Материалы научно-практической конфренции «Коронавирусная инфекция в РТ: эпидемиология, диагностика и современные возможности лечения». -Душанбе. -2020.
3. Всемирная организация здравоохранения (ВОЗ) Болезнь Короновируса (COVID-19) и пандемия [Электронный ресурс]. URL: https://www.who.int/emergencies/diseases/novelcoronavirus-2019 (дата доступа 31.03.2020).
4. Чжан Ю.П. Эпидемиологические характеристики вспышки в 2019г. новых случаев болезни короновируса (COVID-19) в Китае / Ю.П. Чжан. Эпимидеолог. 2020; 41:-145–151с.
5. Gu H., Xie Z., Li T. et al. ангиотензин превращающий World Health Organization (WHO) Coronavirus disease (COVID-19) pandemic. [Электронный ресурс]. URL: https://www.who.int/emergencies/diseases/novelcoronavirus-2019 (дата доступа 31.03.2020).
6. Liu W., Zhang Q., Chen J. et al. Detection of COVID-19 in Children in Early January 2020 in Wuhan, China. N Engl J Med. 2020; Mar 12. [Epub ahead of print]. DOI: 10.1056/NEJMc2003717.
7. Chan J.F., Yuan S., Kok K.H. et al. A familial cluster of pneumonia associated with the 2019 novel coronavirus indicating person-to-person transmission: a study of a family cluster. Lancet. 2020;395:514–523.
8. Zhang Y.P. The epidemiological characteristics of an outbreak of 2019 novel coronavirus diseases (COVID-19) in China. Chin J Epidemiol. 2020;41:145–151.
9. Cao Q., Chen Y.C., Chen C.L., Chiu C.H. SARS-CoV-2 infection in children: Transmission dynamics and clinical characteristics. J Formos Med Assoc. 2020 Mar 2;119 (3):670–673. DOI: 10.1016/j.jfma.2020.02.009.

ТАВСИФИ ҶАРАЁНИ COVID-19 ДАР БАЙНИ АҲОЛИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР МАРҲИЛАИ ПАНДЕМИЯ

Аз 156 (100%) нафар истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе, ки аз татқиқот гузаронида шудаанд, 86 (55,1%) нафарашон аз бемории COVID-19 сироят ёфтаанд. Дар байни онҳо бештар ҷавонони сину солашон 20-30 сола аз сирояпазири эмин ёфтаанд. Инчунин, маълум гардид, ки бештари сироятдидагон 76,7% дар манзилҳои баландошёна истиқомат мекарданд ва 89,5% дар фасли баҳор дар оғози пандемия сироятнок шудаанд. Бештари онҳо бемориро бо намуди БШРН (бемориҳои шадиди роҳҳои нафас) 71,9% гузаронидаанд. Раванди **COVID-19** дар байни сироятдидагон бо намуди илтиҳоби шуш ҳамаги 20,9% ташкил менамуд, ҳамаи онҳо дар биноҳои баландошёна истиқомат намуда дар аввали фасли баҳор сироятнок шудаанд. 25,6% беморони ба COVID-19 гирифторшуда то 3 нафар аҳли оилаи худро сирояти намудаанд. Инчунин, 20,9% беморон аз 4-нафари ва зиёда аз ин аҳли оилаашонро сирояти намудаанд. Ин аз фаъолияти баланди сироятпазирии вируси COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе ифода менамояд.

Калидвожаҳо: COVID-19, илтиҳобӣ шуш, истиқоматкунандагон, сироятнок. БШРН. МСД. аҳолӣ, беморӣ.

ХАРАКТЕРИСТИКА ТЕЧЕНИЯ COVID-19 СРЕДИ ЖИТЕЛЕЙ ГОРОДА ДУШАНБЕ В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ

Из 156 (100%) обследованных жителей города Душанбе 86 (55,1%) заразились COVID-19 и у 70 (44,9%) признаки заражения данной инфекции не обнаружены. При исследовании по возрастным группам заразились COVID-19 молодые люди в возрасте - 20-30 лет. Также 76,7% заразившихся COVID-19 жили в многоэтажных домах.Основная масса - 77 (89,5%) заразились COVID-19 в весенние месяцы, т.е. в начале пандемии. Большинство переболевших 71,9% перенесли данную инфекцию по типу ОРВИ, при этом преобладал женский род. Ковидная пневмония встречалась больше установленной 20,9% нормы среди мужчин. Большинство переболевших жили в многоквартирном доме и заразились в весенний период. **25,6%** больных COVID-19 заразили этим вирусом до 3-х членов семьи**.** А 20,9% больные от 4-х и более членов своих семей заразили COVID-19. Это подтверждает высокую заразительность новой COVID-19 среди населения города Душанбе**.**

Ключевые слова: COVID-19, пневмония, жители, заразительность.

TAVSIFI ZARAYONI COVID-19 DAR BAINI AGOLII SHAKRI DUSHANBE DAR MARHILAI PANDEMIA

Of the 156 (100%) examined residents of Dushanbe, 86 (55.1%) were infected with COVID-19 and 70 (44.9%) showed no signs of infection with this infection. In a study by age groups, no more young people aged 20-30 years were infected with COVID-19. Also, 76.7% of those infected with COVID-19 lived in high-rise buildings. The bulk - 77 (89.5%) were infected, COVID-19 in the spring months, i.e. at the beginning of the pandemic. Most of the sick 71.9% brought this infection according to the type of SARS, while the female gender prevailed. Covid pneumonia occurred 20.9% more found among men. Most of those who recovered lived in multi-storey buildings and became infected in the introduced period. 25.6% of patients with COVID-19, up to 3 members of their families were infected with this virus. And 20.9% of patients from 4 or more members of their families became infected with COVID-19. This testifies to the high contagiousness of the new COVID-19 environment in the population of Dushanbe.

Key words: COVID-19, pneumonia, residents, contagiousness.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Одинаев Ниёз Сафарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмхои тиббӣ, профессор, мудири кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Тагожонов Зариф Фозилович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои тиббӣ мудири кафедраи беморихои дарунӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Холмуродова Зебогул Абдулхайровна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи микробиологя ва вирусология. **Суроға:.** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Кимсанов Абдулғафур Буриевич **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи микробиология ва вирусология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Назарова Фарангиз Хусейновна-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи микробиология ва вирусология. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Бойназарова Малохат Хикматуллоевна **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аспиранти Иниститути тадкикоти профилактии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведение об авторах: ***Одинаев Ниёз Сафарович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор медицинских наук, профессор кафедры эпидемиологии и инфекционных болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Тагожонов Зариф Фозилович - Таджикский национальный университет кандидат медицинский наук заведующий кафедры внутренних болезней. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Холмуродова Зебогул Абдулхайровна **-** Таджикский национальный университет, кандидат медицинских наук, заведующая кафедрой микробиологии и вирусологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**:**

***Кимсанов Абдулгафур Буриевич*-** Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры микробиологии и вирусологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Назарова Фарангиз Ҳусейновна*-** Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры микробиологии и вирусологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Бойназарова Малохат Хикматуллоевна* -** Таджикский национальный университет, аспирант научно-исследовательского института профилактической медицины. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors*: Odinaev Niyz Cafarovch* - Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Professor of the Department of Epidemiology and Infectious Diseases. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
***Tagozoda Zarif Fozilovich* -** Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Candidate of Medical Sciences, Head of the Department of internal illness. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
Boinazarova Malokhat Xikmatuloevna- Tajik National University, Doctor of Medical Sciences, Candidate of Medical Sciences, Head of the Department of internal illness. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
Nazarova Farangis Huseynovna- Tajik National University, Assistant of the Department of virology and microbiology . **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
Kimsanov Abdugafur Burievich- Tajik National University, Candidate of Biology Sciences. Senior lecture of the department virology and microbiology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
Kholmurodova Zebo Abdulkhayrovna- Tajik National University,senior lecture of the department virology and microbiology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК: 579.2

ОМӮЗИШИ ХОСИЯТҲОИ ЗИДДИМИКРОБИИ ПАЙВАСТАГИҲОИ КОМПЛЕКСИИ Ag (I)

Вайдуллоева М.Ш.
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»

Ҳосилаҳои имидазол фаъолияти мушаххаси биологӣ доранд ва дар амалияи тиббӣ васеъ истифода мешаванд. Пайвастагиҳои координатсионии имидазол ва ҳосилаҳои он дар равандҳои биохимиявии организмҳои зинда гузаранда роли муҳим мебозанд [1, с.844]. Ҳосилшавии пайвастагиҳои комплексии нуқра бо моддаҳои органикӣ имкон фароҳам меорад, ки устувории моддаҳои ҳосилшударо зиёд кунад. Комплексҳосилшавии пайвастагиҳои нуқра (I) бо метронидазол ва албендазол то ҳол омӯхта нашудааст [2, с. 70]. Аз кори илмии Забиров К. бармеояд, ки маводҳои сохти нитроимидазолиро доро, ки то ҳол истифода мешаванд аз метронидазол сарчашма мегиранд. Он дар навбати худ маводест, ки нисбати дигар маводҳои доруворӣ бар зидди инфексияҳои аэробӣ таъсир карда метавонад [3, с. 26, 4, с. 255]. Аз кори муаллиф Доброхотова Ю.Э. бармеояд, ки 1-(2-гидроксиэтил)-2-метил-5-нитроимидазол ҳосилаи 5-нитроимидазол буда, маводи хосияти бактеритсиди дошта ва маводе мебошад, ки бо кислотаи дезоксирибонуклеинӣ (ДНК) таъсир мекунад [5, с. 83]. Механизми фаъолияти антибактериалии нуқра мураккаб буда, ба фаъолияти комплексҳосилкунӣ, биохимиявӣ ва каталитикии ба ферментҳои бактериявӣ, сафедаҳо ва сохторҳои мембрана таъсиркунанда алоқаманд аст. Ҳамин тавр, нуқра бо вояи ками ионӣ фаъолияти ҳаётии микробҳоро афсурда карда, ба кори биологии катализаторҳо-ферментҳо халал мерасонад. Ионҳои нуқра бо аминокислотаи систеин, ки ба таркиби фермент дохил мешавад пайваст шуда, барои фаъолияти муқаррарии он монеъа мешавад. Механизми фаъолияти зиддивирусӣ ба сусткунии ҳаракати сафедаҳои махсуси вирусӣ, ки дар натиҷаи он репродуксияи он вайрон мешавад вобаста аст [6, с. 63]. Муаллифон [7, с. 124] дар асоси наноқисмҳои нуқра пайвастаҳои биоғайриорганикии бо лизосим ва матритсаи алюмосиликатӣ пӯшонидашударо ба даст оварданд. Дар адабиёт маълумот дар бораи баҳамтаъсирии баъзе лигандҳои азолӣ бо иони нуқра мавҷуд аст, илова бар ин маълумот дар бораи константаҳои ҳосилшавии пайвастагиҳои нуқра бо азолҳо дар муҳити обӣ низ ба назар мерасад [8]. Истифодабарии маводҳои нуқра дар тиб ва тибби бойторӣ дар хосияти безараргардонӣ асос ёфтааст. Пешниҳод карда шуд, ки консентратсияи марговари ионҳои нуқра дар ҳуҷайра ба шумораи ферментҳои бактериалӣ ҳуҷайравӣ баробар аст. Ин бо он далел тасдиқ карда шуд, ки бактерияҳои ҳассос ба иони нуқра қобилияти ба дохили худ ворид кардан ва нигоҳ доштани иони нуқраро доро мебошанд. Суръати таъсири зиддимикробии иони нуқра тез мешавад, вақте ки он ба микроорганизм мерасад. Гумон меравад, ки консентратсияи 105-107 ионҳои нуқра дар ҳуҷайраи бактерия марговар аст [9, с. 63].

Мақсади омӯзиш муайянкунии хосияти зиддимикробӣ ва зиддизамбурӯғии пайвастагиҳои комплексии нуқра (I) мебошад. Бо усули диффузионӣ хосиятҳои зиддимикробӣ ва зиддизамбурӯғии пайвастагиҳои нуқра (I) бо метронидазол омӯхта

шуд. Косаи петри қаблан безараргардонида шуда буданд, муҳити ғизоӣ ба зарфи диаметраш 100 мм дар 20 мл рехта шуд. Косаи Петри ба ҳамворӣ монда шуд. Дар дохили косаи Петри 3 чуқурии 4 см аз ҳамдигар дур ҷойгиршуда карда шуд. Ба ҳар як чуқурӣ 1 мл моддаи таҳқиқшавандаро бо таносуби 1: 100 рехтем. Косаи Петри то кишт дар муддати 45-60 дақ. ва ҳарорати 37 °С дар термостат хушк карда шуд. Ба сифати объекти таҳқиқотӣ Staphylococcus aureus, E.coli, Pseudomonas aeruginosa, Klebsiella истифода шуд. Бактерияҳои ҳисобшуда (таваққуфи миллиард-пильюӣ) дар ҳаҷми 1 мл ба сатҳи агар бо эҳтиёт ба сатҳи агар пурра молида паҳн карда шуд. Косаи Петриро дар муддати 24 соат дар ҳарорати 35-37 °С нигоҳ доштем.

Связывающий агент раствор ПВП, %	ПВП 1/40	ПВП 1/60
в спирте этиловом, мл	6,0	9,0
Фракционный состав (0,25-2,00) мм, %	98,56±0,8	96,43±0,3
Распадаемость, мин	3,46±0,10	4,15±0,37
Насыпная плотность, г/см^3	0,385±0,03	0,499±0,06
Остаточная влажность, %	3,91±0,25	4,27±0,32
Сыпучесть	6,7±0,1	5,9±0,1

В результате было установлено, что наиболее значимыми факторами для получения оптимальных гранул являются концентрация спирта в увлажняющем растворе и вид наполнителя. Применение для гранулирования 60% спирта оказалось оптимальным. Лучшими наполнителями оказались Pharmatose 100M (моногидрат лактозы), тогда как карбонаты магния и кальция приводят к образованию непрочных гранул с большим количеством тонкой фракции. Таким образом, удовлетворительными технологическими свойствами обладали полученные грануляты составов № 2.

Выводы. В результате полученных данных установлено, что в технологии ТЛФ, содержащих сухие экстракты-концентраты растительного происхождения, наиболее критичным фактором, который надо учитывать при разработке состава гранулята, является гигроскопичность. Для уменьшения гигроскопичности можно вводить вспомогательные вещества на стадии гранулирования. Использованы вспомогательные вещества, которые обеспечивают технологические свойства и показатели качества гранулята.

ЛИТЕРАТУРА

1. Рамазони Ш.С. Фитохимическое исследование клубней топинамбура и создание лечебно–профилактических средств на его основе / Ш.С. Рамазони. Диссертация -2017. Москва, -С.-231.
2. Шарифзода Ш.Б. Разработка технологии извлечения сока из свежих клубней топинамбура, произраставшего в Таджикистане/ Ш.Б. Шарифзода, Р.Ш.Сафарзода, С.Дж.Юсуфи и др // журнал Симуог. -№13 (1).-2022. -С.140-143.
3. Филиппова Н.И. Влияние состава и технологии гранулирования на высвобождение лекарственного вещества из таблеток на примере парацетамола / Н. И. Филиппова, В.А. Вайнштейн, П.С. Грецков // Актуальные проблемы медицины. – 2018. –№1. URL:
4. Агбади Р.К. Разработка лекарственных средств на основе экстракта моринды цитрусолистной: автореф. дисс. канд. фарм. наук / Р.К.Агбади. – СПб, 2017. – 24 с.
5. Нгуен Т. Н. Разработка состава и технологии комбинированного лекарственного средства на основе фитоэкстрактов столбиков с рыльцами кукурузы и корней соломоцвета двузубого: автор... дис. канд. фарм. Наук / Т. Н. Нгуен. – СПб, 2019. – 25 с.
6. Новикова Е.К. Разработка состава и технологии лекарственных средств на основе композиции сухих экстрактов череды трехраздельной травы, золотарника канадского, травы репешка обыкновенного: автореф. дис. канд. фарм. наук / Е.К.Новикова. – СПб, 2019. – 39 с.

РАВИШ БА ТАҲИЯИ ТАРКИБИ ШАКЛИ САХТИ ДОРУВОРӢ ДАР АСОСИ БЕХМЕВАИ ТОПИНАМБУР

Ҳангоми коркарди шакли сахти маводи доруворӣ дар асоси экстрактҳои ратанигӣ яке аз саволҳои мубрам ин хосияти гигроскоп доштани онҳо мебошад. Дар ин мақола усулҳои гуногуни кам кардани намноки экстрактҳои хушки растаниҳо оварда шудааст. Инчунин, натиҷаи таҳлили нисбии моддаҳои ёрирасон, ки барои таъмини массаи зарурӣ ҳангоми бадасории ғуруша (смес-гранулята) бо истифода аз усулӣ ғурушабандии намнок истифода гаштаанд оварда шудааст.

Калидвожаҳо: топинамбур, консентрати хушк, гранулят (ғуруша), моддаҳои ёридиҳанда, намноккунанда.

ПОДХОД К РАЗРАБОТКЕ СОСТАВА ТВЁРДЫХ ЛЕКАРСТВЕННЫХ ФОРМ КЛУБНЕЙ ТОПИНАМБУРА

При разработке твёрдых лекарственных форм на основе растительного экстракта актуальным вопросом остаётся их гигроскопичность. В данной статье описаны различные способы уменьшения влажности сухих растительных экстрактов. Описан результаты сравнительного анализа использования вспомогательных веществ для обеспечения необходимой массы (лактоза, кукурузный крахмал) и увлажнителей (раствор поливинилпирролидон, очищенная вода, этиловый спирт в различной концентрации) для получения смес-гранулята с помощью влажного гранулирования. Приведено также влияние увлажнителя на качество получаемого гранулята.

Ключевые слова: топинамбур, сухой экстракт, гранулят, наполнитель, увлажнитель, снижение гигроскопичности.

PPROACH TO THE DEVELOPMENT OF THE COMPOSITION OF SOLID DOSAGE FORMS OF TOPINAMBUR TUBERS

When developing solid dosage forms based on plant extract, their hygroscopicity remains a topical issue. This article describes various ways to reduce the moisture content of dry plant extracts. The result of a comparative analysis of the use of excipients to provide the necessary mass to obtain a mixture-granulate using wet granulation is described.

Key words: Jerusalem artichoke, dry extract, granulate, filler, moisturizer, hygroscopicity reduction.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарифзода Шахриёр Бахтиёр***- Муассисаи давлатии таълимӣ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», унвончӯи кафедраи технологияи фарматсевтӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139: E-mail. **shahriyor1997.98@gmail.com**; Телефон: **903 037177**

Раҷабов Гадомад Одинаевич Муассисаи давлатии таълимӣ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи фармакогнозия ва ТИФ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139**.** E-mail**. safarzoda90@yandex.ru**; Телефон **901 111 848.**

Сафарзода Рамазон Шарофиддин- Муассисаи давлатии таълимӣ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», номзади илмҳои фарматсевтӣ, мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139. E-mail. **safarzoda90@yandex.ru;** Телефон: **902 444 711**.

Ҳикматзода Иззатуллои Исматулло- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакология, **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17:**E-mail.** Khikmatzoda_farm@mail.ru; Телефон**: 908885323.**

Абдукаримзода Хушроншо, Муассисаи давлатии таълимӣ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», унвончӯи кафедраи технологияи фарматсевтӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 139: E-mail. **khushronsho@mail.ru**; Телефон**: 006 060 424.**

Сведение об авторах: ***Шарифзода Шахриёр Бахтиёр***- Государственное образовательное учреждение «ТГМУ им. Абуали ибн Сино», соискателӣ кафедры фармацевтической технологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 39:. **E-mail.** shahriyor1997.98@gmail.com; **Тел**: 903 037177.

Раджабов Гадомад Одинаевич- Государственное образовательное учреждение «ТГМУ им. Абуали ибн Сино», кандидат биологических наук, заведующий кафедрой фармакогнозии и ОЭФ. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 39. **E-mail.** safarzoda90@yandex.ru; **Тел**: 901 111 848.

Сафарзода Рамазон Шарофиддин-Государственное образовательное учреждение «ТГМУ им. Абуали ибн Сино», кандидат фармацевтических наук, заведующий кафедрой фармацевтической технологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 39.
E-mail. safarzoda90@yandex.ru; **Тел**: 902 444 711.

Хикматзода Иззатуллои Исматулло-Таджикский национальный университет, ассистент кафедры фармацевтической технологии и фармакологии. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17: **E-mail.** Khikmatzoda_farm@mail.ru; **Тел**: 908885323

Абдукаримзода Хушроншо, Государственное образовательное учреждение «ТГМУ им. Абуали ибн Сино», соискатель кафедры фармацевтической технологии **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 39: **E-mail.** khushronsho@mail.ru; **Тел**: 006 060 424.

Information about the authors: ***Sharifzoda Shahrier Bakhtiyor*** - State Educational Institution "Abuali ibni Sino TSMU", candidate of the Department of Pharmaceutical Technology. **Address:** 39 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan: **E-mail.** shahriyor1997.98@gmail.com; **Tel:** 903 037177.

Radzhabov Gadomad - State Educational Institution "Abuali Ibni Sino TSMU", Candidate of Biological Sciences, Head of the Department of Pharmacognosy and OEF. **Address:** 39 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan. **E-mail**. safarzoda90@yandex.ru; **Tel**: 901 111 848

Safarzoda Ramazon Sharofiddin- State Educational Institution "Abuali Ibni Sino TSMU", Candidate of Pharmaceutical Sciences, Head of the Department of Pharmaceutical Technology. **Address:** 39 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan. **E-mail.** safarzoda90@yandex.ru; **Tel:** 902 444 711.

Hikmatzoda Izzatullo Ismatullo. Tajik National University, Assistant of the Department of Pharmaceutical Technology and Pharmacology **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17:. **E-mail.** Khikmatzoda_farm@mail.ru; **Тел**: 908885323

Abdukarimzoda Khushronsho-State Educational Institution "Abuali ibni Sino TSMU", candidate of the Department of Pharmaceutical Technology **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 39:. **E-mail.** khushronsho@mail.ru; **Tel:** 006 060 424.

УДК 616. 36-003. 826. 153-008. 846,6

СИНТЕЗ ВА ОМӮЗИШИ СОХТОРИ РИБОВЕРИН БО КИСЛОТАИ ХОЛАН

Самандаров Н. Ю.
Институти илми-таҳқиқоти Доншгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳиммияти кор. Кислотаҳои холонат дар бисёр равандҳои физиологӣ иштирок мекунанд, ки тағйирёбии таркиби онҳо ба ташаккули доираи васеи патологияҳои гуногуни ҷигар ва рӯдаҳо мусоидат мекунад. Стероидҳо ба монанди кислотаҳои холиникӣ сохтори кимиёвии якхела ва хосиятҳои физикӣ-химиявии гуногун дошта, хосиятҳои муҳимтарини физиологиро нишон медиҳанд. Истифодаи пайвастагиҳои табиӣ ба андозаи зиёд бо пешрафти минбаъда дар самти химияи пайвастагиҳои стероид алоқаманд хоҳад буд. Яке аз дорувории муҳим дар муолиҷаи бемориҳое, ки аз РНК ва баъзе вирусҳои ДНК ба вуҷуд меоянд, рибавирин (1-β-D-ribofuranosyl-1,2,4-triazole-3-carboxamide) мебошад, ки соли 1971 ба он патент дода шуда, барои истифодаи тиббӣ тасдиқ шудааст ва аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ аз соли 1986 барои муолиҷаи беморон иҷозат дода шуд. Рибавирин бар зидди 40 вируси РНК ва 12 вируси ДНК, аз он ҷумла вируси гепатити С, вирусҳои зукоми А ва В, вирусҳои герпеси симплекси навъи 1 ва 2, инчунин вирусҳои табларзаи геморрагикии аренавирусҳо (табларзаи Ласса, хориоменингити лимфоситикӣ) фаъолияти in vitro дорад. Бо вуҷуди ин, рибавирин як қатор аксуламалҳо барои организми инсон дорад, аз ҷумла (анемияи гемолитикӣ, тағйирёбии фишори хун, аксуламалҳои аллергии пӯст) ва як қатор зиддиятҳо дорад. Дар робита ба ин, ҳоло ҳам ҷустуҷӯйи фаъоли аналогҳои нави нуклеозидҳо идома доранд, ки на танҳо таъсири захролуд дар муқоиса бо рибавирин доранд, балки эҳтимолан, таъсири бештари антивирусӣ ё доираи васеи фаъолияти биологӣ доранд. Яке аз равишҳои ҷустуҷӯйи аналогҳои нави нуклеозидҳои дорои фаъолияти фармакологӣ ба ном «принсипи антиметаболитӣ», яъне аз сохтори байни моддаҳои омӯхташуда ва субстратҳои табиии ферментҳои мақсаднок асос ёфтааст.

Модификатсияи сохтории нуклеозидҳо дар боқимондаи карбогидрат имконпазир аст, ки одатан ба тағйирёбии ҳадафи биологии дору (атсикловир, левовирин, зидовудин), дар заминаи гетеросиклӣ (рибавирин, кладрибин, ЭТАР) ё ҳамзамон дар ҳарду фрагментҳо (абакавир) оварда мерасонад. 1,2,4-Триазол-3-карбоксамид (ТКА*), асоси гетеросиклии рибавирин, аз ҷиҳати сохтор ба гуанин монанд аст. Мавқеи 3 ва 5-и пойгоҳи гетеросиклии рибавирин, 1,2,4-триазол-3-карбоксамид барои тағйир додан дастрас аст. Усули химиявии синтези аналогҳои нави рибавирин таҳия шудааст, ки дорои гурӯҳҳои ивазшудаи 1,2,4-оксадиазол дар мавқеи 3-и 1,2,4-триазол аз рибавирин мебошад. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳосилаҳои нави рибавирин бо ивазкунандаҳои гуногун синтез карда шаванд. Хусусиятҳои физикӣ-химиявии аналогҳои нуклеозидҳои синтезшуда омӯхта шудаанд. Фаъолияти зиддивирусии як қатор пайвастагиҳо бар зидди вируси гепатити С, вируси герпеси симплекси навъи 1 ва вируси зукоми парранда и H_5N_1 омӯхта шудааст. Исбот шудааст, ки пайвастагиҳои таҳқиқшуда аз рӯи фаъолияти худ ба фаъолияти рибавирин наздиканд. Усулҳои синтези аналогҳои нави асосҳои гетеросиклии нуклеозидҳо, ки аз ҷиҳати изостерӣ ба ТКА монанданд, кор карда баромада шудаанд. Усулҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки 1,2,4-триазолҳои дорои оксадиазол ё порчаҳои карбоксамид дар мавқеи 3-юм бо ивазкунандаҳои гуногун синтез карда шаванд. Усулҳои таҳияшударо дар химияи органикӣ, биоорганикӣ ва доруворӣ барои ба даст овардани маводи нав, доруҳо, гербитсидҳо ва ғайра истифода бурдан мумкин аст. Барои ба даст овардани маводи нав, ки ҳам хосияти

зиддивирусӣ ва ҳам хосияти гепатопротекторӣ дошта бошад мо молекулаи рибовиринро таввасути таъомулҳои химиявӣ бо кислотаи холан пайваст намудем.

Арсеналҳои доруворӣ дар асоси кислотаҳои холиникӣ, ки дар тибби муосир истифода мешаванд, сол то сол меафзоянд. Механизми амали кислотаҳои холиникӣ гуногун аст ва пурра таҳқиқ нашудааст, ки онҳо дар кадом равандҳои мубодилаи моддаҳо дар бадан иштирок мекунанд. Маълум аст, ки кислотаҳои холинӣ ба равандҳои гуногуни биохимиявӣ дохил мешаванд ва вайроншавӣ ва тағйирёбии онҳо боиси тезу тунд шудани бисёр бемориҳои ҷигар ва меъдаю рӯда мегардад [1, 2, 3, 4, 5]. Таҳлили маълумотҳои адабиёти соҳавӣ нишон дод, ки барои ба даст овардани ҳосилаҳои гуногуни кислотаҳои холинӣ синтезҳои гуногуни модификатсияро пурзӯр кардан лозим аст. Бояд қайд кард, ки кислотаҳои холинӣ дорои молекулаҳои як қатор гурӯҳҳои функсионалӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд сохтори онҳоро мақсаднок тағйир дода, бо ин дар асоси онҳо ҳосилаҳои нави дорои хосиятҳои физиологии додашударо синтез кунанд. Вазифаи тадқиқоти кунуниро дар ин самт тавассути таҳияи шароити оптималии синтези баъзе аналогҳои пайвастагиҳои стероидҳои табиӣ, ки хосиятҳои гепатопротектории гипохолестеролемикӣ ва гиполипидемӣ доранд, иҷро кардан мумкин аст. Бинобар ин, ба даст овардани эфирҳои нави кислотаҳои сафро ва омӯхтани хосиятҳои физикию химиявии онҳо барои мукаррар намудани соҳаҳои татбиқи амалии онҳо вазифаи таъхирнопазир мебошад [6,7,8,9,10,11,12].

Мақсади таҳқиқот омӯзиши мунтазами рафтори рибовирин бо кислотаи 3α,7α-дигидрокси-5β-холанӣ дар реаксияҳои гуногун мебошад.


Муҳокимаи маълумотҳои бадастовардашуда. Омӯзиши хосиятҳои химиявии кислотаи 3α,7α-дигидрокси-5β-холанӣ (II) моро ба он ҷалб кард, ки дар асоси он пайвастагиҳои гуногуни стероидҳои дорои фаъолияти баланди биологӣ синтез карда шаванд. Стероидҳо як синфи пайвастагиҳои органикӣ мебошанд, ки аҳамияти онҳо дар соҳаи биохимия, тиб, саноати фармасевтӣ ва як қатор дигар соҳаҳо, махсусан дар даҳсолаҳои охир афзоиш ёфтааст. Ба ин асосан муваффақияти химияи органикии синтетикӣ мусоидат кард. Ҳадафи ин кор синтез ва омӯзиши 1-бета-д-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид дар якҷоягӣ бо кислотаи холан ва омӯзиши реаксияҳое, ки дар қисми перхлорати молекулавӣ ба амал меоянд, мебошад. Истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои ба вуҷуд овардани моддаҳои нави аз чихати биологӣ фаъол мебошад.

Барои ҳалли ин масъала дар навбати аввал намаки натрийи кислотаи холин синтез карда шуд, ки барои он реаксияи пайвастагӣ (4) бо маҳлули 30% NaOH дар муҳити диоксан 1,5 соат омӯхта шуд. Дар натиҷа намаки натрийи 3α, 7α, 12α-тригидрокси-5β-кислотаи холинӣ ҷудо карда шуд. Ғайр аз ин кӯшиш ба харҷ дода шуд то атоми натрийро дар намаки натрийи кислотаи голон иваз намоем. Аз ин сабаб пайвастагӣ бо эпихлоргидрин дар этаноли мутлақ ва бо иловаи 30 мл метаноли мутлақ реаксия карда шуд. Ғайр аз ин, намакҳои натрийи кислотаҳои голониро дар натиҷаи реаксияи гидроксиди натрий ва кислотаҳои мувофиқ дар маҳлули диоксан дар ҳарорати хонагӣ 20-25^{0}C ҳосилнокии хуб гирифтан мумкин аст.

Тамоми намакҳои натрийи синтезшудаи кислотаҳои холан дар об хеле хуб, аммо дар атсетон ва хлорофор бо душворӣ ҳал мешаванд.

Яке аз проблемаҳои мубрами химияи органикии ҳозиразамон ба вучуд овардани препаратҳои тезтаъсир дар асоси аналогҳои синтетикии моддаҳои фаъоли биологии дорои доираи васеи фаъолияти физиологӣ ва захролудии паст мебошад[13,14,15,161,17,18,19]. Рафтори гурӯҳи карбоксилии кислотаи холинӣ ҳангоми пайваст кардани 1-бета-д-рибофуранозил-1n-1,2,4-триазол-3-карбоксамид омӯхта шуд.

Реаксияҳо бо кислотаи холинӣ дар ҳарорати 140-145°С дар давоми 4-4,5 соат ба сифати ҳалкунанда бо истифода аз диоксан гузаронида шуданд, ки ин боиси пайдоиши силсилаи пайвастагиҳои зерин гардид: 1-бета-д-рибофуранозил-1n-1. , 2.4-триазол-3-карбоксамид-3-дигидроксо-5В-кислотаи cholanic, 1-beta-d-ribofuranosyl-1n-1,2,4-triazole-3-carboxamide-3α,12α-dihydroxy, 1-beta-d-ribofuranosyl-1n-1,2,4-triazole-3-carboxamide-3α, 7α-dihydroxy-, 1-beta-d-ribofuranosyl-1n-1,2,4-triazole-3-carboxamide-3α, 7ά , 12α-дигидрокси-, 1-бета-д-рибофуранозил-1n-1,2,4-триазол-3-карбоксамид-3α, 7α, 12α-трикето-, 1-бета-д-рибофуранозил-1n-1, Синтезшуда 2, 4-триазол-3-карбоксамид-3α,7β-дигидрокси-.



Рӯйхати пайвастагиҳо, ҳосилнокӣ бо фоиз, нуқтаи обшавӣ ва таҳлили элементҳо гузаронида шуд, ҳосилнокии ниҳодӣ дар ҳудуди 80-87 фоизро ташкил медиҳад. Дар асоси таҳлили спектри инфрасурх (СИ)-и пайвастагиҳои синтезшуда маълум гардид, ки дар доираи 400-4000 см-1 як қатор бандҳои спектралии дорои шиддатнокии гуногун мавчуданд, ки ба таркиби валентнокӣ ва бандҳои деформатсия, бандхои химикӣ: дар диапазон, 710—745 см-[1] таркишҳои С-Х валент; партови валенти СО 1790 см-[1]; 2800-2840 см-1 эмиссияи валентӣ -СН2-; Таркишҳои валентии ОН дар

минтакахои 3200-3400 см-1 мушохида карда шуданд. Дар минтақаи 2900-3000 см-1 (таркишҳои валентии гурӯҳҳои карбоксил) нопадид шудани бандҳои абсорбсионӣ ошкор гардид. Муайян карда шуд, ки дар спектри инфрасурх (СИ) пайвастагиҳои синтезшаванда бандҳои абсорбсионии дорои шиддатнокии баланд ва миёна намоён буда, гурӯҳҳои асосии функсионалии онҳо пайдо мешаванд.

Ҷадвал-1

№ п/п	Кислотаҳои холонат ва эфирҳои метилии он	Тавлид, %	Ҳ. гуд. °С	С % Ёфт., Ҳисоб.	Н % Ёфт., Ҳисоб.	Брутто-формула
1	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α-гидрокси-	89	177-178	69.59 69.47	9.56 9.95	$C_{32}H_{52}N_4O_9$
2	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 12α-дигидрокси-	74	140-141	70.09 69.47	9.36 9.95	$C_{32}H_{52}N_4O_8$
3	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 7α-дигидрокси-	64	198-199	69.27 69.47	9.46 9.95	$C_{32}H_{52}N_4O_8$
4	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 7α, 12α-тригидрокси-	87	207-208	67.33 67.22	9.58 9.54	$C_{32}H_{52}N_4O_{10}$
5	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 7α, 12α-трикето-	98	203-204	67.18 67.28	9.36 9.41	$C_{32}H_{52}N_4O_{10}$
6	1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 7β-дигидрокси-	88	189-190	67.33 67.22	9.58 9.54	$C_{32}H_{52}N_4O_9$

Дар расм спектри массаи 1-бета-д-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α,7β-кислотаи дигидроксихоланӣ нишон дода шудааст. Дар асоси маълумотҳои спектроскопияи оммавӣ маълум шуд, ки фрагментатсияи асосӣ ба қисмҳо ҷудо кардани пайвастагиҳо, масалан 1-бета-д-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α,7β-дигидрокси, боиси пайдоиши ионҳои молекулавӣ мегардад ва массаи онро тасдиқ мекунад. модда. Агар ин модда минбаъд ба қисмҳо тақсим карда шавад, он гоҳ пайванди химиявии байни атомҳои карбон, ки гурӯҳи гидроксил доранд (гурӯҳи гидрокси) дароз мешавад (яъне занҷири карбон дароз мешавад). Дар натиҷа ҳалқаи эпокси кушода мешавад ва ба он аминокислотаи аминокислотаи боқимонда 130 (5,5%) пайваст мешавад. Дар оянда диссотсиатсияи ионҳо ба амал омада, боқимондаи кислотаи аминокислотаҳо ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, дар натиҷа қуллаи фаъоли ионҳои молекулавӣ m/z = 106 (100%) аст, ки массаи ин моддаро тасдиқ мекунад.

Спектри RMP-и 1-бета-д-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α,7β-дигидроксихолан кислотаи нишон дода шудааст. чунон ки дар расм нишон дода шудааст, спектри RMP1-beta-d-ribofuranosyl-1n-1,2,4-triazole-3-carboxamide 3α,7β-dihydroxy дар майдонҳои 7,5-8,0 ppm дида мешавад, singlet HA- Group; дар сахро = 3,3-3,7 руз. гуруххои синглхои бокимондаи пропан мушохида карда мешаванд.

Дар расм. спектри ЯМР 13С аз 1-бета-д-рибофуранозил-1n-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α,7β-дигидроксихолан кислотаи нишон дода шудааст, сигналҳои зерин пайдо мешаванд: 1,22 ppm. (t, 6H, 2CH3), 2,27 ppm (d, 3H, CH3), 3,45 ppm. (C, 4H, 2CH2), 13CNMR (CDCl3): 12,86 (CH3), 17,66 (CH3), 45,91 (CH2), 135,86 (C-7), 143,65, (C-6), 147,63 (C-2), 155.46.Маълумоти спектрҳои СИ, масса ва РМ сохтор ва таркиби пайвастагиҳои синтезшударо тасдиқ мекунанд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши таъсири мутақобилаи 1-бета-д-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид, мо 6

намояндаи ҳосилаҳои нави кислотаи холинро, ки қаблан гузориш дода нашуда буданд, синтез ва тавсиф кардем. Дар тасвири TMRP маҳсулот (IV) сигналҳо дар доираи 0,68-0,70 ppm мушоҳида мешаванд. ва 0,95-1,00 ppm дар шакли синглет баробар ба протонҳои 3H ва 6H, ки ба 21, 18, 19 гурӯҳҳои функсионалии метил ишора мекунанд. Протонҳои нави сиклии метил дар шакли мултиплет дар минтақаи 1,0-2,0 ppm пайдо мешаванд. Дар мавриди протонҳои алициклии метилен дар карбон C-20, C-23, сигналҳои онҳо дар минтақаи 2,15-2,50 ppm ёфт шуданд. ҳамчун мультиплет. Барои стероиди II, протонҳои ивазкунандаи гидроксил дар мавқеъҳои C-3 ва C-7 дар ҳудуди 3,6 ppm пайдо мешаванд.

Дар минтақаи 3,6 ppm сигналҳои протонҳои гурӯҳи OH-и пайвастагиҳо (II) мавҷуданд ва дар ҳолати (IV) ин синглҳо дар минтақаи 3,5 ва 3,7 ppm иваз мешаванд. Тахлили спектрҳои ПМР-и махсулоти синтезшуда (II ва IV) тасдики сохтори онҳоро нишон медихад.Дар мавриди гурӯҳҳои гидроксилӣ дар молекулаҳои пайвастагиҳо (II, III ва IV) бошад, дар минтақаҳои вобаста ба ларзишҳои дарозшавии гурӯҳҳои гидроксилӣ (3150-3480см-1) дар спектрҳои СИ бандҳои шадиди абсорбсионiро нишон медиҳанд.

Аз тадқиқотҳои гузаронидашуда дида мешавад, ки ҳангоми омӯхтани хосиятҳои химиявии кислотаи урсодезоксихолӣ ва баъзе аналогҳои он мо рафтори онҳоро дар реаксияҳое, ки дар гурӯҳҳои OH ва COOH ба амал меоянд, ба назар гирифтем. Дар натица дар вентилятор шароити оптималии синтези кислотаи 3α,7α-дигидрокси-5β-холани (II); 3α,7β-дигидрокси-(IV) эфири гликсидӣ; 3α,7β-диацетокси-(V) эфири глицидӣ; намаки натрий 3α, 7β-дигидрокси-(III); pro-pane-1,2-diol ester -(V) ва ester diethyloxyaminoprory аз 3α,7α-diacetoxy-5β-кислотаҳои cholanic-(VI).

Ташхиси Таъсиррасонии зиддивирусии он дар Озмоишгоҳи маркази илмӣ-тадқиқоти МД “ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино” гузаронида шуда, фаъолияти биологии пайвастагиҳо синтез карда шуда, дар робита ба варианти ситопатогении вируси гепатити С (HCV), ки аз зардоби хуни бемори музмини мубталои HCV ҷудо карда шудааст, гузаронида шуд. Хусусиятҳои ситотоксикии ҳосилаҳои синтезшудаи рибавирин дар фарҳанги хатти ҳуҷайраҳои трансплантатсияшуда омӯхта шуданд. Ҳама пайвастагиҳои омӯхташуда дар муқоиса бо рибавирин барои фарҳангҳои ҳуҷайраҳои SPEV ва Vero-E6 фаъолияти сусти ситотоксикӣ доранд. Аз ҳамаи аналогҳои омӯхташудаи рибавирин дар ҳуҷайраҳои Vero-E6, танҳо пайвастаги 1-бета-d-рибофуранозил-1н-1,2,4-триазол-3-карбоксамид 3α, 7β-дигидрокси-холевая кислота дар консентратсияи 1100 мкМ (рибавирин>4000 мкМ) фаъолияти намоёни ситотоксикӣ нишон медиҳад.

Тадқиқоти in vitro фаъолияти зиддивирусии се пайвастагиро бар зидди сирояте, ки бо як варианти ситопатогении вируси гепатити С ба вуҷуд омадааст, як пайвастагиеро ошкор намуд, ки дар фаъолияташ ба рибавирин наздик мешавад. Компонент қобилияти нигоҳ доштани ҳуҷайраҳоро дар ҳолати истеъмоли доруҳо фавран пас аз сирояти ҳуҷайраҳо бо SPEV (таъсири максималии антивирусӣ) ва 24 соат пеш аз сирояти ҳуҷайра нишон дод. Нишондихандаи химиотерапевтии ин пайвастагихо нисбат ба рибавирин 3,5 баробар зиёд аст.

АДАБИЁТ

1. Hall C.B. и др. The burden of respiratory syncytial virus infection in young children. // N. Engl. J. Med. 2009. T. 360. No 6. C.588–598.]
2. Castilow E.M., Olson M.R., Varga S.M. Understanding respiratory syncytial virus (RSV) vaccine-enhanced disease // Immunol.Res. 2007. T. 39. No 1–3. C. 225–239
3. Battles M.B. и др. Molecular mechanism of respiratory syncytial virus fusion inhibitors // Nat. Chem. Biol. 2016. T. 12. No 2.C. 87–93.
4. Findlay G. и др. Cationic host defence peptides: potential as antiviral therapeutics. // BioDrugs. 2013. T. 27. No 5. C. 479–93

5. Henrich T.J., Kuritzkes D.R. HIV-1 entry inhibitors: Recent development and clinical use // Curr. Opin. Virol. 2013. T. 3. No 1.C. 51–57.
6. Sarrazin C. The importance of resistance to direct antiviral drugs in HCV infection in clinical practice // J. Hepatol. 2016. T.64. No 2. C. 486–504.
7. Самандаров Н.Ю. Синтез и биологическая активность ряда производных холановых кислот. / Н.Ю.Самандаров., А.Х. Кадыров, С.И. Раджабов / Изд. «ЭрГРаф», 2016 (Монография на 116 стр.)
8. Самандаров, Н.Ю. Синтез и исследование производных глицерина с эфирами аминокислот и дипептидами/С.И. Раджабов, С.Х. Одинаев, Н.Ю. Самандаров, Р.А. Мустафокулова, М.Б. Каримов.- Душанбе: ООО «Эр-граф», 2018.-104 с. Монография.
9. Самандаров Н.Ю. Синтез новых триэфиров глицерина и изучение их биологических свойств / Раджабов С.И., Обидов Ч.М., Абдуллоев С.М., Каримзода М.Б., Самандаров Н.Ю.,// Душанбе: «Сино». Типография ТГМУ им Абуали ибн Сино . 2019. 105с.
10. Самандаров Н.Ю. Способ диагностики жировой болезни печени./ А.Х. Кадыров, Г.К. Мироджов, М. Худжамуродов, А.А., Кодиров, Н.Ю. Самандаров, М.П. Султонмамадова, М.К.Абдурахимова // Патент РТ, ТЈ №525. 2012.
11. Самандаров Н.Ю. Способ диагностики жировой болезни печени./ А.Х. Кадыров, Г.К. Мироджов, М. Худжамуродов, А.А., Кодиров, Н.Ю. Самандаров, М Султонмамадова, М.Абдурахимова // Патент РТ, ТЈ №524. 2012.
12. Самандаров Н.Ю. Бальзам «Фиталит» обладающий гипохолесте-ринемическим, литолитическим и гепатопротективным действием./ А.Х. Кадыров, Махкамова Б.Х., Самандаров Н.Ю., Кодиров Ш.А., Расулова З.Н., Султонмамадова М.П., Пиров Г.З. // Патент РТ № ТЈ 964 от 17 декабря 2018 г.
13. Самандаров Н.Ю. Средство «Гепатоман» с антивирусным HCV действием Малый патент ТЈ №1200723 Зарегистрировано в Государственном реестре изобретений Республики Таджикистан 2012 Г.К Мироджов., М.К. Курбанов., Т.М.Зубайдова., Ш.Шамсуддинов., Н.Самандаров 17 декабря 2018 г.
14. Самандаров Н.Ю. «Средство обладающее антивирусным HCV и гепатопротектор-ным действием», Малый патент ТЈ №1200753 Зарегистрировано в Государственном реестре изобретений Республики Таджикистан от 04.12. 2012г. Г.К Мироджов., М.К. Курбанов., Т.М. Зубайдова., Ш. Шамсуддинов., Н.Самандаров.
15. Самандаров Н.Ю. «Фитосуман», обладющая бактериостати-ческим дествием. Патент РТ № ТЈ 643. Зарегистрировано в Государственном реестре изобретений Республики Таджикистан от 2014г Кадыров А.Х., Махкамова Б. Х., Самандаров Н.Ю,. Холов Ё. К., Кадыров Ш. А.
16. Самандаров Н.Ю. ГЕПАСАФ обладающее гиполипидимеческый и гепатопротекторного дествием. Патент ТЈ №514 Зарегистрировано в Государственном реестре изобретений Республики Таджикистан от 04.12. 2018 Самандаров Н.Ю,. Махкамова Б. Х., Давлатова Г.Х. Борачабова Н.Б.
17. Самандаров Н.Ю. Влияние антилипидной фитонастойки гиполипид на некоторые биохимические показатели почек в хроническом эксперименте. Самандаров Н.Ю. Т.М. Зубайдова., Ш.Н. Шамсуддинов Н.Ю. Самандаров Вестник АМН № 1г. Душанбе 2014.
18. Самандаров Н.Ю. Гиполипидем действ. нового растительного сбора Т.М. Зубайдова., Ш.Н. Шамсуддинов Н.Ю. Самандаров Н.Самандаров, Д.У.Шерматова, К.М.Курбанов, Х.Ш.Джураев, Ш.Шамсудинов, Т.М.Зубайдова. Материалы второй Респуб. конф. «Здоровое питание –Здоровое нация» с междун. участием, Научно – практич. Журнал Здравоохранения Таджикистана №3 Душанбе, 2009.
19. Самандаров Н.Ю. Гепатопротективного свойства нового растителного сбора “Гепосаф” при эксперментальном токсическом гепатите, вызиваном CCL_4./ Самандаров Н.Ю. Кодиров А.Х., Давлатова Г.Х. // Проблемаиы гастроэнтерологии №1 2021. –С.52-56.

СИНТЕЗ ВА ОМӮЗИШИ СОХТОРИ РИБОВЕРИН БО КИСЛОТАИ ХОЛАН

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши хосиятҳои физиологии кислотаҳои сафро (FAs) пас аз муайян кардани FA ҳамчун лигандҳои табиӣ барои ретсептори фарнесоид X / ретсептори ядроии FA (FXR/BAR ё NR1H4) ба таври куллӣ зиёд гардид. Метаболизми кислотаҳои равғанӣ робитаи наздики онро бо мубодилаи холестерин пешакӣ муайян мекунад. Аммо омӯзиши таъсир ба ретсепторҳои фарнесоидҳои X имкон дод, ки механизмҳои таъсири кислотаҳои равғанӣ на танҳо ба гардиши энтерогепатикӣ ва фаъолияти функсионалии гепатоцитҳо, балки ба мубодилаи карбогидратҳо ва липидҳо низ муқаррар карда шаванд. Кашфи ретсепторҳои ядроӣ ва мембранаи FA имкон дод, ки имконнопазирии физиологии гардиши энтерогепатикӣ ҳамчун яке аз механизмҳои танзими мубодилаи моддаҳо барои истеъмоли ғизо ё гуруснагӣ дубора арзёбӣ карда шавад. Механизмҳои таъсири патогенетикӣ ба системаи гепатобилиарӣ дар шароити диабети қанд, фарбеҳӣ, дислипидемия муқаррар карда мешаванд. Аксар вақт ин таъсир, инчунин таъсири воқеӣ ба синтези FA-ҳои ибтидоӣ, интегративӣ ва баъзан дугона аст, ки таҳлили мунтазами маълумоти навро бо мақсади муттаҳидсозии минбаъдаи онҳо ба амалияи клиникӣ талаб мекунад.

Калидвожаҳо: Синтези ҳосилаҳои гликсидҳо, гетероциклии нуклеозидхо, 3α, 7β-дигидрокси-5β-кислотаҳои холиникӣ, доруҳо, равандҳои биохимиявӣ, боқимондаи карбогидрат, стероидҳои синтезшуда ҳосилаҳои гуногуни кислотаҳои холинӣ, литолитикӣ, гепатопротекторӣ, зидди вирусӣ, зидди вирусӣ, амилолитикӣ, амилромикробӣ, зиддимикробӣ, фаъолияти биологӣ.

СИНТЕЗ И ИЗУЧЕНИЕ СТРОЕНИЯ РИБОВЕРИНА С ХОЛАНОВОЙ КИСЛОТОЙ

Интерес к изучению физиологических свойств желчных кислот (ЖК) принципиально возрос после того, как ЖК были идентифицированы естественными лигандами фарнезоидного Х-рецептора / ядерного рецептора ЖК (FXR/BAR или NR1H4). Метаболизм ЖК предопределяет его тесную связь с обменом холестерина. Однако изучение эффектов воздействия на фарнезоидный Х-рецептор позволило установить механизмы влияния ЖК не только на энтерогепатическую циркуляцию и функциональную активность гепатоцитов, но и на углеводный и липидный обмен. Открытие ядерных и мембранных рецепторов ЖК позволило по-новому оценить физиологическую целесообразность энтерогепатической циркуляции как одного из механизмов регуляции метаболизма на поступление пищи или голод. Устанавливаются механизмы патогенетического воздействия на гепатобилиарную систему в условиях сахарного диабета, ожирения, дислипидемии. Зачастую это влияние, как и собственно воздействие на синтез первичных ЖК, носит интегративный характер, а иногда и двойственный, что требует регулярного анализа новых данных с целью их последующей интеграции в клиническую практику.

Ключевые слова: Синтез производных гликозидов, гетероциклические нуклеозиды, 3α, 7β-дигидрокси-5β-холиновые кислоты, препараты биохимические процессы, углеводные остатки, синтезированные стероиды, различные производные холиновых кислот, литолитические, гепатопротекторные, противовирусные, противовирусные, амилолитические, амилромикробная, антимикробная, биологическая активность.

SYNTHESIS AND STUDY OF THE STRUCTURE OF RIBOWERIN WITH CHOLANIC ACID

Interest in the study of the physiological properties of bile acids (FAs) has fundamentally increased after FAs were identified as natural ligands for the farnesoid X receptor/nuclear FA receptor (FXR/BAR or NR1H4). The metabolism of fatty acids predetermines its close relationship with cholesterol metabolism. However, the study of the effects on the farnesoid X receptor made it possible to establish the mechanisms of the influence of fatty acids not only on the enterohepatic circulation and the functional activity of hepatocytes, but also on carbohydrate and lipid metabolism. The discovery of nuclear and membrane FA receptors has made it possible to re-evaluate the physiological feasibility of enterohepatic circulation as one of the mechanisms for regulating metabolism for food intake or hunger. The mechanisms of pathogenetic influence on the hepatobiliary system in conditions of diabetes mellitus, obesity, dyslipidemia are being established. Often this influence, as well as the actual effect on the synthesis of primary FAs, is integrative, and sometimes dual, which requires regular analysis of new data with a view to their subsequent integration into clinical practice.

Key words: Synthesis of glycoside derivatives, heterocyclic nucleosides, 3α, 7β-dihydroxy-5β-cholic acids, preparations, preparations, biochemical processes, carbohydrate residues, synthesized steroids, various derivatives of cholic acids, litholytic, hepatoprotective, antiviral, antiviral, amylolytic, amylromicrobial , antimicrobial, biological activity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Самандаров Насрулло Юсупович*** – Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикстон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992937303350** E-mail. **nasrullo.samandarov@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Самандаров Насрулло Юсупович*** – Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, кандидат химических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **+992937303350** E-mail. **nasrullo.samandarov@mail.ru**

Information about the author*: Samandarov Nasrullo Yusupovich* - Scientific Research Institute of the Tajik National University, candidate of chemical sciences, doctoral candidate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+992937303350** E-mail: **nasrullo.samandarov@mail.ru**

УДК: 634. 17 (575.3)

ОМӮЗИШИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАРМАКО-ТЕХНОЛОГИИ МЕВАИ CRATAEGUS TURKESTANICA ВА CRATAEGUS PONTICA

Каримов Ф.У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар байни растаниҳои шифобахши мамлакати мо ва берун аз он, растаниҳои ҷинси дулона (Crataegus L.) мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки аз замонҳои қадим инсоният барои табобати бемориҳои дилу-рагҳо аз онҳо истифода мебарад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираи зиёди ашёҳои табиӣ мебошад. Яке аз самтҳои афзалиятноки таъминоти илмии саноати мамлакат ҷустуҷӯ ва ба даст овардани доруҳои гиёҳии ватанӣ, таҳияи технологияҳои самарабахши бадасторӣ ва дар истеҳсолоти саноатӣ, ҷорӣ намудани онҳо мебошад [1, с.63; 2, с.1065]. Ашёи шифобахши растании дулона бо туфайли таркиби бойи моддаҳои фаъоли биологӣ, аз қабили: флавоноидҳо, просианидинҳо, сапонинҳои тритерпенӣ, кислотаҳои органикӣ ва дигарҳо, ки доираи васеи таъсири фармакологии онро муайян мекунанд, таваҷҷуҳи хосса дорад [6, с.71; 9 с.353; 14, с. 150].

Барои ба даст овардани маводи растанигии сифати мувофиқ пеш аз ҳама асоснок кардани усули бартариятноки истихроҷ, омӯзиши таъсири нишондиҳандаҳои технологии ашё: вазни хос, вазни ҳаҷмӣ, зичии пуркунӣ, масомадорӣ, ковокидорӣ, ҳаҷми озоди қабати ашё, зариби фурӯбарии экстрагент ҳангоми баромад, маҷмӯи моддаҳои истихроҷшаванда ва самаранокии раванди технологӣ муайян карда мешавад [3, с.52; 4, с. 419; 10, с.55; 11, с.404; 12, с.20].

Мақсади кор: Муқаррар намудани нишондиҳандаҳои технологии ашёи мевагии растаниҳои дулонаи туркистонӣ (Crataegus turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (Crataegus pontica) барои таҳияи технологияи бартариятноки бадастовардани экстракти сифати доруномавӣ ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқ: Ба сифати объекти таҳқиқ аз меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica), ки дар марҳилаи пухтарасии пурра (сентябр-октябри соли 2019) аз ҳудуди кӯҳи мазори ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва коркард карда шуданд, истифода бурда шуд.

Ҳангоми иҷрои корҳои таҷрибавӣ усулҳои таҳқиқи технологӣ истифода бурда шуд [3, с. 53; 4, с.419].

Муайян кардани вазни хос: Вазни хосси ашё (d_y) таносуби вазни ашёи хоми комилан майдакардашуда ба ҳаҷми ашёи хоми растанӣ мебошад. 5,0 г (баркаши дақиқ) вазни ашёи растаниро дар колбаи ҳаҷмаш 100 мл гузошта, 2/3 ҳаҷми онро бо оби тозакардашуда пур мекунанд ва дар ҳамомаки оби ҷӯшон 1,5-2 соат, бо омезиши даврӣ барои бартараф кардани ҳавои таркиби ашё нигоҳ медоранд. Пас аз он, колбаро то 20 °С хунук карда, ҳаҷми онро бо оби тозашуда то ба нишона пурра мегардонанд. Вазни колба бо ашё ва об якҷоя баркашида мешавад. Вазни колба бо оби то нишона пуршуда пешакӣ муайян карда мешавад.

Вазни хос бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$d_y = \frac{P \times d}{P+G-F}\ г/см^3,$$

ки дар ин ҷо:

P - вазни ашёи комилан хушкардашуда, г;

G - вазни колба бо об, г;

F - вазни колба бо об ва ашёи хом, г;

d - зичии об, г/см^3 (d = 0,9982 г).

Муайян кардани вазни ҳаҷмӣ: Вазни ҳаҷмӣ (d_0) – таносуби вазни ашёи хоми майданашуда бо намии муайян, ба ҳаҷми ишғолшудае, ки сурохиҳо, тарқишҳо ва капиллярҳои аз ҳаво пуршударо дар бар мегирад, ба ҳисоб меравад. Дар силиндри ченакдори ҳаҷмаш 100 мл, 50 мл оби тозашударо рехта, 10,0 г (баркаши дақиқ) вазни ашёи хоми майданашударо зуд дар силиндри моеъдор (оби тозашуда) мегузоранд ва ҳаҷми ҳосилшударо муайян мекунанд. Ҳаҷми ишғолкардаи ашёи хом аз рӯйи фарқияти ҳаҷмҳо дар силиндри ченакдор пеш аз ҷойгиркунии ашё ва баъд аз ҷойгиркунии ашё муайян карда мешавад.

Вазни ҳаҷмӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$d_0 = \frac{P_0}{V_0} \text{ г/см}^3,$$

ки дар ин ҷо:

P_0 - вазни ашёи майданашуда бо намии муайян, г;

V_0 - ҳаҷме, ки ашё ишғол мекунад, см^3.

Муайян кардани масомадорӣ: Масомадорӣ ($П_С$) – миқдори холигиҳои дохили зарраҳои ашёи хомро тавсиф мекунанд ва ҳамчун таносуби фарқи байни вазни хос (пурра) ва вазни ҳаҷмӣ бар вазни хос муайян карда мешавад.

Масомадории ашёи хом бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$П_с = \frac{d_п - d_0}{d_п},$$

ки дар ин ҷо:

$d_п$ - вазни хосси ашёи хом, г/см^3;

d_0 - вазни ҳаҷми ашёи хом, г/см^3.

Муайян кардани ковокидорӣ: Ковокидории ашё ($П_ш$) – миқдори холигии байни ҳиссаҳои ашёи растаниро тавсиф мекунанд, ки ҳамчун таносуби фарқияти вазнҳои ҳаҷмӣ ва пуркунӣ ба вазни ҳаҷмӣ муайян карда мешавад.

Ковокидории ашё бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$П_ш = \frac{d_0 - d_н}{d_0},$$

ки дар ин ҷо:

d_0 - вазни ҳаҷмии ашёи хом, г/см^3;

$d_Н$ - вазни асосии ашёи хом, г/см^3.

Муайян кардани ҳаҷми озоди қабати ашё: Ҳаҷми озоди (V) қабат – ин ҳаҷми нисбии холигиҳо дар як қабати воҳиди ашё (холигии масомаҳо ва ковокии байни ҳиссаҳо) – ро тавсиф мекунад ва ҳамчун таносуби байни вазни хос ва вазни пуркунӣ ба вазни хос муайян карда мешавад.

Ҳаҷми озоди қабати ашё бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$V = \frac{d_п - d_н}{d_п},$$

ки дар ин ҷо:

$d_п$ - вазни хосси ашё, г/см^3;

$d_н$ - вазни пуркунии ашё, г/см^3.

Муайян кардани зариби фурубарии экстрагент: Зариби фурубарӣ (К) чунин миқдори ҳалкунанда фаҳмида мешавад, ки масомаҳои байниҳуҷайравӣ, ва куолаҳо ва холигии ҳавои ашёи хом, бе хориҷ гаштан аз онро пур мекунад. Зариби фурӯбарӣ ҳамчун таносуби вазни ашёи хом пас аз варам кардан ва фишурдани кунҷола ба вазни ашёе, ки барои муайян кардани зариб гирифта шудааст, ҳисоб карда мешавад:

$$K = \frac{P_2}{P_1},$$

ки дар ин ҷо:

P_1 - вазни ашёи хоми пеш аз варам кардан, г;

P_2 - вазни ашёи хоми баъди варам кардан, г.

Муайян кардани моддаҳои истихроҷшаванда: Барои омӯзиши таъсири дараҷаи майданокии ашё ба баромади моддаҳои истихроҷшаванда, ба сифати экстрагент аз оби тозашуда ва спирти этилии ғилзатҳои гуногун: 10%, 20%, 40%, 60%, 70%, 80%, 95% истифода бурда мешавад. Бо ин мақсад, меваҳои хушккардашуда ва стандартикунонидашударо то андозаҳои, мм: 0,5-1,5; 1,5-3,0; 3,0-5,0 майда мекунанд. Таҷриба дар панҷ силсилаи ашёи таҳқиқшаванда гузаронда мешавад. Тақрибан 1,0 (баркаши дақиқ) андозаи муайяни ашёи майдашударо дар колбаи конусии зарфияташ 200-250 мл ҷойгир карда, ба он 50 мл ҳалкунанда (об, спирти этилии ғилзатҳои гуногун) илова мекунанд ва колбаро бо даҳонпӯшак маҳкам карда, баркаш (бо дақиқии 0,01г) ва ба муддати як соат гузошта мемонанд. Пас аз он, колбаро ба хунуккунаки баргарданда пайваст карда, дар ҳамомаки обӣ, бо нигоҳ доштани ҷӯшиши паст ба муддати 2 соат меҷӯшонанд. Пас аз хунук шудан колбаро бори дигар баркашида, талафоти вазнашро бо ҳалкунанда пурра мекунанд ва бо ҳамон даҳонпӯшаки аввал истифодашуда маҳкам мекунанд. Таркиби колбаро ҷунбонида, тавассути полоишгари хушки коғазӣ дар колбаи хушки зарфияти 150-200 мл полоиш мекунанд. 25 мл полударо бо қатрачакон дар табақи фарфории қаблан то вазни доимӣ хушконидашуда ва дақиқ баркашидашуда мегузаронанд ва дар ҳамомаки обӣ то хушкшавӣ бухор мекунанд. Боқимондаи хушкӣ бо табақ дар ҳарорати 100-105 °С то вазни доимӣ хушк карда шуда, баъдан дар эксикатор бо хлориди беоби калтсий ба муддати 30 дақиқа хунук ва фавран вазни он баркашида мешавад. Миқдори моддаҳои истихроҷшаванда (Х, %)-ро бо ҳисоби ашёи комилан хушк, бо формула зерин муайян мекунанд:

$$X = \frac{m * 200 * 100}{m_1 * (100 - W)},$$

ки дар ин ҷо:

m – вазни боқимондаи хушкӣ, г;

m_1 – вазни ашёи хом, г;

W – талафи вазн дар вақти хушк кардан, %.

Натиҷаҳои кор: Натиҷаҳои муайян кардани нишондиҳандаҳои технологӣ: вазни хос, г/см^3, вазни ҳаҷмӣ, г/см^3, вазни пуркунӣ, г/см^3, масомадорӣ, г/см^3, ковокидорӣ, г/см^3, ҳаҷми озоди қабати ашё, г/см^3, зариби фурӯбарии экстрагент барои ашё ва миқдори моддаҳои истихроҷшавандаи меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica) дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Натиҷаҳои муайян кардани нишондиҳандаҳои технологии ашё ва баромади моддаҳои истихроҷшаванда вобаста ба андозаи ашё (дараҷаи майданокӣ)-и меваи дулонаи туркистонӣ ва дулонаи понтикӣ

Нишондиҳандаҳои технологӣ	Меваҳои дулонаи туркистонӣ			Меваҳои дулонаи понтикӣ		
	Андозаи майданокии ашёи хом, мм					
	0,5-1,5	1,5-3,0	3,0-5,0	0,5-1,5	1,5-3,0	3,0-5,0
Вазни хос, г/см³	1,60±0,01	1,41±0,03	1,14±0,01	1,23±0,01	1,24±0,01	1,46±0,01
Вазни ҳаҷмӣ, г/см³	0,82±0,01	0,74±0,02	0,66±0,03	0,60±0,02	0,63±0,01	0,72±0,04
Ваз. пуркунӣ, г/см³	0,53±0,02	0,47±0,02	0,40±0,01	0,38±0,01	0,39±0,02	0,45±0,02
Масомадорӣ, г/см³	0,32±0,01	0,33±0,01	0,31±0,01	0,31±0,01	0,31±0,01	0,32±0,01
Ковокидорӣ, г/см³	0,28±0,01	0,29±0,01	0,25±0,01	0,27±0,01	0,24±0,01	0,30±0,01
Ҳаҷми озоди қабати ашё, г/см³	0,52±0,01	0,53±0,01	0,52±0,01	0,62±0,01	0,63±0,01	0,64±0,01
Зариби фурӯбарии экстрагент:						
Оби тозашуда	2,90±0,01	3,00±0,02	2,80±0,02	3,50±0,01	3,20±0,02	3,50±0,02
Спирти этилӣ 10%	2,03±0,01	2,10±0,01	2,12±0,01	2,15±0,01	2,18±0,01	2,22±0,01
Спирти этилӣ 20%	2,0±0,01	2,20±0,02	2,35±0,01	2,30±0,01	2,50±0,02	2,23±0,01
Спирти этилӣ 40%	2,10±0,02	2,12±0,10	2,30±0,02	2,00±0,02	2,10±0,10	2,30±0,02
Спитри этилӣ 60%	1,52±0,02	1,55±0,02	2,25±0,02	1,67±0,02	1,69±0,02	2,52±0,02
Спирти этилӣ 70%	1,62±0,02	1,85±0,02	2,10±0,02	1,71±0,02	1,95±0,02	2,68±0,02
Спирти этилӣ 80%	1,93±0,01	2,01±0,01	2,15±0,02	1,99±0,01	2,25±0,01	2,45±0,02
Спирти этилӣ 95%	1,85±0,02	1,95±0,01	2,10±0,02	1,89±0,01	1,96±0,01	2,04±0,02

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 1 дида мешавад, ифодаҳои ададии нишондиҳандаҳои фармако-технологии ашёи хоми меваи растаниҳои дулонаи туркистонӣ ва дулонаи понтикӣ вобаста ба дараҷаи майданокии он барои меваи дулонаи туркистонӣ: вазни хос аз 1,14 то 1,60 г/см³, вазни ҳаҷмӣ аз 0,66 то 0,82 г/см³, вазни пуркунӣ аз 0,40 то 0,53 г/см³, масомадорӣ аз 0,31 то 0,33 г/см³, ковокидорӣ аз 0,25 г/см³ то 0,29 г/см³ , ҳаҷми озоди қабати ашё аз 0,52 то 0,53 г/см³, зариби фурӯбарии спирти этилии 70% аз 1,62 то 2,10 мебошад. Барои меваи дулонаи понтикӣ: вазни хосси он аз 1,23 то 1,46 г/см³, вазни ҳаҷмӣ аз 0,60 то 0,72 г/см³, вазни пуркунӣ аз 0,38 то 0,45 г/см³, масомадорӣ аз 0,32 то 0,31 г/см³, ковокидорӣ аз 0,24 то 0,30 г/см³, ҳаҷми озоди қабати ашё аз 0,62 то 0,64 г/см³, зариби фурубарии спирти этилии 70% аз 1,71 то 2,68 г/см³ фарқ мекунад.

Маълумоти таҷрибавӣ оид ба баромади моддаҳои истихроҷшаванда дар вобастагӣ ба андозаи ашёи хом дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Таъсири андозаи ашё ба баромади моддаҳои истихроҷшаванда дар меваҳои дулонаи туркистонӣ ва дулонаи понтикӣ

Нишондиҳандаҳои технологӣ	Меваҳои дулонаи туркистонӣ			Меваҳои дулонаи понтикӣ		
	Моддаҳои истихроҷшаванда					
	Андозаи майданокии ашёи хом, мм					
	0,5-1,5	1,5-3,0	3,0-5,0	0,5-1,5	1,5-3,0	3,0-5,0
Оби тозашуда	52,20	53,78	49,23	63,15	64,05	65,31
Спирти этилӣ 10%	38,50	39,05	40,12	49,48	50,02	52,01
Спирти этилӣ 20%	40,25	42,35	41,50	52,70	55,15	57,05
Спирти этилӣ 40%	41,47	41,80	39,25	47,50	47,95	48,15
Спитри этилӣ 60%	39,76	42,20	41,50	49,80	52,20	48,65
Спирти этилӣ 70%	**46,45**	**56,18**	**56,02**	**58,05**	**68,12**	**68,58**
Спирти этилӣ 80%	35,20	38,45	36,45	39,50	40,10	39,80
Спирти этилӣ 95%	24,25	27,16	26,0	42,28	47,22	47,85

Тавре, ки аз ҷадвали 2 дида мешавад, миқдори баландтарини моддаҳои истихроҷшаванда дар меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ҳангоми ба сифати экстрагент истифода гаштани спирти этилии 70 % ва дараҷаи майданокии ашё ба (1,5 - 3,0 мм) баробар будан, 56,18 %-ро ташкил медиҳад. Миқдори баландтарини моддаҳои истихроҷшаванда дар меваҳои дулонаи понтикӣ (C. Pontica)

ҳангоми ба сифати экстрагент истифода гаштани спирти этилии 70 % ва дараҷаи майданокии ашё ба (3,0 – 5,0 мм) баробар будан, 68,58 % - ро ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, ҳосили баландтарини моддаҳои истихроҷшаванда барои меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) (56,18%) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica) (68,58%) ҳангоми ҳамчун экстрагент истифода бурдани спирти этилии 70% ва дараҷаи майданокии ашёи меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) 1,5-3,0 мм ва меваҳои дулонаи понтикӣ (C. Pontica) мутаносибан 3,0 - 5,0 мм-ро ташкил дод. Аммо, аз таҷриба маълум аст, ки майда кардани ашёи хом боиси нобудшавии ҳуҷайраҳои растанӣ мегардад, ки ин ба шуста шудани моддаҳои баллластӣ (калонмолекулӣ) дар экстракт, инчунин ба гузариши зарраҳо дар шаклҳои муаллақи коллоидӣ мусоидат мекунад, бинобар ин, дараҷаи майданокии ашёи меваи дулонаи туркистонӣ (C.Turkestanica) мувофиқан ба 1,5-3,0 мм ва барои меваи дулонаи понтикӣ (C. Pontica) 3,0 - 5,0 мм интихоб карда шуд. Таҷрибаҳо дар панҷ марҳила гузаронида шуд, натиҷаҳо аз коркарди оморӣ гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, ифодаҳои ададии ба таври таҷрибавӣ муқарраршудаи нишондиҳандаҳои фармако-технологӣ ва нишондодҳои сифатии доруномавӣ имкон медиҳанд, ки усул ва шароитҳои бартариятноки истихроҷи моддаҳои биологӣ аз ашёи мевагии растаниҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica) пешбинӣ карда шуда, равандҳои технологӣ ба меъёр даровард шаванд.

АДАБИЁТ

1. Анцышкина А.М. К вопросу о фармакологической активности препаратов боярышника [Текст] / А.М. Анцышкина, Е.И. Барабанов, И.А. Самылина, Н.В. Каверина // Фармация, 1990. 2: -С.63-65.
2. Liu, X.Y. Study on lipid regulation mechanism of total flavonoids from Folium crataegi by 3T3-L1 cells / X.Y. Liu, L. Zhou, R.Y. Liang // Chin. Arch. Tradit. Chin. Med. – 2009. – No. 27. – P. 1066–1068.
3. Рахимова, М. Х. Изучение фармако – технологических параметров некоторых растений флоры Таджикистана, обладающих антидиабетической активностью [Текст] / С.М. Мусозода, О.С. Шпичак // Наука и инновация ISSN2312-3648 №3 2019. -С.51-55.
4. Бекболатова, Э.Н. Изучение технологических параметров сырья боярышника алматинского (Crataegus almaatensis Pojark) [Текст] / Э.Н. Бекболатова, З.Б. Сакипова, А.Т. Кабденова, Л.Н. Ибрагимова, Н.Т. Маликова // Вестник КазНМУ №1-2017. -С. 418-422.
5. Государственная Фармакопея СССР. - Вып.2. Общие методы анализа. Лекарственное растительное сырье. -М.: Медицина, 1990. -400 с.
6. Ходжиматов, М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана / М. Ходжиматов. – Душанбе, 1989. -368с.
7. Лазуко, С.С. Сравнительная оценка антиаритмической активности настоек боярышника, полученных разными способами / С.С. Лазуко, А.А. Красильников, Г.А. Хуткина, В.В. Кугач, А.В. Соколовский, Е.С. Бугрина // Вестник фармации 2009, 2(44), -С. 55-64.
8. Самылина, И.А. Боярышник (Crataegus): возможности медицинского применения / И.А. Самылина, А.А. Сорокина, Н.В. Пятигорская // – Фарматека, 2010. 8. -С. 83-85.
9. Флора Таджикской ССР, том 4, -Ленинград, 1981. - С. 353-372.
10. Гарна, С.В. Взаємозв'язок основних технологічних параметрів рослинної сировини [Текст] /С.В. Гарна, П.П. Вєтров, В.А. // Актуальні питання фармацевтичної і медичної науки та практики. - 2012. - №1. - С. 54-57.
11. Чуешов, В.И., Гладух, Е.В. Технология лекарств промышленного производства / В.И.Чуешов, Е.В. Гладух. - Винница: Нова Книга, 2014. – С.403-445.
12. Хишова, О.М. Количественное определение процианидинов плодов боярышника / О.М. Хишова, Г.Н. Бузук // Химико-фармацевтический журнал. - 2006. - №2. - С. 20-21.
13. Tunde Jurikova, Jiri Sochor, Otakar Rop, Jiri Mlcek, Stefan Balla, Ladislav Szekeres, Vojtech Adam, Rene Kizek Polyphenolic Profile and Biological Activity of Chinese Hawthorn (Crataegus pinnatifida BUNGE) Fruits // Molecules. - 2012. - №17. - P.14490-14509.
14. Каримов Ф.У. Растаниҳои авлоди Crataegus L. – манбаи маводди дорӯ ва дурнамои онҳо / Ф.У. Каримов, С.И.Раҷабов, М.А. Хайдарова. // Маҷаллаи илмии тиббӣ Симурғ 12(4) 2021. -С.148-153.

ОМӮЗИШИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАРМАКО-ТЕХНОЛОГИИ МЕВАИ CRATAEGUS TURKESTANICA ВА CRATAEGUS PONTICA

Дар мақола натиҷаҳои омӯзиши нишондиҳандаҳои фармако-технологии ашёи хоми меваи растаниҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica): вазни хос, вазни ҳаҷмӣ, вазни пуркунӣ, масомадорӣ, ковокидорӣ, ҳаҷми озоди қабати ашёи хом, зариби фурӯбарии экстрагент барои ашё ва миқдори моддаҳои истихроҷшаванда оварда шудааст. Натиҷаҳои омӯзиш имконият медиҳанд, ки усул ва шароити бартариятноки истихроҷи моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол пешбинӣ гашта, равандҳои технологии ба даст овардани экстрактҳои сифати доруномавӣ ба меъёр дароварда шаванд. Аз ин рӯ, экстрагенти бартариятнок барои баромади баландтарини моддаҳои истихроҷшавандаи меваҳои дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) ва дулонаи понтикӣ (C. Pontica) спирти этилии 70% маълум карда шуд, дар ҳоле, ки дисперснокӣ барои ашёи хоми меваи дулонаи туркистонӣ (C. Turkestanica) 1,5-3,0 мм ва барои меваи дулонаи понтикӣ (C. Pontica) мутаносибан 3,0 - 5,0 мм – ро ташкил дод.

Калидвожаҳо: ашёи растанигии шифобахш, нишондиҳандаҳои фармако-технологӣ, моддаҳои фаъоли биологӣ, экстрагент, дараҷаи майдакунӣ, меваҳо, дулона, дулонаи туркистонӣ, дулонаи понтикӣ.

ИЗУЧЕНИЕ ФАРМАКО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ ПАРАМЕТРОВ ПЛОДОВ CRATAEGUS TURKESTANICA И CRATAEGUS PONTICA

Оилаи кирмшаклҳои ордак (Pseudococcidae) 2 - намуд (5,2%). Оилаи (Scarabaeidae) 2 - намуд (5,2%). Оилаи ширинчаҳо (Aphididae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи трипсҳо (Thripidae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи (Buprestidae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи (Ceramycidae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи (Elateridae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи (Nolidae) 1 - намуд (2,6%). Оилаи (Piralididae) 1 – намуд (2,6%) - ро дар бар мегиранд.

Гурӯҳи дигари ҳайвоноти бесутунмӯҳраи ба растаниҳои кишоварзӣ осебрасон ин канаҳои растанихӯр мебошанд. Аз рӯйи мавқеи таснифӣ канаҳо ба синфи тортанакшаклон (Arachnoidea) мансуб мебошанд. Айни замон, қатори канаҳои акариформӣ (Acariformes) 1257 – намуди канаҳои зараррасонро мутаҳид мекунад [10].

Дар рафти таҳқиқотҳо ва мушоҳидаҳои гузаронидашуда, муайян карда шуд, ки дар агросенозҳои анор 6-намуди канаҳои растанихӯр вомехӯранд: канаи сурхи мевагӣ - *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ - *Tetranychus urticae* Koch.; тортанакканаи боғ - *Schijotetrany chus pruni* Oud.;канаи дулона - *Amphitetranychus viennensis* Jacher.; канаи бури мева - *Bryobia reidcorzevi* Reck ва канаи анор - *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak. Аз ҷиҳати мавқеи таснифоти бошад ба 3 оила ва 6 авлод тақсим мешаванд.

Бо гуногуни намудҳо бошад оилаи (Tetranychidae) бартари дошта 4 намудро дар бар мегирад, ки ба 4 авлод мансубанд. Намудҳои ин оила (10,5%) гуногунии канаҳои зараррасонро ташкил медиҳад. Оилаҳои (Bryobiidae) ва (Tenuipalpidae) мутаносибан

1 намудро дар бар мегиранд (2,6% ҳар кадом). Гуногуни намудҳои ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор вобаста ба оилаҳо дар расми 1 - нишон дода шудааст.



Расми 1. Гуногунии намудҳои ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор вобаста ба оилаҳо

Аз 38 - намуди зараррасонҳои дар анор ба қайд гирифташуда, 20 -намудашон намудҳои маъмулӣ буда, солҳои пешин дар адабиётҳо ҳамчун зараррасонҳои анор дар ноҳияҳои гуногуни парвариши ин растанӣ дар рӯйи замин шарҳ ёфтаанд.

Боқимонда 18–намуди дигар бошад бори аввал ҳамчун зараррасони анор муайян карда шудаанд. То ба ин рӯз доир ба баъзе намудҳои зараррасонҳо (*Polydrosus alaiensis* Fst., *Polydrosus dohrni* Fst., *Polydrosus kiesenwetteri* Fst., *Capnodis tenebricosa* OL., *Epicometis turanica* Peitt.) дар адабиётҳои илмӣ маълумотҳо кам оварда шудааст, маълумотҳои овардашуда нав мебошанд.

Хусусиятҳои биологии баъзе аз намудҳо муфассал шарҳ дода шуда, дар бораи хусусиятҳои биологии намудҳои дигар дар адабиётҳо маълумотҳои пурра оварда нашуда, барои шароити географии муайяни Тоҷикистон нишон додашуда ба таври васеъ шарҳ наёфтаанд.


Дар шароити Тоҷикистон аксарияти зараррасонҳо ҳамчун зараррасони анор махсусият надоранд ва онҳо дар дигар дарахтони мевадиҳанда низ дучор мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки танҳо 3 – намуди зараррасонҳо ба монанди ширинчаи анор, шапалаки анор ва канаи анор монофаг буда, танҳо дар дарахти анор дучор мешаванд ва дар дигар намуди растаниҳои мевадиҳанада дида намешаванд. Бештари ҳашарот ва канаҳо намудҳои полифаг буда, ғайр аз дарахти анор дар дигар растаниҳои мевадиҳанда ва ҷангал дучор мешаванд.

Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки ба анор бештар намудҳои зерин осеб мерасонанд: *Euzophera punicaella* Mooze., *Aphis punica* Pass., *Tetranychus urticae* Koch., *Fenuipalpus punicae* Back., *Laspeyresia pomonella* L., *Pseudococcus comstocki., Bemisia*

tabaci Genn., *Trialeurodes vaporariorum* West., *Polidrosus pilifer* Hoch., *Polidrosus obliguatus* Fst. ва *Capnodis tenebricosa* OL. Зараррасонҳои дигар бошанд дар ноҳияҳои парваришшавандаи анор на он қадар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Расми 2.Махсусияти ғизогирии зараррасонҳои анор



Тибқи сарчашмаҳои адабиёти ва таҳқиқотҳои анҷомдодаи мо муайян карда шуд, ки ҳашарот ва канаҳои зараррасон ба ғайр аз анор аксарияти онҳо ба дигар намуди растаниҳои мевадиҳандаи полезӣ ва оришию ҷангал низ осеб мерасонанд. Бинобар ин, аз рӯйи махсусияти ғизогирӣ онҳоро ба 3 - гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Гурӯҳи якум монофаг – ба ин гурӯҳ намудҳое дохил мешаванд, ки танҳо як намуди растаниро ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд. Аз ҷумла, ҳашарот аз оилаи (Aphididae) 1 - намуд ширинчаи анор, *Aphis punica L.* Pass., аз оилаи Оилаи (Nolidae) 1 - намуд шапалаки анор - *Arcyophora dentula* Ld., аз канаҳо бошад Оилаи (Tenuipalpidae) 1 - намуд канаи анор *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak. дохил мешаванд, ки (0,7%) – ро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи дуюм олигофаг – зараррасонҳое мебошанд, ки асосан ба растаниҳои мансуби як оила осеб мерасонанд. Ба ин гурӯҳ аз канаҳо: канаи бури мева - *Bryobia reidcorzevi* Reck. дохил мешавад.

Гурӯҳи сеюм полифаг – ин гурӯҳ намудҳоеро дар бар мегирад, ки ба растаниҳои аз оилаҳои гуногун мансуб буда зарар мерасонанд. Ба ин гурӯҳ шумораи зиёди зараррасонҳо мансубанд. Аз оилаи (Aleyrodidae) 3 - намуд: *Bemisia tabaci* Genn. - сафедболаки тамоку ё пахта; *Trialeurodes vaporariorum* West- сафедболаки гармхонагӣ ё оранжерӣ; *Dialeurodes citri* Ashm. -сафедболаки ситрусӣ. *Оилаи* (Pseudococcidae) 2-намуд: *Pseudococcus comstocki* Kuw. - кирмаки комсток; *Planococcus ficus* Sign - кирмаки ордаки ангур. Оилаи (Thripidae) 1 - намуд: трипси тамоку - *Thrips tabaci* Lind., Оилаи (Acrididae) 5 - намуд: малахи Осиёи Миёнагӣ; *Locusta migratoria* L., малахи марокашӣ - *Dociostaurus maroccanus* Thnb., пруси итолёвӣ; *Calliptamus italicus* L., малахи биёбонӣ - *Schistocerca gregaria* Forsk., пруси лалмӣ-*Calliptaus turanicus* Tarb., Оилаи (Gryllotalpidae) 1 - намуд: гусоласараки муқаррарӣ - *Gryllotalpa gryllotalpa* L.

Оилаи (Tortricidae) 3 - намуд: оташаки анор - *Euzophera punicaella* Mooze., мевахураки себ - *Laspeyresia pomonella* L.; шапалаки розанӣ - *Archips rosana* L.- Оилаи (Nolidae) 1- намуд: шапалаки анор. *Arcyophora dentula* Ld., Оилаи (Buprestidae) 1 - намуд: гамбуски гарданкӯтоҳ - *Capnodis tenebricosa* OL., Оилаи (Curculionidae) 10-намуд: *Myllocerinus inocus* Faust.; *Myllocerinus conirostris* Form; *Polidrosus pilifer* Hoch;

Polidrosus obliguatus Fst; *Polydrosus turanensis* Fst.; *Polydrosus alaiensis* Fst.; *Polydrosus dohrni* Fst., *Polydrosus kiesenwetteri* Fst., *Corygtus conirostris* Form.; *Polydrosus virginalis* Pst., Оилаи (Scarabaeidae) 2 - намуд: *Polyphylla adspersa* Motsch.; *Epicometis turanica* Peitt. Оилаи (Ceramycidae)1 - намуд: *Cleroclytus banghaasi* Rtt. Оилаи (Elateridae) 1 - намуд: *Agriotes obscurus* L.аз канаҳои бошад аз оилаи: (Tetranychidae) 4 - намуд: канаи сурхи мевагӣ - *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ - *Tetranychus urticae* Koch., тортанакканаи боғ - *Schijotetrany chus pruni* Oud., канаи дулона - *Amphitetranychus viennensis* Jacher ва аз оилаи Оилаи – (Tenuipalpidae) 1 - намуд**:** канаи анор - *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak. мансубанд.

Аз ҷиҳати тарзи осебрасонӣ ба ин ё он узви растанӣ заррасонҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: 1) зараррасонҳо барг; 2) зараррасонҳои гул; 3) зараррасонҳои мева; 4) зараррасонҳои поя, шоха, муғча ва навда; 5) зараррасонҳои реша. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки ба паҳншави ва афзоиши зараррасонҳои растаниҳои мевадиҳандаи боғи шароити обу ҳавои иқлим ва манбаи ғизо таъсири хеле калон мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Агроклиматические ресурсы Таджикской ССР. -Ч. 1. –Л.: Гидрометеоиздат. -1976. -214 с.
2. Асоев А.К. Морфо-биологические особенности гранатовой огневки - плодожорки (Euzophera punicaella Morr.) / А.К. Асоев, М.Х. Амонов // Материалы за IX Международная научна-практична конференция. Найновите постижения на Европе ската наука 2013. 17-25-ти юни 2013. том 15 лекарство биологии София "Бял ГРАД-БГ" ООД. 2013. -С. 83-87.
3. Асоев А.К. Биофизический метод борьбы с гранатовой огневкойплодожоркой /А.К.Асоев//Сборник статей по материалам XXVIII международной научно-практической конференции «Технические науки от теории к практике». № 11 (24), ноябрь 2013 г. Новосибирск. Отв.ред. Гулин А.И. — С. 91—97.
4. Асоев А.К. Химическая защита граната от гранатовой огневки плодожорки-Euzophora punicella Moorr в условиях Нурекской зоны Таджикистана / А.К.Асоев, М.Х.Амонов, М.М. Ташпулатов, Ф.С. Абдунабиев // Вестник национального университета 1/1 (126). –Душанбе: Сино, 2014. –С.174-178.
5. Гулов С.М., Ташпӯлатов М.М. ва диг. Технологияи парвариш ва системаи ҳимояи анор аз зараррасон ва касалиҳо дар шароити Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. - 156 с.
6. Гулов С.М. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳифз ва карантини растанӣ барои усувории экологии агробиосенозҳо» / С.М. Гулов. –Душанбе, – 2018. - С. 37-42.
7. Саидов Н. Воситаҳои табиии мубориза зидди ҳашарот ва касалиҳои зироатҳо / Н.Саидов – Душанбе, 2012. -30 с.
8. Митрофанов В.И. Определитель тетраниховых клещей фауны СССР и сопредельных стран (Tetranychidae, Briobiidae) / В.И.Митрофанов, З.И.Стрункова, И.З.Лившиц. – Душанбе: Дониш, 1987. – 223 с.
9. Файзуллоева К.Н. Рушди боғу токпарварӣ дар ноҳияҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.Н.Файзуллоева // Кишоварз. -№1(81). -2019. -С.55.
10. .Migeon, A. Spider mites web: a comprehensive data base for the Tetranychidae / A. Migeon, E. Nouguier, F. Dorkeld // Trends in Acarology. Proceedings of the 12th International Congress. - 2010. - P. 557-560.
11. Фасулати Т.К. Полевое изучение наземных беспозвоночных / Т.К. Фасулати. –Москва: Высшая школа. – 1971. -424 с.
12. Шпар Д. Рост населения в мире, экологически устойчивое сельское хозяйство и защиты растений на рубеже XXI века / Д. Шпар // Вестник защиты растений, 1991, -№ 1. –С.36-43.
13. Яхонтов В.В. Полезные и вредные насекомые Узбекистана / В.В. Яхонтов, А.Н.Лужетский, Р.А.Алимљанов. – Ташкент, 1960. -203 с.

ТАРКИБИ НАМУДИИ ЗАРАРРАСОНҲОИ АНОР (*PUNICA GRANATUM* L.) ДАР ҚИСМАТИ ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба таркиби намудӣ ва махсусияти ғизогирии зараррасонҳои анор маълумотҳо оварда шудааст. Дар рафти таҳқиқотҳои бисёрсола (2014 – 2021) ва мушоҳидаҳои анҷом додашуда, муайян гардид, ки дар анорзорҳои қисмати ҷанубии Тоҷикистон 38 - намудӣ зараррасонҳо вомехуранд, ки онҳо ба 2 синф, 6 қатор, 17 оила ва 28 авлод мансуб мебошанд. Аз ҷиҳати гуногуннамуди дар байни зараррасонҳо намоядаҳои синфи ҳашарот 32- намуд (84,3%) ва канаҳо бошад 6 – намуд (15,7%) – ро ташкил медиҳанд.Аз ҳиҳати махсусияти ғизогирӣ зараррасонҳо ба монофаг 3 – намуд (8%), олигофаг 1 – намуд (3%) ва полифаг 34 – намуд (89%) ҷудо шуда, аз ҷиҳати

тарзи осебрасони ба ин ё он узви растанӣ бошад онҳо ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд: 1) зараррасонҳо барг; 2) зараррасонҳои гул; 3) зараррасонҳои мева; 4) зараррасонҳои поя, шоха, муғча ва навда; 5) зараррасонҳои реша.Ҳамзамон, дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки ба анор бештар намудҳои зерин осеб мерасонанд: *Euzophera punicaella* Mooze., *Aphis punica* Pass., *Tetranichus telarius* L., *Fenuipalpus punicae* Back., *Laspeyresia pomonella* L., *Pseudococcus comstocki., Bemisia tabaci* Genn., *Trialeurodes vaporariorum* West., *Polidrosus pilifer* Hoch., *Polidrosus obliguatus* Fst. ва *Capnodis tenebricosa* OL.

Калидвожаҳо: таркиби намудӣ, зараррасон, зараррасонӣ, анор, махсусияти ғизогирӣ, Тоҷикистони Ҷанубӣ, водии Вахш, монофаг, олигофаг, полифаг, *Polydrosus.*

ВИДОВОЙ СОСТАВ ВРЕДИТЕЛЕЙ ГРАНАТА (*PUNICA GRANATUM* L.) В ЮЖНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье приводятся сведения о видовом составе и пищевой специализация вредителей граната. В результате многолетних исследований и наблюдений (2014–2021) установлено, что в гранатовых садах Южного Таджикистана встречается 38 видов вредителей, относяхщихся к 2 классам, 6 отрядам, 17 семействам и 28 родам.По разнообразию видов среди вредителей наиболее богато представлены представители класса насекомых 32 вида (84,3%) и клещи 6 видов (15,7%).По характеру пищевой специализации вредителей разделяют на монофаги 3 вида (8%), олигофаги 1 вид (3%) и полифаги 34 вида (89%). По способу вредоносности вредители подразделяются на: 1) вредителей листья;2) вредителей цветков; 3) вредителей плодов; 4) вредителей стволов, ветвей и почек; 5) вредителей корней.В процессе исследований установлено, что наиболиший вред гранате приносят *Euzophera punicaella* Mooze., *Aphis punica* Pass., *Tetranichus telarius* L., *Fenuipalpus punicae* Back., *Laspeyresia pomonella* L., *Pseudococcus comstocki., Bemisia tabaci* Genn., *Trialeurodes vaporariorum* West., *Polidrosus pilifer* Hoch., *Polidrosus obliguatus* Fst. ва *Capnodis tenebricosa* OL.

Ключевые слова: видовой состав, вредителли, вредоносность, гранат, пищевая специализация, Южный Таджикистан, Вахшская долина, монофаг, олигофаг, полифаг, *Polydrosus.*

SPECIES COMPOSITION OF POMEGRANATE PESTS (PUNICA GRANATUM L.) IN SOUTHERN TAJIKISTAN

This article provides information on the species composition and food specialization of pomegranate pests. As a result of many years of research and observation (2014-2021), it was found that 38 species of pests belonging to 2 classes, 6 orders, 17 families and 28 genera are found in the garanate gardens of southern Tajikistan. In terms of the diversity of pest species, the insects of the class of insects of 32 species (84.3%) and mites of 6 species (15.7%) are most richly attached.According to the nature of food specialization, pests are divided into monophages of 3 species (8%), oligophages of 1 species (3%) and polyphages of 34 species (89%). According to the method of harmfulness, pests are divided into: 1) pests of leaves; 2) pests of flowers; 3) fruit pests; 4) pests of branches, buds; 5) root pests.In the process of research, it was found that Euzophera punicaella Mooze., Aphis punica Pass., Tetranichus telarius L., Fenuipalpus punicae Back., Laspeyresia pomonella L., Pseudococcus comstocki., Bemisia tabaci Genn., Trialeurodes vaporariorum West., Polidrosus pilifer Hoch., Polidrosus obliguatus Fst. va Capnodis tenebricosa OL.

Key words: species composition, pests, harmfulness, pomegranate, food specialization, southern Tajikistan, Vakhsh valley, monophage, oligophage, polyphage, Polydrosus.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Давлатов Одинашо Муҳаббатович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ассистенти кафедраи зоология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915-25-22-24.**
Қодиров Абдусалом Ҳафизович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон профессори кафедраи зоология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **917-36-39-53.**

Сведения об авторах: ***Давлатов Одинашо Мухаббатович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры зоологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-25-22-24.**
Кадыров Абдусалом Хафизович–Таджикский национальный университет, профессор кафедры зоологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **917-36-39-53.**

Information about the authors*: Davlatov Odinasho Mukhabbatovich* - Tajik National University assistant of the department of zoology: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone**: 915-25-22-24.**
Kadyrov Abdusalom Khafizovich - Tajik National University, Professor of the Department of Zoology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **917-36-39-53.**

УДК:632.151


ТАЪСИРИ ПАРТОВҲОИ ГАЗӢ БА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИМИЯВИИ ЯК ҚАТОР РАВҒАНҲОИ ТАҲҚИҚШАВАНДА

Иброҳимзода Д.Э., Махмудов А.Ш., Гиёев П.Р.*
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони олами наботот мебошад. Аз замонҳои қадим бисёре аз растаниҳои худрӯйи Тоҷикистон ҳамчун ашёи хоми ниҳоӣ барои тайёр намудани ғизо, доруворӣ, рангкунандаҳо, маводи гигиенӣ, композитсияҳои атриётӣ ва ғайра истифода мегардид. Мутаассифона, новобаста аз тадбиқи амалии ҳазорсола бинобар набудани маълумоти илман асоснок, айни замон ин растаниҳо аз истеҳсолот дур мондаанд. Адади собунонӣ нишондиҳандаи химиявие мебошад, ки аз рӯйи он миқдори умумии кислотаҳои пайваст (кислоҳои калонмолекулаи органикие, ки дар шакли эфирҳои мураккаб (глисеридҳо) ва кислотаҳои озод қарор доранд дар муқоиса бамассаи сарфшудаи титрант аз рӯйи мгКОН/г муайян карда мешавад [1].

Усули муайян намудани адади собунони чун усули муайян намудани адади кислотаги марбут ба методҳои титриметрӣ мебошад. Фарқияти методи муайян намудани адади собунони аз адади кислотагӣ дар он мебошад, ки дар усули муайян намудани адади собунони як миқдори муайян равған гирифта шуда, пас аз ҳал намудан дар спирти метанол ва ё этанол бо КОН коркарди термикӣ карда мешавад. Барои гузаронидани реаксияи ҳидролиз дар ин усул истифодаи колбаи ба гармӣ тобовари бо хунуккунаки баргаранда муҷаҳазонида тавсия дода шудааст [2].

Дар рафти таҳлилҳо дар ин ҷода муайян карда шуд, ки ба маҳсулнокӣ ва суръати реаксияи ҳидролизи ишқори метавонад ҳалкунандаи истифодакардашуда таъсири худро расонад (расми 1).



Расми 1. Вобастагии маҳсулнокии реаксияи ҳидролизи глисеридҳои пахтаи навъи «Ҳисор» аз спиртҳои истифодашуда.

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои раванди ҳидролизи глисеридҳои пахтаи навъи «Ҳисор» бармеояд, дар иҷрои ин таҳлил аз метанол, этанол ва изопропанол истифода карда шудааст. Барои муайян намудани кинетикаи реаксияи таъсири мутақобилаи глисеридҳо бо ишқори калий ва маҳсулнокии он дар воҳиди вақт, муддати ҳар 5 дақиқа тавассути усули титриметрӣ адади собунонии равғани таҳқиқшаванда муайян карда шуд. Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки дар ҳама ҳолатҳо муддати 30 дақиқа реаксия нисбатан бо суръат тез мегузарад. Сипас, муддати 10-15 дақиқаи дигар суръати реаксия суст мешавад. Пас аз ба анҷом расидани ин муддат дар ҳолати истифодаи этанол ҳамчун ҳалкунанда коҳишёбии қимати адади собунонӣ мушоҳида карда шуд.

Барои муайян намудани ин ҳодисаи ғайримуқаррарӣ як қатор таҳлилҳо гузаронида шуд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил муайян гардид, ки дар ҳолати истифодаи этанол реаксия қисман баргаранда мегардад. Барои баргаранда гардидани реаксия оби таркибии этанол мусоидат менамояд. Ошкор гардид, ки дар суръати истифодаи метанол маҳсулнокии реаксия нисбат ба назария ба 91% баробар мегардад. Натиҷаҳои дақиқ ва пурсамар дар ҳолати истифодаи спирти изопропанол ба даст оварда шуд. Дар натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда муайян гардид, ки ҳангоми истифодаи спирти изопропил ҳамчун ҳалкунанда натанҳо маҳсулнокии реаксия зиёд мешавад, инчунин суръати реаксияро низ ин ҳалкунанда метезонад.

Пас аз муайян намудани адади собунонӣ адади эфирии навъҳои пахтаҳои таҳқиқшаванда дар мувофиқ бо адабиёти илмӣ [3] муайян карда шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1 баррасӣ карда шудаанд.

Ҷадвали 1. Муҳимтарин нишондиҳандаҳои физикию химиявии равғани пахта ва таъсири партовҳои КВД «ШАТ» ба таркиби химиявии он

Номгӯйи равғанҳои таҳқиқшаванда	Адади кислотагӣ (мг КОН/г)		Адади собунонӣ (мг КОН/г)		Адади эфирӣ (мг КОН/г)	
	а	б	а	б	а	б
Равғани ядрои тухми навъи «Меҳргон»	3,51	3,63	186,5	187,3	182,99	183,67
Равғани ядрои тухми навъи «Ҳисор»	3,53	3,59	180,3	191,1	176,77	187,51
Равғани ядрои тухми навъи «65/30»	3,48	3,62	190,6	192,4	187,12	188,78
Равғани ядрои тухми навъи «L-15»	3,54	3,61	192,3	190,3	188,76	186,96
Равғани ядрои тухми навъи «L-53»	3,52	3,67	194,5	195,0	190,98	191,33

Эзоҳ: а – намунаи номгӯйи равғанҳои навъҳо ва линияҳои гуногуни пахтае, ки дар қитъаи экспериментали кафедраи «Биохимия» - и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; б-

намунаи номгӯйи равғанҳои таҳқиқшудаи навъҳои гуногуни пахта, ки дар минтақаҳои осебпазири назди КВД «ШАТ» парвариш карда шудааст.

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои бадастовардашудаи илмӣ, ки дар ҷадвали 1 баррасӣ гардидааст бармеояд аз рӯйи таркиби химиявии намунаҳои равғанҳои таҳқиқшуда байни ҳам фарқ менамоянд. Тадқиқотҳои гузаронидашуда оиди муайян намудани адади кислотагӣ, адади собунонӣ ва адади эфирӣ нишон дод, ки партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ва метаболизми ҳосилшавии кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ ва глисеридҳо таъсири худро мерасонад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳои эксперименталӣ муайян карда шуд, ки дар таркиби равғанҳои таҳқиқшуда, ки дар минтақаҳои осебпазири назди КВД «ШАТ» парвариш карда шудааст, нисбат ба равғанҳои пахтае, ки дар қитъаи экспериментalии назди кафедраи «Биохимия»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон парвариш карда шудааст миқдори кислотаҳои озод бештар дида мешавад. Новобаста аз оне, ки зиёд будани кислотаҳои озод ба паст гардидани сифати равғани пахта мусоидат менамояд он аз ҳудуди ҷоизаи ғализи (ҲҶЗ) берун нест.

Ҳудуди ҷоизаи ғализии равғанҳои хӯрдани то ба 5 мг/КОН/г баробар аст. Дар ин ҷо қайд намудан ба маврид аст, ки ҳама гуна равғане, ки дар саноати хӯрокворӣ истифода мегардад, он коркардҳои махсусро мегузарад. Яке аз чунин коркардҳо рафинированидани равғанҳо мебошад. Дар технологияи рафинированидан аз соддаи каустикӣ (NaOH) истифода менамоянд. Соддаи каустикӣ бо кислотаҳои озоди таркиби равғанҳо таъсири мутақобила намуда онҳоро ба намак табдил медиҳад. Ин раванди технологӣ боиси он мегардад, ки ғализати кислотаҳои озод дар таркиби равған ба миқдори назаррас коҳиш ёбад.

Дар рафти таҳқиқотҳо дар ин ҷода барои муайян намудани таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба соҳаи пахтапарвариии минтақа миқдори пайвастагиҳои беҳади органикии таркиби равғанҳои таҳқиқшаванда таҳлил карда шуд. Дар таҳлили сифатӣ ва миқдории ин гурӯҳи пайвастагиҳо аз усули нишондиҳандаи адади йодӣ истифода намудем.

Адади йодӣ нишондиҳандаи химиявие мебошад, ки аз рӯйи он миқдори умумии пайвастагиҳои беҳади органикӣ дар муқоиса ба грами сарфшудаи йод ҳангоми титронидани 100г равған, муайян карда мешавад [4].

Дар методҳои таҳлили биохимиявӣ якчанд усулҳои муайян намудани адади йодӣ маълум аст. Дар рафти омӯзиши ҷанбаҳои биохимиявии таъсири партовҳои КВД «ШАТ» ба вазъи экологии флораи минтақам мо аз усули Ганус [5] истифода намудем.

Сабаби интихоби усули «Ганус» дар он мебошад, ки усули мазкур нисбат ба усулҳои дигари муайян намудани адади йоди содда ва қуллай буда, сарфи зиёди лавозимотҳои лабораториро талаб наменамояд. Ин афзалияти усулро ба инобат гирифта бо истифода аз он адади иодии равғанҳои таҳлилшавандаро муайян намудем. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 2 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 2. Таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба қимати нишондиҳандаи адади йодии равғани пахта

Номгӯйи равғанҳои таҳқиқшаванда	Нишондиҳандаи адади йодӣ дар таҷрибаҳои пай дар пай (гI_2/100г)			Қимати миёнаи адади йодӣ (гI_2/100г)
	№1 (гI_2/100г)	№2(гI_2/100г)	№3 (гI_2/100г)	
Равғани ядрои тухми навъи «Меҳргон»	89,35	89,20	89,33	89,29
Равғани ядрои тухми навъи «Ҳисор»	90,05	89,90	89,95	89,96
Равғани ядрои тухми навъи «65/30»	93,00	92,87	93,00	92,96
Равғани ядрои тухми навъи «L-15»	94,79	94,50	94,80	94,70
Равғани ядрои тухми навъи «L-53»	93,51	93,55	93,50	93,52

Барои муқоиса намудани натиҷаҳои адади йодӣ инчунин пайвастагиҳои беҳади таркиби равғани пахта, ки дар участкаи эксперименталии назди кафедраи «Биохимия»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон парвариш карда шудааст, таҳқиқ карда шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3 баррасӣ гардидааст.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаи адади иодии равғани ядрои тухми навъҳо ва линияҳои гуногуни пахта

Номгӯйи равғанҳои таҳқиқшаванда	Нишондиҳандаи адади йодӣ дар таҷрибаҳои пай дар пай (гI_2/100г)			Қимати миёнаи адади йодӣ (гI_2/100г)
	№1 (гI_2/100г)	№2(гI_2/100г)	№3 (гI_2/100г)	
Равғани ядрои тухми навъи «Меҳргон»	104,90	104,50	104,35	104,58
Равғани ядрои тухми навъи «Ҳисор»	100,10	100,70	100,55	100,45
Равғани ядрои тухми навъи «65/30»	107,20	107,60	107,34	107,38
Равғани ядрои тухми навъи «L-15»	99,85	99,30	99,64	99,50
Равғани ядрои тухми навъи «L-53»	110,00	99,52	109,83	109,79

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои таҳлили муайян намудани адади йоди, ки дар ҷадвали 3 пешниҳод шудааст бармеояд, дар намунаи навъҳои пахтаҳое, ки дар минтақаҳои осебпазири назди КВД «ШАТ» кишт карда шудааст нишондиҳандаи адади йоди нисбат ба равғани пахтае, ки аз пахтаҳои дар участкаҳои экспериментали назди кафедраи «Биохимия»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон парвариш карда шудааст, фарқ менамояд.

Аз ин натиҷаҳои таҳқиқотҳои экспериментали бармеояд, ки партовҳои истеҳсолоти алюминий метавонад ба раванди биохимиявии ҳосилшавии равғанҳо ба таври назаррас таъсири манфии худро расонад.

Яке аз чунин таъсирҳо ин ошкор гардидани фтор дар таркиби равғани пахта мешавад. Камшавии миқдори бандҳои дучанда дар молекулаи глисеридҳои таркиби равғани пахта ва мавҷудияти фтор дар таркиби равған аз он шаҳодат медиҳад, ки партовҳои истеҳсолоти алюминий метавонад ба тағирёбии сохти молекулавии глисеридҳои таркиби растаниҳо таъсири худро расонад.

Ҳамин тариқ, тавассути истифодаи тариқаҳои таҳлили физикию химиявӣ, методҳои муҳандисии экологӣ ва усулҳои таҳлили биохимиявӣ таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии истеҳсолоти алюминий (дар мисоли партовҳои КВД «ШАТ») ба раванди биохимиявии равғанҳосилшавӣ дар растаниҳо (дар мисоли раванди равғанҳосилшавӣ дар ядрои навъҳои гуногуни пахта) омӯхта шуд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлилҳои экспериментали муайян карда шуд, ки партовҳои истеҳсолоти алюминий КВД «ШАТ» ба раванди биохимиявии равғанҳосилшави дар растаниҳо таъсири манфии худро мерасонанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил ҳангоми арзёбӣ намудани таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба флораи минтақа муайян карда шуд, ки равғани номгӯйи растаниҳое, ки дар минтақаҳои осебпазири назди КВД «ШАТ» ҷойгир шуданд дар таркиби худ кислотаҳои калонмолекулаи карбониро нисбат ба аналогҳои худ зиёдтар доранд. Инчунин, ҳангоми гузаронидани таҳлилҳои экспериментали ошкор карда шуд, ки партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» метавонанд ба коҳиш ёфтани ғализати кислотаҳои озод ва пайвасти чарбӣ мусоидат намоянд.

Дар маҷмӯъ натиҷаҳои таҳқиқотҳои экспериментали аз он гувоҳи медиҳанд, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои физикию химиявии равғанҳои таҳқиқшуда дар доираи ҳудудии ҷоизаи ғализӣ (ҲҶЗ, ПДК) қарор доранд. Аз ҳамин лиҳоз ин номгӯйи равғанҳоро вобаста аз рӯйи тағйирёбии таркиби химиявиашон метавон дар саноатҳои хӯрокворӣ, атриётӣ ва истеҳсолоти химиявӣ истифода намудан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Иброгимов Д.Э. Влияние минеральных удобрений на компонентный состав эфирного масла герани PELARGONIUM ROSEUM WILLD [Текст] / Д.Э. Иброгимов, С. Нажбудинов, Н.А. Юсупова // Доклады АН РТ. – Душанбе: Дониш, 2011, Т.54, №8. – С.673 – 678.
2. Иброгимов Д.Э. К вопросу о масличности некоторых сортов и линий хлопчатника выращиваемых в Таджикистане [Текст] / Д.Э. Иброгимов, С.И. Ибрагимова // Земледелец. – Душанбе: Кишоварз, 2012, №1(59). – С.21 – 24.
3. Иброгимов Д.Э. Масличность генотипов семян хлопчатника сортов Фаргона-3, Мехргон и L-53 / Д.Э. Иброгимов, Г. Камолов, А.Х. Зумратов, И.Э. Ибрагимов // Материалы II- Международной научно-практической конфренции «Перспективы развития науки и образования в XXI веке», посвященная 50-летию ТТУ им. акад. М.С. Осими. –Душанбе: ТТУ им. акад М.С. Осими, 2006.–С.135-138.
4. Косулина Л.Г. Физиология устойчивости растений к неблагоприятным факторам среды / Л.Г.Косулина, Э.К.Луценко, В.А.Аксенова // Уч. пособие. –Ростов-на-Дону: Изд-во Рост. Университета, 1993. – 240 с.
5. Полевой В.В. Методы биохимического анализа растений / В.В.Полевой, Г.Б.Максимова. –Л.: Из-во ЛГУ, 1978. – 192 с.

ТАЪСИРИ ПАРТОВҲОИ ГАЗӢ БА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИМИЯВИИ ЯК ҚАТОР РАВҒАНҲОИ ТАҲҚИҚШАВАНДА

Дар мақолаи мазкур, таъсири партовҳои газӣ ба нишондиҳандаҳои химиявии як қатор равғанҳои таҳқиқшаванда маълумот пешниҳод гардидааст. Дар рафти таҳлилҳо муайян карда шуд, ки ба маҳсулноки ва суръати реаксияи ҳидролизи ишқорӣ метавонад ҳалкунандаи истифодакардашуда таъсири худро расонад. Барои муайян намудани кинетикаи реаксияи таъсири мутақобилаи глисеридҳо

бо ишқори калий ва маҳсулнокии он дар воҳиди вақт, муддати ҳар 5 дақиқа тавассути усули титриметрӣ адади собунонии равғани таҳқиқшаванда муайян карда шуд.

Калидвожаҳо: партовҳо, нишондиҳандаҳои химиявӣ, липидҳо, ҳидролиз, ҳалкунанда, глитсеридҳо, усули титриметрӣ, адади собунонӣ

ВЛИЯНИЕ ГАЗООТХОДОВ НА ХИМИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ НЕКОТОРЫХ ИЗУЧАЕМЫХ МАСЕЛ

В данной статье приведены сведения о влиянии выбросов на химические показатели ряда исследуемых масел. В ходе анализа было установлено, что на эффективность и скорость реакции щелочного гидролиза могут влиять используемые растворители. Для определения кинетики реакции глицеридов с калиевой щелочью и ее производительности в единицу времени определяли число омыления испытуемого масла каждые 5 минут титриметрическим методом.

Ключевые слова: отходы, химические показатели, липиды, гидролиз, растворитель, глицериды, титриметрический метод, число омыления.

EFFECT OF GAS WASTE ON THE CHEMICAL NDICATORS OF SOME STUDY OILS

This article provides information on the effect of emissions on the chemical parameters of a number of studied oils. During the analysis, it was found that the efficiency and speed of the alkaline hydrolysis reaction can be affected by the solvents used. To determine the kinetics of the reaction of glycerides with potassium alkali and its productivity per unit time, the number of saponification of the test oil was determined every 5 minutes by the titrimetric method.

Key words: waste, chemical indicators, lipids, hydrolysis, solvent, glycerides, titrimetric method, saponification number.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброҳимзода Дилшод Эмом*** - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 905-22-44-75**. E-mail: **ibrogimov_75@mail.ru.**
Маҳмудов Аҳроридин Шарофович - унвонҷӯи кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Гиёев Парвиз Ризвонович - магистри курси 2 кафедраи "Биохимия"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: **(+992) 005-88-51-00**, E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru.**

Сведения об авторах: ***Ибрахимзода Дилшод Эмом*** **–** доктор химических наук, и.о. профессора кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими,. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 905-22-44-75** E-mail**: ibrogimov_75@mail.ru**.
Махмудов Ахроридин Шарофович - соискатель кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Гиёев Парвиз Ризвонович **–** магистр 2-го курса кафедры Биохимия Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: ***Ibrohimzoda Dilshod Emom*** - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi ,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Makhmudov Akhroridin Sharofovich - Applicant of the Department of Energy Resources Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University. acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Giyoev Parviz Rizvonovich - Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91@mail.ru.

УДК 581.412:633.813

ХУСУСИЯТҲОИ КАРТОШКАИ СОЛИМГАРДОНИДАШУДА ҲАНГОМИ ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ СТРЕССИ ШӮРӢ

Астанакулова Г.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солҳои охир вобаста ба гармшавии глобалии иқлим таҳқиқот дар соҳаи омӯзиши таъсири омилҳои стресси табиӣ ба устуворнокӣ ва ҳосилнокии растаниҳои кишоварзӣ вусъат ёфта истодааст. Омили асосии стрессӣ, ки ҳосилнокии растаниҳоро маҳдуд мекунад, шӯршави ба ҳисоб меравад, зеро дар ҷаҳон зиёда аз 800 миллион гектар заминҳои шӯр мавҷуд аст, ки зиёда аз 32 миллион гектараш ба шӯршавии дуюмдараҷа дучор шудааст [3, с.6]. Шӯршавии хлориди хок ба растаниҳо таъсири манфӣ мерасонад [1,с.5,7].

Исбот шудааст, ки асоси оқибатҳои манфии шӯршавии хлоридии хок вайрон шудани гомеостази об, инчунин таъсири заҳрноки ионҳо ба раванди мубодилаи моддаҳо дар аксари растаниҳо мебошад [2, с.4,13]. Аксари растаниҳои кишоварзӣ ба растаниҳои гликофитӣ тааллуқ доранд, ки оид ба растании картошка, махсусан навъҳои нав, ки дар Тоҷикистон парвариш карда мешаванд, қайд намудан мумкин аст [1, с.4]. Аммо, картошка яке аз зироатҳое мебошад, ки аҳамияташро инкор кардан ғайриимкон аст ва истеҳсоли он барои таъмини амнияти озуқаворӣ муҳим аст. Қобилияти усутуворнокии аксари навъҳои картошка ба шӯршавӣ ва норасоии об паст мебошад, ки омӯзиши механизмҳои физиологии устуворнокӣ ба ин омилҳои стрессиро зарур мегардонад.

Мақсади ин таҳқиқот омӯзиши хусусиятҳои картошкаи солимгардонидашуда ҳангоми таъсири омилҳои стресси шӯрӣ мебошад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар заминаи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ва кафедраи биотехнологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот усулҳои муосири ташхиси системаҳои антиоксидантӣ, ба монанди фаъолнокии каталаза, пероксидаза, миқдори диалдегиди малонӣ ва ғайраҳо истифода шудааст [8, с.12]. Ҳамчун объекти таҳқиқотӣ эксплантҳои асептикии навдаҳои картошкаи навъи ватании сермаҳсул Тоҷикистон ва миёнапази сермаҳсул “Пикассо” истифода бурда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки растаниҳои навъи Тоҷикистон нисбат ба навъи “Пикассо” ба шӯршавии хлоридии хок қобилияти устуворнокии баланд нишон медиҳад. Растаниҳои картошкаи навъи Тоҷикистон амалан ба 0,5 ва 1% *NaCl* реаксияи ҷавобӣ намедиҳад ва танҳо ҳангоми таъсири консентратсияи ба 1,5% расидан сустшавии суръати рушду нумӯъ ва давраи нашъунамо мушоҳида мешавад.

Растаниҳои навъи “Пикассо” бо қатъ кардани рушду нумӯъ ба ҳама консентратсияҳои *NaCl*-и таҳлилшуда ҳассос буд. Дар консентратсияи 0,5% *NaCl* монеъшавии афзоиш (навъҳои “Пикассо”) 19,5%, дар консентратсияи 1% ва 1,5% *NaCl*, 53% ва 67% -ро нисбат ба растании назоратӣ ташкил дод, ки мутаносибан монеаи афзоиш мебошад. Бояд қайд намуд, ки навъи Тоҷикистон дар шароити 1,5% шӯр будани дараҷаи шӯрнокии хок нашъунамои навдаҳо нисбат ба навъҳои дигар ҳамагӣ 22,5 %-ро ташкил дод. Дар баробари ин, миқдори қабатҳои барг ҳам дар навъҳои “Пикассо” ва ҳам дар навъи Тоҷикистон чандон тағйир наёфтааст.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки шӯршавии хлориди хок ба биомассаи растании навъҳои картошкаи омӯхташуда низ таъсири ҳамаҷониба расонидааст. Ба муҳити ғизои ҳамроҳ намудани *NaCl* ба кадкаши ва дарозии узвҳои асосии

картошка, ҳам дар навъи “Пикассо” ва ҳам дар навъи Тоҷикистон бо роҳҳои гуногун таъсир расонидааст.

Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки вазни растании картока ҳангоми зиёд шудани консентратсияи *NaCl* (0,5-1,5%) нисбат ба навъҳои Пикассо ва Тоҷикистон дар фоизҳои гуногун кам шудааст.

Дар навъи “Пикассо” нисбат ба варианти назоратӣ вазни миёнаи як растанӣ ҳангоми таъсири 1%-и *NaCl* - 31,5 % ва ҳангоми таъсири 1,5%-и *NaCl* - 62,5% кам шудааст. Аммо, массаи растаниҳои навъҳои Тоҷикистон ба зиёд шудани консентратсияи *NaCl* дигар хел таъсир расонидааст. Вазни як растании картошкаи навъи Тоҷикистон ҳангоми таъсири консентратсияи аз 0,5 то 1 %-и *NaCl* амалан тағйир наёфт ва танҳо дар консентратсияи 1,5 % ин нишондиҳанда 19% кам шудааст.

Ҷадвали 1.Таъсири шӯршавии хлоридии хок (дар рӯзи 5-ум) ба биомассаи картошкаҳои навъҳои “Пикассо” ва Тоҷикистон

Вариантҳои таҷриба	Реша, г		Барг, г	
	Пикассо	Тоҷикистон	Пикассо	Тоҷикистон
Назоратӣ	3,84±0,12	4,42±0,14	7,7±0,5	10,7±0,7
NaCl 0,5%	3,44±0,14	4,48±0,16	7,2±0,5	10,6±0,6
NaCl 1,0%	2,67±0,12	4,35±0,13	6,6±0,31	10,2±0,5
NaCl 1,5%	1,44±0,13	3,83±0,2	5,3±0,17	8,7±0,37

Ҳамин тавр, таъсири монеъшавии шӯршавии хлориди дар навъи «Пикассо» дар 1% *NaCl* ва дар навъи Тоҷикистон каме бошад ҳам, дар 1,5% *NaCl* қайд карда шуд дар ҳоле, ки вазни миёнаи растанӣ дар навъи «Пикассо» - 2,7 ва дар навъи Тоҷикистон - 1,1 маротиба кам шудааст.

Таъсири манфии шӯршавии хлоридии хок на танҳо ба равандҳои афзоиш, гарчанде ки бо роҳҳои гуногун дар навъҳои картошкаи омӯхташуда, балки дар таркиби пигментҳои сабз низ зоҳир шудааст.

Ҷадвали 2. Миқдори хлорофиллҳо, вазни тару тоза дар шароити шӯрӣ

Вариантҳои таҷрибавӣ	Навъи «Пикассо»					
	Миқдори хл. a, мг/г вазни тар	Микори хл. b, мг/г вазни тар	Таносуби хлорофиллҳои хл. a/b	Хл. a % монеъшавӣ	Хл. b % монеъшавӣ	Хл. a/b/ каротиноидҳо
Назоратӣ	2,89	1,85±0,44	1,56±0,29	0	0	3,69
NaCl 0,5%	1,58	1,26±0,22	1,25±0,12	17,0	15	2,43
NaCl 1,0%	1,33	0,88±0,11	1,10±0,14	28,0	23	1,31
NaCl 1,5%	1,19	0,82±0,11	1,2±0,13	42,0	31	1,01
Навъи Тоҷикистон						
Назоратӣ	3,89	2,38±0,42	1,63±0,19	0	0	4,43
NaCl 0,5%	3,53	2,26±0,25	1,55±0,17	0	0	4,49
NaCl 1,0%	2,92	2,15±0,27	1,5±0,19	16	2	3,38
NaCl 1,5%	2,17	1,94±0,19	1,11±0,21	24	15	3,22

Консентратсияи пасттарини хлориди натрий боиси андаке кам шудани миқдори пигментҳои фотосинтетикӣ (хлорофилл a, b ва каротиноидҳо) дар навъи «Пикассо» (27%) гардида, ба растаниҳои навъи Тоҷикистон қариб ҳеҷ таъсире надошт. Таъсири консентратсияи 1 ва 1,5 %-и *NaCl* ба картошкаи навъи «Пикассо» ва дар навъи Тоҷикистон ҳамагӣ 1,5%, вале ба андозаи камшавии якбораи таркиби хлорофиллҳо мушоҳида шудааст. Таъсири консентратсияи *NaCl* ба миқдори хлорофиллҳои a ва b

ҳам дар навъи «Пикассо» ва ҳам дар навъи Тоҷикистон таъсири гуногун расонидааст.

Хлорофилл a нисбат ба хлорофилл b ва каротиноидҳо, ки миқдори онҳо ҳангоми зиёд шудани консентратсияи *NaCl* (0,5-1,5%) дар навъи «Пикассо» 17-42% ва дар навъи Тоҷикистон 2 баробар камтар буда бештар ба тағйирот устувор буд. Таносуби миқдори умумии хлорофиллҳо ба каротиноидҳо дар байни навъҳо фарқ мекард ва дар навъи «Пикассо» дар варианти назоратӣ 3,7 нисбат ба навъи Тоҷикистон мувофиқан 3,8 ва 4,4-ро ташкил медод. Дар шароити шӯршавӣ қимати ин нишондиҳанда дар навъи «Пикассо» ҳангоми таъсири консентратсияи хлориди натрий 1,0 ва 1,5% - 27 ва 55% кам шуда, дар навъи Тоҷикистон нисбатан зиёд буда, мутаносибан 12-27%-ро ташкил дод.

Минбаъд дар ин консентратсияҳои *NaCl* дар муҳити ғизоӣ дараҷаи обнокӣ ва норасоии об дар барги растаниҳои картошка омӯхта шуд.

Тавре, ки натиҷаҳои ҷадвали 3 айён аст, таркиби обии растаниҳои назоратии навъҳои истифодашуда фарқияте вуҷуд надорад. Дар навдаҳои растаниҳои назоратӣ ин нишондиҳанда дар ҳар ду навъ 88,0 %-ро ташкил дод. Дар шароити зиёд шудани консентратсияи намак то 1%, дар ҳар ду навъи картошка тағйироти назарраси дараҷаи обнокии бофтаҳо ба қайд гирифта шуд.

Ҳангоми то 1,5% зиёд шудани шӯрии хок дар навъҳои картошкаи таҳқиқшуда кам шудани миқдори оби бофтаҳои растанӣ бо роҳҳои гуногун мушоҳида карда шуд. Ҳамин тавр, бо зиёдшавӣ ва консентратсияи намак то 1,5% камшавии назаррас дар навъи «Пикассо» нисбат ба навъи Тоҷикистон хеле зиёд буда, мутаносибан 72,2 ва 84,5%-ро ташкил намудааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки ҳолати гомеостази обии бофтаҳои растаниро дар шароити стрессӣ нигоҳ медорад, норасоии об мебошад, ки коҳиши потенсиали осмотикиро дар ҳуҷайраҳои реша ва навда таъмин менамояд.

Ҷадвали 3. Таъсири шӯрии хлоридии хок (дар рӯзи 5-ум) ба дараҷаи обнокӣ ва норасоии об дар растании картошка

Вариантҳои таҷриба	Миқдори об, %		Норасоии об, %	
	Пикассо	Тоҷикистон	Пикассо	Тоҷикистон
Назоратӣ	88,3±0,38	88,2±0,33	12	12
NaCl 0,5%	86,2±0,41	88,3±0,37	14	12
NaCl 1,0%	80,4±0,37	86,4±0,44	26	14
NaCl 1,5%	72,2±0,49	84,5±0,47	38	26

Чунонки, аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 3 айён аст, ҳангоми шиддатнокии пасти шӯрнокӣ (0,5%), норасоии об амалан дар сатҳи растаниҳои назоратӣ буд. Бо зиёд шудани консентратсияи намак дар маҳлул то 1% ва 1,5%, дар навъи “Пикассо” он 2 - 3 маротиба ва дар навъи Тоҷикистон хеле паст буда, аз 14 то 26%-ро (1-1,5%) нисбат ба растаниҳои назоратӣ ташкил дод.

Ҳамин тавр, маълумотҳои ба дастовардашуда нишон доданд, ки растаниҳои картошкаи навъи “Пикассо” аз ҷиҳати қобилияти устуворнокӣ ба шӯрӣ аз навъи Тоҷикистони хеле фарқ менамояд. Моҳияти қавии протсессҳои рушду нумӯ, кам шудани миқдори хлорофилли, махсусан хлорофилла, ҳангоми таъсири намак дар навъҳои “Пикассо” пайдо шуданд, ки ин қобилияти пасти устуворнокии навъро ба шӯрӣ нишон медиҳад.

Дар баробари ин, навъи Тоҷикистон ҳолати гомеостази обро нисбат ба навъи “Пикассо” дар сатҳи баландтар нигоҳ дошт. Навъи Тоҷикистон дар шароити стресси шӯри миқдори оби бофтаҳои навдаро дар сатҳи кофӣ баланд нигоҳ медорад, миқдори

хлорофилл камтар ба пастшавӣ ва монеаи равандҳои афзоиш дучор шуд. Тахмин намудан мумкин аст, ки ин навъҳо аз ҷиҳати самаранокии фаъолияти системаи гомеотестикунонӣ ҳангоми таъсири намак фарқ менамоянд ва метавонанд дар маркази таваҷҷуҳи физиологҳо, биохимикон ва биологҳои молекулавӣ бо мақсади баланд бардоштани қобилияти устуворнокии онҳо қарор гиранд. Вобаста ба ин фарзия, таҳлили системаҳои антиоксидантии навъҳои картошкаи омӯхташуда Тоҷикистон ва “Пикассо” ҳамчун навъи назоратӣ ҷолиб буд.

Яке аз роҳҳои асосии аксуламалҳои растанӣ ба тағйирёбии шароити муҳити зист фаъолияти системаҳои антиоксидантӣ мебошад, ки мутобиқшавии физиологӣ ва биохимиявиро дар шароити тағйирёбии муҳити зист ташкил медиҳанд. Фаъолшавии беназорати шаклҳои фаъоли оксиген (ШФО) дар системаҳои функсионалии ҳуҷайра боиси тағйироти назаррас мегардад, ки боиси паст шудани ҳосилнокӣ ва ҳатто нобудшавии растаниҳо мегардад. Аммо, дар ҳуҷайраҳои растанӣ дар ин шароити стресс системаҳои муҳофизатии зиддиоксидантӣ барои пешгирӣ намудани таъсири манфии ШФО фаъол карда мешаванд [4,5,15,17].

Тавре, ки маълумотҳои ҷадвали 4 нишон медиҳанд, аз рӯйи шиддатнокии оксидшавии пероксидии липидҳо (ОПЛ), ки барои пайдоиши диалдегиди малонӣ (ДАМ) санҷида шудааст, навъҳои омӯхташуда ҳам аз рӯйи меъёр ва ҳам ҳангоми таъсири намак (*NaCl*) хеле фарқ мекарданд. Миқдори ДАМ дар баргҳои регенерантҳо ва решаҳо аз 0,3 то 11 мкмол/г вазни тар фарқ мекард. Ғайр аз он, дар баргҳо сатҳи равандҳои ОПЛ дар ҳар ду навъҳо нисбат ба решаҳо, ҳам дар варианти назоратӣ ва ҳам ҳангоми таъсири омили стрессӣ (шӯрӣ) якчанд маротиба зиёдтар буданд.Миқдори зиёди ДАМ дар навъи «Пикассо» нисбат ба навъи Тоҷикистон ҳам дар барг ва ҳам дар реша мушоҳида шудааст.

Ҷадвали 4. Шиддатнокии оксидшавии пероксиди липидҳо (ОПЛ) дар баргҳо ва решаҳои растанӣ-регенерантҳои картошка дар шароити стрессӣ шӯрӣ (ДАМ мкмол/г вазни тар)

Вариантҳои таҷриба	Навъи «Пикассо»				Навъи Тоҷикистон			
	барг	%	реша	%	барг	%	реша	%
Назоратӣ	2,45±0,51	100	0,92±0,33	100	1,62±0,04	100	0,18±0,02	100
NaCl 0,5%	3,11±0,4	127	1,41±0,06	153	1,72±0,03	112	0,19±0,02	106
NaCl 1,5%	10,8±0,8	440	3,49±0,42	379	2,45±0,12	178	0,32±0,03	150

Чӣ тавре, ки натиҷаҳои ҷадвали 4 нишон медиҳанд, навъи «Пикассо» аз рӯйи сатҳи ҷамъшавии ДАМ дар шароити стресси шӯрӣ аз навъи Тоҷикистон хеле фарқ менамояд. Ҳангоми кам будани консентратсияи намак (0,5%) ҷамъшавии ДАМ дар навъи «Пикассо» - 27 %, дар навъи Тоҷикистон бошад, дар барг танҳо 6% зиёд шудааст. Решаи ҳар ду навъ ба шӯрӣ бештар тобовар мебошанд ва дар натиҷа ҷамъшавии ДАМ дар навъи Пикассо 53% зиёд мешавад ва дар навъи Тоҷикистон қимати он ночиз буда ҳамагӣ 12%-ро ташкил медиҳад.

Дар муҳити парвариш ҳангоми консентратсияи намак 1,5% будан дараҷаи ғуншавии ДАМ ҳам дар баргҳо ва ҳам дар решаҳои картошкаи навъи «Пикассо» якбора зиёд шуда, мутаносибан аз 440 ва 380% -ро ташкил медиҳад.

Аммо, навъи Тоҷикистон ҳангоми 1,5% будани консентратсияи намак дар барг ва реша ДАМ-ро нисбат ба навъи «Пикассо» хеле камтар, мутаносибан 150 ва 178% маротиба ғун менамояд.


Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки ин навъҳо ҳангоми таъсири намак ба таври ҷидди фарқ мекунанд. Ин ба афзоиши системаи антиоксидантӣ дар шароити стрессӣ вобастагӣ дорад ва навъи Тоҷикистон дорои системаи комили антиоксидантӣ мебошад, ки дар шароити стресси зиёд мешавад (ҷадвали 5). Мумкин аст, ки аксуламалҳои мутобиқшавии ин навъҳо (“Пикассо”, Тоҷикистон) гуногун буда, дар шароити таъсири омилҳои стрессӣ бо роҳҳои гуногун пурзӯр карда мешавад. Ба сифати реаксияи ҷавоби ба фаъолсозии ОПЛ, системаҳои антиоксидантӣ ба вуҷуд меоянд, ки растаниҳоро аз нобудшавӣ ҳангоми таъсири омилҳои стрессӣ муҳофизат менамояд.

Ҷадвали 5. Хусусиятҳои биохимиявии генотипҳои картошка дар шароити шӯршавии хлоридӣ (мкмол/г вазни тар)

Вариантҳои таҷриба	Навъи “Пикассо”			Навъи Тоҷикистон		
	ДАМ	Гваякол перокси-даза	Таносуби ОПЛ/АО	ДАМ	Гваякол перокси-даза	Таносуби ОПЛ/АО
Назоратӣ	2,12±0,42	3,11 ± 0,45	0,68	0,39 ± 0,02	4,41 ± 0,53	0,11
NaCl 0,5%	1,89±0,31	3,44 ± 0,32	0,55	0,44 ± 0,02	6,73 ± 0,54	0,15
NaCl 1,5%	8,82±0,61	1,24 ± 0,02	0,73	1,31 ± 0,08	5,21 ± 0,42	0,19

Чунонки аз маълумотҳои ҷадвали 5 айён аст, дараҷаи ҷамъшавии ДАМ дар навъҳои таҳқиқшуда ҳангоми зиёд шудани консентратсияи намак (*NaCl*) як хел нест. Ғуншавии ДАМ дар лӯндаи картошкаи навъи «Пикассо» ва фаъолияти гваяколпероксидазаҳо аз навъи Тоҷикистон хеле фарқ менамояд.

Қимати ОПЛ/АО дар навъи «Пикассо» нисбат ба навъи Тоҷикистон 5 маротиба баландтар аст, ки аз фаъолияти баланди системаи антиоксидантии он шаҳодат медиҳад ва як хусусияти аз ҷиҳати генетикӣ собитшуда ба ҳисоб меравад, ки ба таъсири омилҳои стресси реаксияи ҷавобии мувофиқ дорад. Бояд қайд намуд, ки дар картошкаи навъи Тоҷикистон аксуламалҳои босуръати биохимиявӣ ба назар расиданд, ки ба пурзӯршавии фаъолнокии ферментҳои антиоксиданти пероксидаза ба ҳамзамон паст шудани шиддатнокии ОПЛ сабаб мешаванд. Хусусияти каҷхаттаи ОПЛ/АО дар навъҳо фарқияти куллӣ дорад (расми 1).



Расми 1. Нишондиҳандаҳои ОПЛ/АО дар шароити шӯрӣ

Нишондиҳандаи ҳисобшуда барои баҳодиҳии таносуби прооксидант ба ҳолати антиоксидантии растаниҳо нишондиҳандаи ташаккулёбии реаксияи физиологию-биохимиявӣ ба таъсири омилҳои стресси табиӣ мебошад.

Хулоса, маълумотҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои шиддатнокии оксидшавии переоксидии липидҳо нисбат ба фаъолияти муҳофизатии антиоксидантӣ -гваяколпероксидаза дар навъи “Пикассо” дар ҳудуди аз 0,55 то 0,73 фарқ карда, дар навъи Тоҷикистон бошад қимати хеле пасти ин нишондиҳанда дар ҳудуди 0,11-0,19 дар навъҳои навъи “Пикассо” фарқ менамояд, ки аз ҷараёни мувозинатии равандҳои биохимиявиро нишон медиҳад ва метавонад ҳамчун яке аз меъёрҳои мутобиқшавии растанӣ ба омилҳои стресси табиӣ хизмат намояд.

АДАБИЁТ

1. Астанакулова Г.М. Влияние брассиностероидов на активность пероксидазы у растений *Solanum tuberosium* в условиях водного дефицита / Г.М.Астанакулова, С.Ф.Сайдализода, З.С. Киёмзода // Материалы республиканской научной конференции «Биоразнообразие горных экосистем Памира в связи с изменением климата». -Хорог, 2021. –С.136-137.
2. Ефимова М.В. Брассиностероиды регулируют транскрипцию пластидных генов у растений / М.В.Ефимова, В.В.Кузнецов, А.Х. Кравцов // Доклады РАН. 2012. -Т.445. -№6. -С. 693-697.
3. Ефимова М.В. Особенности экспрессии пластидного генома и развития растений *Arabidopsis thaliana* L. с нарушением синтезам брассиностероидов / М.В.Ефимова, В.В.Кузнецов, А.Х. Кравцов. Физиология растений. 2012. -Т. 59. -№1. -С. 32-39.
4. Кузнецов В.В. Полиамины при стрессе: биологическая роль, метаболизм и регуляция / В.В.Кузнецов, Н.Л.Радюкина, Н.И.Шевякова // Физиология растений. 2006. -Т. 53. -С. 658-684.
5. Сайдализода С.Ф. Эндогенная регуляция устойчивости растений картофеля к стрессу [Текст] / С.Ф.Сайдализода, З.С.Киёмова, Г.М.Астанакулова [и друг] // Материалы международной научно-практической конференции: Сб. науч. тр. факультета агрономии, агрохимии и экологии / Под ред. В.А.Федотова. – 2019. – С. 261-266.
6. Шевякова Н.И. Пролин при стрессе: биологическая роль, метаболизм, регуляция / Н.И.Шевякова, В.В.Кузнецов // Физиология растений. 1999. -Т. 46. -С. 234–243.
7. Aebi H. Catalase in vitro / H. Aebi // Methods Enzymology. - 1984. – V.30. -P. 121-126.
8. Alcazar R., Marco F., Cuevas J.C., Patron M., Fernando A., Carrasco P., Tiburio A.F., Altabella T. Involvement of Polyamines in Plant Response to Abiotic Stress//Biotechnol. Lett. 2006. V. 28. -P. 1867-1876.
9. Bates L.S. Leare Rapid determination of tree proline for water stress studies / L.S. Bates, R.P. Waldran // Plant soil. 1973. Vol. 39. -P. 205-208.
10. Buege J. A. and Aust, S. D. Microsomal Lipid Peroxidation. Methods in Enzymology. 1978. -V.52. -P. 302-310.
11. Foyer C. H., Delgado H. L., Dat J. F., Scott I. M. Hydrogen peroxide- and glutathione-associated mechanisms of acclamatory stress tolerance and signaling//Physiol. Plant. 100. 1997. -P. 241-254.
12. Kang H.M., Saltveit M. Activity of enzymatic antioxi-dant defense systems in chilled and heat shocked cucumber seedling radicles//Physiol. Plant. 2001. -P. 548-556.
13. Munns R. Tester M. Mechanisms at sality tolerance. Annual. Review of plant biology. 2008. V.59. -P. 651-681.

ХУСУСИЯТҲОИ КАРТОШКАИ СОЛИМГАРДОНИДАШУДА ҲАНГОМИ ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ СТРЕССИ ШӮРӢ

Дар таҳқиқот усулҳои муосири ташхиси системаҳои антиоксидантӣ, ба монанди фаъолнокии каталаза, пероксидаза, миқдори диалдегид малонӣ, кислотаҳои нуклеинӣ, пигментҳо ва ғайраҳо истифода шуданд. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми то 1,5% зиёд шудани шӯрии хок дар навъҳои картошкаи таҳқиқшуда кам шудани миқдори оби бофтаҳои растанӣ мушоҳида карда мешавад. Бо зиёдшавии консентратсияи намак то 1,5% камшавии назарраси об дар навъи “Пикассо” нисбат ба навъи Тоҷикистон қайд карда шуд, ки мутаносибан 72,2 ва 84,5%-ро ташкил намуд. Нишондиҳандаҳои шиддатнокии оксидшавии пероксидии липидҳо нисбат ба фаъолияти муҳофизатии антиоксидантӣ - гваяколпероксидаза дар навъи “Пикассо” дар ҳудуди аз 0,55 то 0,73 фарқ карда, дар навъи Тоҷикистон бошад қимати хеле пасти ин нишондиҳанда дар ҳудуди 0,11-0,19 қайд карда шуд.

Калидвожаҳо: биомассаи растанӣ, картошка, ферментҳои антиоксидантӣ, солимгардонидашуда, шӯрӣ, норасоии об, диалдегиди малонӣ.

ПАРАМЕТРЫ ОЗДОРОВЛЕННОГО КАРТОФЕЛЯ ПРИ ВОЗДЕЙСТВИИ СОЛЕВЫХ СТРЕСС-ФАКТОРОВ

В исследовании использовались современные методы диагностики антиоксидантных систем, таких как активность каталазы, пероксидазы, количество малонового диальдегида, нуклеиновых кислот, пигментов и др. Результаты исследований показывают, что при повышении засоленности почвы до 1,5 % у изучаемых сортов картофеля количество воды в тканях растений уменьшается. При повышении концентрации солей до 1,5 % в типе Пикассо отмечено значительное снижение содержания воды, по сравнению с таджикским типом, которое составило 72,2 и 84,5 %, соответственно. Показатели интенсивности перекисного окисления липидов по отношению к защитной активности антиоксиданта - гваяколпероксидазы у сорта Пикассо варьировали от 0,55 до 0,73, в то время как у сорта Таджикистан отмечалось очень низкое значение этого показателя в пределах 0,11-0,11-0,73. 0,19.

Ключевые слова: растительная биомасса, картофель, антиоксидантные ферменты, здоровый, засоленность, водный дефицит, малоновый диальдегид.

PARAMETERS OF IMPROVED POTATOES UNDER THE IMPACT OF SALT STRESS FACTORS

Modern diagnostic methods of antioxidant systems, such as activity of catalase, peroxidase, amount of malondialdehyde, nucleic acids, pigments, etc., were used in the research. The results of the studies show that when soil salinity increases to 1.5% in the studied potato varieties, the amount of water in plant tissues decreases. With an increase in salt concentration up to 1.5%, a significant reduction of water was noted in the Picasso type compared to the Tajik type, which was 72.2 and 84.5%, respectively. The indicators of the intensity of lipid peroxidation in relation to the protective activity of antioxidant - guaiacol peroxidase in the Picasso variety varied from 0.55 to 0.73, while in the Tajik variety, a very low value of this indicator was noted in the range of 0.11-0.19.

Key words: plant biomass, potato, antioxidant enzymes, healthy, salinity, water deficit, malondialdehyde.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Астанакулова Гурдофарид Маҳрамшоҳевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори фалсафа Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Рӯдакӣ, 17. Телефон: **917 844464,** E-mail. **gurdofarid.mahramshohevna@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Астанакулова Гурдофарид Махрамшохевна*** - Таджикский национальный университет, доктор Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail. **gurdofarid.mahramshohevna@mail.ru** Телефон: **917 844464,**

Information about the author: ***Astanakulova Gurdofarid Mahramshohevna*** - Tajik National University, Doctor of Philosophy Ph.D. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 17, Phone: **917 844464**. E-mail. **gurdofarid.mahramshohevna@mail.ru**


ТУД: 581.19+547:541

МАҲСУЛНОКИИ РАВҒАНИ ЭФИРӢ ВОБАСТА БА МИНТАҚАИ АФЗОИШУ ТАРКИБИ ХОК ВА НУРИҲОИ МАЪДАНӢ

Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Зокирова М., Одинаев Ф.С.*
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пажӯҳиш ва тадқиқоти мутахассисон маълум намуд, ки таркиби равғанҳои эфирӣ ба маҳалли афзоиши растаниҳо вобастагии хосса доранд [1].

Ин нуктаро ба инобат гирифта, мо низ дар ин мавзӯъ як зумра тадқиқотро гузаронидем. Барои иҷрои ин амал тухми ВР-ро дар се марҳилаи фазавии пухтарасии тухм аз минтақаҳои Сангвор ва Даштиҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудем. Барои муқоисаи натиҷаҳо ВР - и навъи Эрониро низ дастрас намудем. Равғаннокии намунаи тухмӣ бо усули классикӣ [2] ва бо усули коркардкардашуда [3, с.4] муайян гардид. Натиҷаҳои бадастовардашуда дар расми 1 пешниҳод шудааст.



Расми 1. Вобастагии маҳсулнокии равғани эфири тухми BUNIUM PERSICUM вобаста ба маҳал

Эзоҳ: A,B,C– намунаи тухми ВР, ки дар се фазаи афзоишии тухм ҷамъовари гардидааст ва равғани эфирии он бо истифода аз технологияи классикӣ ҷудо карда шудааст:

A_1,B_1,C_1– намунаи тухми ВР, ки се марҳилаи афзоиши тухм аз минтақаи Сангвор ҷамъоварӣ гардида, равғаннокӣ бо усули коркардгардида муайян карда шудааст.

A' ,B' ,C' – намунаи тухми ВР, ки се марҳилаи афзоиши тухм аз минтақаи Даштиҷум ҷамъоварӣ шудааст. Равғани эфирии ин намунаи тухм бо усули классикӣ ҷудо гардидааст.

A' $_1$,B' $_1$,C' $_1$- намунаи тухми ВР, ки се марҳилаи афзоишии тухм аз минтақаи Даштиҷум ҷамъоварӣ гардидааст. Равғани эфирӣ бо усули коркардшудаи мо ҷудо карда шудааст.

A' ' $_1$, B' ' $_1$- намунаи тухми ВР-и навъи Эронӣ (эталон), A' ' $_1$- равғани эфирии он бо усули классикӣ ва B' ' $_1$- бошад, бо усули коркардгардида ҳосил гардидааст.

Тавре, ки аз натиҷаҳо бармеояд, динамикаи ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ дар тухми ВР вобаста ба марҳилаи афзоиши тухм дар мутаносибии роста қарор дорад, яъне бо пухтарасии тухм миқдори равғани эфирӣ дар таркиби тухм меафзояд.

Инчунин, аз натиҷаҳои илмии бадастоварда (дар расми 1 таълиф гаридааст) ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо технологияи коркардгардида нисбат ба технологияи классикӣ [2] афзалиятнокии бештарро дорад.

Дар ҷодаи динамикаҳои ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ вобаста ба омилҳои табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ аён аст, ки ҳосилнокии биологии тухми ВР-и минтақаи Сангвор, нисбат ба ВР-и Даштиҷум ва ВР-и навъи хориҷии Эронӣ бештар мебошад. Аз ин натиҷаҳо метавон ба хулоса омад, ки минтақа ва маҳал бевосита метавонад ба динамикаи ҳосилшавии ҷузъҳои таркибии равғани эфирӣ таъсири худро расонад.

Ҳадафи дигар ин муайян намудани таъсири нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ба динамикаи ҳосилшавӣ ва тағйирёбии ғализати ҷузъҳои таркибии равғанҳои эфирӣ мебошад.

Барои иҷрои ин амал дар хоҷагии экспериментали «Эфиронос»- и минтақаи пахтаободи шаҳри Турсунзода тадқиқоти экспериментали саҳроӣ гузаронида шуд.

Таркиби қисми болои хок бо истифода аз усулҳои агрохимиявӣ омӯхта шуд [5,6]. Ин таҳлил бо мақсади танзим ва идораи нуриҳои истифодакардашуда дар рафти тадқиқоти саҳроӣ амалӣ гардид.

Ба минтақаҳои экспериментали муддати 3 сол дар мувофиқа ба меъёрҳои муқарраргардидаи парвариши PRW ва тавсияҳои мутахассисони хоҷагӣ, нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ҳамчун маводи ғизоӣ ба хок илова карда шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Таъсири нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ба маҳсулнокии ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ дар барги буттаи *pelargonium roseum willd*

Вариантҳои таҷрибавӣ	Вақти таҷрибаҳои саҳрои (сол)	Ҳосилнокии анҷибар (аз рӯйи массаи сабз) тонна/га	Равғани эфирии ҳосилкардашуда	
Бе коркард ва иловаи нуриҳо	2007	14,70т	729	0,055
	2008	13,25т	7,02	0,053
	2009	10,15т	5,14	0,050
NH_4NO_3 талаботи муқарраркардашуда (170кг/га)	2007	16,80т	10,97	0,065
	2008	17,95т	11,93	0,066
	2009	19,04т	11,97	0,063
NH_4NO_3 Ca $(H_2PO_4)_2$ (170кг/га)	2007	17,33т	11,76	0,067
	2008	18,46т	13,01	0,070
	2009	20,31т	13,66	0,067
$Ca(H_2PO_4)_2$ (170кг/га) (IV)	2007	15,60т	9,64	0,061
	2008	15,98т	10,17	0,063
	2009	16,3т	10,28	0,063
Пору (поруи мурғ ва поруи ҳайвони калони шохдор 1:10), 250кг/га	2007	15,25т	8,81	0,057
	2008	15,47т	8,98	0,058
	2009	15,86т	9,32	0,059

Тавре, аз натиҷаҳои илмии бадастовардашуда бар меояд, бе иловаи нуриҳои маъданӣ дар муддати 3 сол ҳосилнокии PELARGONIUM ROSEUM WILLD (массаи сабз) то 695 коҳиш ёфта, баромади равған то 56,4% кам гардид.

Пажӯҳиш ва тадқиқот дар ин ҷода нишон дод, ки нуриҳои истифодакардашуда ба ҳосилнокии биологии PELARGONIUM ROSEUM WILLD таъсири гуногуни худро мерасонад. Дар ин самт як ҳодисаи ғайримуқаррариро мушоҳида намудан

мумкин аст: аз натиҷаҳои пешниҳодшудаи ҷадвали 1 бармеояд, ки маҳсулнокии массаи сабзи анҷибар ба истиснои холити истифодаи нуриҳои органикӣ ба баромади равғани эфирӣ вобастагии якхела надорад. Таҳлилҳо нишон дод, ки аз меъёр зиёд намудани нуриҳои маъданӣ низ дар ин ҷода ба фоидаи кор набуда, он метавонад баромади равғани эфириро коҳиш диҳад.

Тавассути тадқиқоти экспериментали муайян карда шуд, ки барои ба таври оптималӣ ба даст овардани равғани эфирии PRW бояд таркиби хоке, ки дар он ин растани парвариш карда мешавад, гализати моддаҳои ғизоии $N\text{-}NO_3$ ба 4,75мг/кг, P_2O_5 ба 80-82мг/кг ва K_2O ба 12,6 мг/кг, баробар бошад.

Тадқиқотҳо дар роҳи муайянкунии динамикаи ҷамъшавии равғани эфирӣ дар растании PRW аз манфиат холӣ набуда, он метавонад барои дастрас намудани ҳосилнокии максималӣ мусоидат намояд. Ин афзалиятро ба инобат гирифта, баргу пояи сабзи PRW-ро аз 1-уми май то моҳи сентябр ҷамъоварӣ намудем. Равғани эфирӣ аз таркиби баргу буттаи PRW бо усули буғронии обӣ ва сипас тавассути яхкунонии обӣ аз таркиби экстракт ҷудо карда гирифта шуд. Натиҷаҳои бадастовардашуда дар ҷадвали 2 таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Ҷадвали 2. Тағйирёбии мавсими динамикаи ҷамъоварии равғани PELARGONIUM ROSEUM WILLD (вақти ҷамъоварӣ соатҳои 10-11)

Намунаҳо	Миқдори равғани эфирӣ бо ҳисоби %													
	май			июн			июл			август			сентябр	
	10	20	30	10	20	30	10	20	30	10	20	30	10	20
A	0,08	0,12	0,18	0,27	0,28	0,27	0,28	0,29	0,19	0,16	0,10	0,07	0,06	0,03
B	0,11	0,16	0,26	0,34	0,33	0,34	0,33	0,31	0,27	0,24	0,17	0,09	0,07	0,05
C	0,10	0,14	0,18	0,25	0,26	0,25	0,26	0,21	0,12	0,15	0,09	0,06	0,03	0,02
D	0,09	0,14	0,17	0,22	0,21	0,22	0,21	0,18	0,14	0,12	0,08	0,08	0,01	-
E	0,06	0,09	0,12	0,19	0,20	0,19	0,20	0,18	0,12					

Эзоҳ:- намунаи PRW ки дар парвариши он ба сифати нурии маъданӣ NH_4NO_3 истифода гардидааст; B- намунаи PRW, ки дар парвариши он ба сифати нурии маъданӣ $NH_4NO_3xCa(H_2PO_4)$ истифода гардидааст; C- намунаи PRW, ки дар парвариши он ба сифати нурии маъданӣ $Ca(H_2PO_4)_2$ истифода гардидааст; D- намунаи PRW, ки ҳангоми парвариши он нурии органикӣ истифода гардидааст; E- намунаҳои PRW, ки ҳангоми парвариши ягон ғизои иловагӣ дода нашудааст.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар ин самт нишон дод, ки динамикаи ҳосилшавии равғани эфирии PRW ба фазаҳои афзоиши мавсимӣ вобастагии хосса дорад. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки динамикаи мавсимии ҳосилшавии равғани эфирӣ дар растании PRW чун дигар растаниҳои равғани эфиридиҳанда ба минтақа ва маҳалли афзоиш вобастагии хосса дорад.

Аз натиҷаҳои дар ҷадвали 2 пешниҳодшуда аён аст, ки ҷамъшавии максималии равғани эфирӣ (дар мувофиқа ба иқлими GhLобод) дар охирҳои моҳи июл мушоҳида карда шудааст. Ин мавсим ба фазаи бутонизатсияи растании анҷибар мувофиқат менамояд. Таҳлили дастовардҳои илмӣ дар ин ҷода нишон дод, ки дар иқлимҳои нисбатан гарм динамикаи ҷамъшавии максимали равғани эфирӣ нисбатан барвақттар мушоҳида шудааст.

Пажӯҳиш ва тадқиқот нишон дод, ки нуриҳои маъданӣ ва органикӣ низ дар динамикаи ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ таъсири худро мерасонанд. Ҳангоми истифодаи якчанд намунаҳои ғизоҳои иловагӣ маълум карда шуд, ки омехтаи нуриҳои NH_4NO_3 $Ca(H_2PO_4)_2$ метавонад барои баланд бардоштани ҳосилнокии равғани эфирӣ дар растании PRW мусоидат намояд. Инчунин, аз натиҷаҳои

бадастовардашуда (ҷадвали 2) хулосабарорӣ метавон намуд, ки моҳи май дар таркиби баргу пояи PRW миқдори равған кам буда, сипас он ботадриҷ то охири моҳи июл меафзояд. Сипас, аз моҳи август то ба моҳи сентябр коҳишёбии миқдори равғани эфирӣ дар таркиби баргу буттаи ин растанӣ ба амал меояд.

Ин натиҷаҳои бадастовардашуда метавонанд аҳамияти калони истеҳсолиро дошта бошанд. Дар мувофиқа бо ин дастовард вақти ҷамъоварии баргу пояи PRW - ро муайян намудан мумкин аст.

Дар баробари омӯзиши динамикаи мавсимӣ, инчунин динамикаи ҷамъшавии шабонарӯзии равғани эфирӣ дар баргу буттаҳои PRW омӯхта шуд. Динамикаи тағйирёби ғализати шабонарӯзии равғани эфириро дар ин растанӣ чун таҳлили бозгӯикунандаи динамикаи тағйирёбии мавсимии он муайян намудем. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3 баррасӣ гардидааст.

Ҷадвали 3. Динамикаи тағйирёбии шабонарӯзии равғани эфирии PRW (Вақти ҷамъоварӣ 10.08.2011 то 25.08.2011)

Намунаи таҳлилшаванда	Миқдори равғани эфирӣ бо ҳисоби миёна дар муддати рӯз бо %									
	6^{00}	8^{00}	10^{00}	12^{00}	14^{00}	16^{00}	18^{00}	20^{00}	22^{00}	24^{00}
A	0,273	0,278	0,285	0,273	0,263	0,240	0,245	0,250	0,263	0,270
B	0,302	0,328	0,350	0,340	0,346	0,320	0,312	0,290	0,283	0,285
C	0,253	0,260	0,267	0,260	0,253	0,238	0,240	0,244	0,251	0,250
D	0,200	0,205	0,218	0,212	0,200	0,200	0,185	0,180	0,172	0,196
E	0,172	0,180	0,185	0,185	0,180	0,173	0,166	0,160	0,168	0,168

Эзоҳ:- ABCD нигаред ба ҷадвали 2.

Натиҷаҳо оид ба динамикаи тағйирёбии шабонарӯзии равғани эфирии баргу буттаи PRW нишон дод, ки аз субҳ то соатҳои 10^{00} миқдори максималии ҷамъшавии равғани эфирӣ ба миён меояд. Сипас, миқдори равғани эфири то соатҳои 16^{00} коҳиш меёбад. Аз соати 18^{00} боз зиёдшавии ғализати равғани эфириро дар PRW мушоҳида метавон кард.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти экспериментали саҳроӣ нишон дод, ки ҷамъшавии равғанҳои эфирӣ натанҳо тағйирёбии мавсимӣ, инчунин тағйирёбии шабонарӯзиро низ дороанд. Муқаррар карда шуд, ки дар вақти гармии рӯз миқдори равғанҳои эфирӣ дар баргу буттаи PRW коҳиш меёбад. Шояд ин ба қисман бухоршавии он вобаста мебошад. Тадқиқоти саҳроӣ нишон дод, ки дар нисфирӯзӣ бӯйи хуши PRW баланд гардида, ба муҳити атроф паҳн мешаванд. Ин ҳодиса аз он шаҳодат медиҳад, ки равғани эфирии бухоршаванда бо ҳавои атмосфери омехта шуда, ба муҳити атроф паҳн мегардад. Чунин тағйирёбӣ боиси кам гардидани ғализати равғани эфирӣ дар баргу буттаи PRW мегардад.

АДАБИЁТ

1. Омӯзиши ҷанбаҳои физикию химиявии реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD **/** Т.М. Маҳмудова // Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон №3 (46) 2021. -Душанбе: ДТТ, 2021.- С71-76. ISSN-2707-8000.
2. Арасимович В.В. и др. Методы биохимического исследования растений. – Л.: Агропромиздат. Ленинград, 1978.– 430 с.
3. Ульченко Н.Т. Липиды цветков и листьев Artemisia Annua и их биологическая активность / Н.Т.Ульченко, З.А. Хушбактова, И.П. Беккер и др -Химия природных соединений. – Ташкент: № 3, 2005. – С. 226-229.
4. Дурмишидзе С.В. Методы биохимических исследований растений / С.В. Дурмишидзе. -Тбилиси: Мецниереба, 1983.-156с.
5. Юсупова Н.А. Земледелец / Н.А.Юсупова, С.Нажбудинов, Д.Э.Иброгимов, С.Д.Ёдгорова, Т.М. Махмудова. -Душанбе: Кишоварз, 2014. №2, - С.7-11.
6. Таъсири ҳалкунандаҳои истифодашуда ба суръати реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирӣ Д.Э.Иброгимов, Т.Н.Зайниддинов, М.А.Зокирова, Ш.Х. Усмонова// Илм ва иноватсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (ISSN-2312-3648) -2020.№4. -С.256-261.

МАҲСУЛНОКИИ РАВҒАНИ ЭФИРӢ ВОБАСТА БА МИНТАҚАИ АФЗОИШУ ТАРКИБИ ХОК ВА НУРИҲОИ МАЪДАНӢ

Дар мақолаи мазкур маҳсулнокии равғани эфирӣ вобаста ба минтақаи афзоишу таркиби хок ва нуриҳои маъданӣ маълумот оварда шудааст. Тухми анҷибари гулобиро дар се марҳилаи фазавии пухтарасии тухм аз минтақаҳои Сангвор ва Даштиҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудем. Равғаннокии намунаи тухмӣ бо усули классикӣ ва бо усули коркардкардашуда муайян карда шуд. Пас аз анҷоми ин амал таъсири нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ба динамикаи ҳосилшавӣ ва тағйирёбии ғализати ҷузъҳои таркибии равғанҳои эфирӣ муайян карда шуд.

Калидвожаҳо: анҷибари гулоби, равғани эфирӣ, нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, ҳосилнокии биологӣ.

ПРОДУКТИВНОСТЬ ЭФИРНЫХ МАСЕЛ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ МЕСТА ПРОИЗРАСТАНИЯ, СОСТАВА ПОЧВЫ И МИНЕРАЛЬНЫХ УДОБРЕНИЙ

В данной статье приведены сведения о продуктивности эфиромасличных растений в зависимости от места произрастания, состава почвы и минеральных удобрений. Семена розовой герани были собраны в Сангворском и Даштиджумском районах Республики Таджикистан в три фазы созревания семян. Масличность образца семян определяли классическим методом и разработанным методом. После этой операции определяли влияние минеральных и органических удобрений на динамику образования и изменение концентрации составляющих компонентов эфирных масел.

Ключевые слова: розовая герань, эфирное масло, минеральные и органические удобрения, биологическая продуктивность.

PRODUCTIVITY OF ESSENTIAL OILS DEPENDING ON PLACE OF GROWTH, SOIL COMPOSITION AND MINERAL FERTILIZERS

This article provides information on the productivity of essential oil plants, depending on the place of growth, the composition of the soil and mineral fertilizers. Pink geranium seeds were collected in the Sangvor and Dashtijum regions of the Republic of Tajikistan in three phases of seed maturation. The oil content of the seed sample was determined by the classical method and the developed method. After this operation, the influence of mineral and organic fertilizers on the dynamics of formation and change in the concentration of the constituent components of essential oils was determined.

Key words: pink geranium, essential oil, mineral and organic fertilizers, biological productivity.

Маълумот дар бораи муаллифон: Иброҳимзода Дилшод Эмом - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Маҳмудова Таҳминаи Муминҷон - номзади илмҳои техники, и.в. дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Зокирова Маҳина - унвонҷӯи кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Одинаев Фозилҷон Сафовудинович- магистри курси 2 кафедраи “Биохимия”-и Донишгоҳи милии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Сведения об авторах: Ибрахимзода Дилшод Эмом – доктор химических наук, и.о. профессора кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими,. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Махмудова Тахминаи Муминджон - кандидат технических наук, и.о.доцента кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. Телефон: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Зокирова Махина - соискатель кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Одинаев Фозилджон Сафовудинович – магистр 2-го курса кафедры Биохимии Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: - Ibrohimzoda Dilshod Emom - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi ,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Makhmudova Takhminai Muminjon - Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @ mail.ru.
Zokirova Mahina - Applicant of the Department of Energy Resources Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University. acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Odinaev Foziljon Safovudinovich - Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91@mail.ru.

УДК 634.1

ТАГПАЙВАНДҲОИ КЛОНИИ ДАРАХТОНИ МЕВАДИҲАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Охунҷонов А.Ҳ.
Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дар вилояти Суғд,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ба номи М. Осимӣ

Рушди соҳаи боғдори дар ҷумҳурӣ тақозои замон буда, яке аз зерсоҳаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Он дар таъмини амнияти ғизоии мамлакат, баланд бардоштани потенсиали содиротӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад [1, с.7].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки релефи кӯҳи дошта, норасогии заминҳои кишт эҳсос карда мешавад, истифодаи самараноки он дар асосӣ ҷори намудани технологияҳои пешрафта, аз ҷумла боғдории интенсиви талаботи замон мебошад. Ҳоло дар бисёр давлатҳо аз ҷиҳати кишоварзи пешрафта ин технология роҳандозӣ карда шуда, масоҳати чунин боғҳо сол аз сол тамоюли зиёдшави доранд.

Бунёди боғҳои интенсивии сермаҳсул пеш аз ҳама ба истифодаи ниҳолҳои дар тагпайвандҳои клонии сустсабзанда парваришёфта вобаста аст.

Тагпайвандҳои клонии сустсабзанда барои тез ба ҳосил даромадани дарахтони мевадиҳанда мусоидат намуда, имконият медиҳанд, ки қади дарахтон паст ва зичии ҷойгиркунии онҳо дар масоҳати замин зиёд карда шавад [2, с. 119].

Дар умум ҳосилнокии боғ ва сифати меваҳо баланд шуда, хароҷот барои гузаронидани як қатор корҳои агротехникӣ, аз ҷумла буришу шаклдиҳи ва ҷамъоварии ҳосил кам мегардад. Яъне ин тагпайвандҳо хусусияти ба танзим даровардани равандҳои сабзишу инкишоф ва ҳосилбандиро доранд. Барои ҳамин ба истифодабарии тагпайвандҳои клонӣ дар боғдории интенсивӣ диққати махсус дода мешавад.

Ҳоло яке аз муаммоҳои асосии боздорандаи рушди босуръати боғдории интенсивӣ дар ҷумҳурӣ ин мавҷуд набудани миқдори зарурии ниҳолҳо дар тагпайвандҳои клонӣ ва ба пуррагӣ омӯхта нашудани комбинатсияҳои навъу тагпайвандҳо ва мувофиқати вобаста аз минтақаҳои боғдорӣ мебошад. Барои ҳалли ин масъала вобаста ба ҳар як минтақаҳои боғдорӣ омӯзиш ва тавсияи тагпайвандҳои ба шароити хоку иқлим мутобиқ, бо роҳҳои нашвӣ осон зиёдшаванда ва баромади миқдори зиёди ниҳолҳои навъҳои маҳаллӣ ва ояндадорро таъминкунанда зарур аст [3, с. 4].

Дар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шуравӣ бо селексия ва омӯзиши тагпайвандҳои клонии себ, нок, олуча, гелос, зардолу, шафтолу, олу олимон Н.Г. Жучков, В.И. Будаговский, С.Н. Степанов, Г.В. Трусевич, Г.Т. Казмин, А.Ф. Колесникова, Г.В. Еремин ва дигарон корбари намуда, асосан корҳои илмӣ дар ин самт дар солҳои 60-уми асри гузашта оғоз карда шуда буд [4, с. 16].

Олимони тоҷик низ нақши тагпайвандҳоро дар рушду инкишоф, оғози ҳосилбандӣ, сифати ҳосил, давомнокии ҳосилбандӣ ва ташкили боғҳои интенсивӣ дарк карда, як қатор корҳои илмиро ба роҳ монда буданд.

Аз ҷумла, аз тарафи олимон Усмонов У. М., Эргашев А.Э. ва Искандаров К.И. корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши тагпайвандҳо барои зардолу дар шароити ниҳолхона ва боғ дар мавзеи Сомғор гузаронида шудааст. Дар ин таҷриба ба сифати тагпайванд донаки зардолу, олучаи кӯҳии маҳаллӣ, дурагаи олуву-олуча, бодом ва шафтолу истифода бурд шудааст [5, с. 8].

Аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ дар шароити вилояти Суғд корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши парвариши себ дар тагпайвандҳои клонӣ солҳои 1965-1975 гузаронида шуда буд. Дар ин таҷриба омӯзиши коллексионии навъҳои себ дар тагпайвандҳои миёнақади Дусен III ва Дусен V гузаронида шудааст [6, с. 26].

Инчунин, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ноҳияҳои қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ доир бо омӯзиши тагпайванди клонии ММ-106 дар шароити боғи интенсивӣ аз тарафи Урунов Ф. У. (1980-1992 с.) гузаронида шудааст, ки натиҷаҳои хуб дода буд.

Тули солҳои 2003-2008 дар шароити Тоҷикистони Марказӣ аз тарафи н.и.к. Сафаралиев Х. мувофиқати комбинатсияи навъу тагпайвандии себ омӯхта шудааст. Дар ин таҷриба мувофиқати тагпайвандҳои қадпасти М 9 ва миёнақади ММ 106 ба сифати гузориши мобайни бо навъҳои Ренет Симиренко, Голден Дилишес, Корей, Бойкен, ва Боровинкаи Тошкандӣ омӯхта шудааст. Дар натиҷаи ин таҳқиқот истифодабарии тагпайванди М 9 ҳамчун гузориши мобайнӣ дар тагпайванди тухмии Розмарини сафед бо навъҳои дар боло зикршудаи себ тавсия дода шудааст [7, с. 5].

Доир ба омӯзиши тагпайвандҳои клонии меваҳои донакдор дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ корҳои илмӣ таҳқиқотӣ аз соли 1990 бо роҳбарии мудири сектори ниҳолпарварии Филиали Суғдии Институти боғпарварӣ ва сабзавоткорӣ н.и.к. Янгибоев Ҷ. оғоз карда шудааст.

Аввалин маротиба аз стансияи таҷрибавии Қрим тагпайвандҳои клонӣ ва дурагаҳои дури зардолуи сиёҳ – ВВА-1, ВПА-1, Марианна, Алаб-1, АП-1, 29-1-3-150, 27-1-8-200, 27-1-6-200, 27-14-99, 29-1-10, 22-27-56 ва ғ. оварда шуда, дар қитъаи таҷрибавии сектори ниҳолпарварӣ боғи коллексионии тагпайвандҳои клонии меваҳои донакдор ташкил карда шудааст [3, с. 18].

Бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, таҷдиди соҳаи кишоварзӣ ва қабули якчанд барномаҳои давлатӣ ба рушди боғдории интенсивӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, як қатор тагпайвандҳои клонии нав барои меваҳои донакдор ва тухмдор ворид карда шуд.

Аз ҷумла, соли 2010 бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии «Актед» дар ҳамкори бо Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ бо ташаббуси ходимони илмӣ - Тошматов Б.А ва Абдуллоев М. ба ҷумҳурӣ тагпайвандҳои клонии Пумислект, Прунус кольт, М9- Т337, П-14, П-60, П-22, ВА-29 оварда шуд [8, с. 21].

Соли 2012 дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи сармоягузории кишоварзии Тоҷикистон «TAFF» дар ноҳияи Конибодом қитъаи таҷрибавии ниҳолхонаи тагпайвандҳои клонии меваҳои донакдор - Миробалан 29 С ва GF -677, Торинель, Сен-жулен, Вавид ташкил карда шуд [9, с. 71].

Ҳамзамон, бо дастгирии лоиҳаи мазкур дар ноҳияи Ховалинг низ ниҳолхонаи парвариши тагпайвандҳои меваҳои тухмакдорон ташкил карда шудааст. Бо дастгирии барномаҳои кишоварзии давлатӣ низ дар хоҷагии деҳқонии «Асадулло»-и ноҳияи Хуросон, хоҷагии деҳқони «Нурмаҳмад»-и ноҳияи Ҳисор, хоҷагии ниҳолпарварии ноҳияи Ҳисор боғҳои таҷрибавӣ бунёд карда шудааст. Дар майдонҳои номбаршуда 21 навъҳои себ ва 3 навъи нок дар тагпайвандҳои қадпаст зери омӯзиш қарор доранд [10, с.4].

Самараи дилхоҳ аз истифодаи тагпайвандҳои клонии дар боло зикргардида дар он вақт ба даст оварда мешавад, ки онҳо дорои маҷмӯи хусусиятҳои оптималӣ бошанд. Яъне ба шароити хоку иқлими минтақа мувофиқ бошанд, бо роҳи вегетативӣ осон зиёд шаванд, сабзишу инкишофи навъҳои асосии пайвандшавандаро таъмин намуда ба касаливу ҳашаротҳо тобовар бошанд.

Тагпайвандҳои меваҳои тухмакдорон

Тагпайванди М 9 (Парадизка IX М IX) – ин тагпайванди қадпаст (пакана) буда, дар боғдории интенсивии себ дар ҷаҳон яке аз тагпайвандҳои паҳншуда ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Ин тагпайванд бисёр ҷиҳатҳои хуб дорад. Миқдори навдаҳои буттаҳои модарии ин тагпайванд миёна буда, дар боғҳои модарии фарғучии саноатӣ аз сабаби осеб дидани сараки бутта миқдори навда кам мегардад, ки ин мӯрт будани онро нишон медиҳад. Дараҷаи решагирии фарғучҳо хеле хуб мебошад. Баромади ниҳолҳои ба ин тагпайванд пайвандшуда зиёд буда, бо бисёр навъҳо мувофиқати хуб дорад. Навъҳои себи ба ин тагпайванд пайвандшуда дар соли 2-3-юм ба ҳосилбандӣ оғоз мекунад. Меваҳои навъҳои пайвандшуда, назар ба тагпайвандҳои тухмӣ калонтар, рангаш беҳтар буда, барвақттар пухта мерасад. Дарахтони себ дар ин тагпайванд қади на он қадар баланд [2,5-3,5] дошта, бо ҳосилнокии баланди ҳарсола фарқ мекунанд. Лекин аз сабаби системаи решагии сатҳи доштан вазни ҳосилро дошта натавониста, гузоштани пояро талаб мекунад. Дар шароити боғи модарии фарғучӣ асосан бо усули фарғонкунӣ зиёд карда мешавад. Решааш аз ширинчаи хунин сахт осеб мебинад.

Тагпайвандӣ ММ-106 - тагпайванди миёнақад (нимпакана) мебошад, ки аз дурагакунии себи ба ширинчаи хунин тобоварӣ Норзерн спай бо тагпайванди М 1 ба вуҷуд оварда шудааст. Системаи решагии ин тагпайванд ба таври зарури боқувват мебошад, ки бе истифодаи поя дарахтро дар хок мустаҳкам нигоҳ медорад. Навъҳои себ дар ин тагпайванд аз ширинчаи хунин кам осеб мебинад.

Дар хокҳои таркиби механикиашон миёна ва ҳосилхез сабзиши хуб дорад. Дар боғи модарӣ бо усули фарғучи амудӣ нағз реша гирифта, аз ҳар як бутта 10-12 дона фарғучҳои стандартӣ медиҳад. Инчунин, роҳи қаламчакунӣ решагирии хуб дорад [11, с. 8,17].

Тагпайванди М 9 Т 337- Клони тагпайванди М 9 мебошад, ки дар кишвари Голландия интихоб карда шудааст. Нисбат ба тагпайванди М 9 решаҳояш дар хок устувортар ҷойгир шуда, ба хушкӣ тобовартар аст. Назар бо тагпайванди М 9 фоизи решагирии қаламчаҳои М 9 Т 337 зиёдтар аст. Дар шароити истеҳсоли бо усули фарғучкунӣ зиёд карда мешавад.

Тағпайванди P - 60- ин тағпайванд дар Институти Боғдорӣ ва гулпарварии Полша ба вуҷуд оварда шудааст. Баландии ниҳолҳои ба он пайвандшуда ба баландии ниҳолҳои ба тағпайванди М 9 пайвандшуда наздик мебошад. Ин тағпайванд нисбати тағпайванди М 9 ба хушкӣ ва сардӣ тобоварии зиёд дорад. Ба касалиҳои қутурак ва гардзанӣ устуворӣ миёна дорад. Бо усули фарғучкунӣ хеле осон реша мегирад. Барвақт ба ҳосил даромадани навъҳои себ дар ин тағпайванд ва бо усули фарғучӣ осон зиёд шудани он, ба истифодаи васеи он мусоидат мекунад.

Тағпайванди P 14 - Ин тағпайванд дар натиҷаи бордоршавии озодӣ тағпайвандӣ М 9 ба вуҷуд омадааст. Аз рӯйи қувваи сабзиш навъҳои ба ин тағпайванд пайванд шуда нимпакана мешаванд. Ба пӯсиши тана ноустувор буда, лекин ба пӯсиши решаҳо тобоварии калон дорад. Инчунин ба касалии гардзанӣ низ тобовар аст. Бо роҳи фарғучи амудӣ ва уфуқӣ зиёд карда мешавад.

Тағпайвандӣ P -22 – яке аз тағпайвандҳои қадпасттарин ба ҳисоб меравад. Ин тағпайванд дар натиҷаи дурагакунии тағпайванди М 9 ва себи навъи Антоновка дар Институти Боғдорӣ ва гулпарварии Полша ба вуҷуд оварда шудааст. Барои истифодабарӣ дар боғҳои интенсивӣ ва суперинтинтенсивӣ мувофиқ мебошад. Ниҳолҳои дар ин тағпайванд пайвандшуда, тез ба ҳосилбандӣ оғоз мекунанд. Ҷиҳати мусбии ин тағпайванд, дароз намудани муҳлати оғози давраи нав мебошад, ки барои эмин нигоҳ доштан аз сардиҳои авали баҳор мусоидат мекунад. Ба бисёр касалиҳо устувор аст. Аз ҷиҳати системаи решаи ниҳоят сатҳи доштан намнокии зиёдро талаб мекунад. Дарахтони себи ба ин тағпайванд пайвандшуда ба гузоштани поя эҳтиёҷ доранд [12, с.1].

Тағпайванди ВА-29 – дар натиҷаи селексия клоналии биҳӣ дар вилояти Провансӣ Франсия дар Институти миллии тадқиқотии кишоварзӣ ба даст оварда шудааст. Системаи решагии ин тағпайванд назар ба дигар тағпайвандҳои биҳӣ борик ва мураккаб буда, ба оҳаки фаъоли хок ҳассосияти кам дорад. Ба намӣ он қадар серталаб нест. Аз рӯи қувваи сабзиш миёнақад ҳисобида мешавад. Меваи нок дар ин тағпайванд андозаи калон ва сифати хуб дорад. Ҳамчун тағпайванди қадпасти асосӣ барои ташкили боғҳои интенсивии нок истифода бурда мешавад [13, с. 99].

Тағпайвандҳои клонии меваҳои донакдор. *Миробалан 29 С*, яке аз намудҳои олучаи америкои (PRUNUS CERASIFERA EHRH) ба ҳисоб меравад. Ҳамчун тағпайванди миёнақад барои олуча, олу ва зардолу истифода бурда мешавад, ки бо роҳи решагирониии қаламчаҳо ва қаламчаи сабз нағз зиёд мешавад. Ба Тоҷикистон соли 2012 оварда шудааст.

Ба сифати тағпайванди вегетативӣ барои олу ва зардолу дар Амрико, Италия, Фаронса, Хорватия, Англия, Руминия, Олмон ва дигар мамлакатҳо истифода бурда мешавад. Миробалан 29 С дар хокҳои қумдор ва обҳои зеризаминиашон наздик ҷойгирифта нағз месабзад.

Пумиселект – нисбатан тағпайванди нав барои мевахои донакдор аз он ҷумла, зардолу ва шафтолу мебошад. Соли 1996 дар Германия дар донишгоҳи Гейзенгейм аз тарафи олим Гелмут Якоб ба вуҷуд оварда шудааст. Ин тағпайванд то ба 50% паст шудани баланди ва то ба 30% кам шудани проексияи шохсории дарахт мусоидат мекунад. Дарахтон дар ин тағпайванд ҳосилнокии зиёд дошта дар соли 3 ва 4 ба

ҳосилдиҳи оғоз мекунад. Системаи решааш сатҳӣ мебошад. Бо роҳи қаламчаи чубшуда, қаламчаи сабз ва фарғуч осон зиёд карда мешавад. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 барои омӯзиш оварда шудааст.

Марианна 2624 – тагпайванди миёнақади олу ва зардолу. Соли 1884 дар ИМА дар натиҷаи дурагакунии Prunus cerasifera и Prunus munsoniana ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчун тагпайванди олу ва зардолу дар ИМА, Олмон ва дигар давлатҳои Аврупоӣ истифода бурда мешавад. Асосан бо қаламчаи чӯбшуда ва қаламчаи сабз зиёд карда мешавад. Дар заминҳои шӯр устувор мебошад. Дарахт дар хок устувор истода ба такягоҳ ниёз надорад. Ба миқдори кам бехҷаст пайдо мекунад. Ба Тоҷикистон соли 1991 барои омӯзиш оварда шудааст [14, с. 270].

ВВА-1 (олучаи хитоӣ х олучаи кӯҳӣ) – тагпайванди нимпакана барои зардолу, олучаи кӯҳӣ, олу ва шафтолу. Дар стансияи таҷрибавӣ-селексионии Қрим аз тарафи Г.В. Ерёмин соли 1960 интихоб карда шудааст. Аз оғози солҳои 80-ум дар як қатор Институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Руссия аз санҷиш гузаштааст. Мутобиқаташ бо навъҳои омӯхташудаи зардолу, олучаи кӯҳӣ ва олу муътадил буда, бо шафтолу миёна мебошад. Ба хунукӣ тобовар мебошад. Мустаҳкамии дарахт дар хок қаноатбахш аст. Тагпайванд хусусияти баланди мутобиқшави дорад. Барои бехтар гардонидани решагирии қаламчаҳо стимуляторҳои решапайдокунандаи ИМК, ИУК ва НУК истифода бурда мешавад.

Алаб-1 (дурагаи олучаи 3 х зардолуи муқаррарӣ) дар стансияи таҷрибавии Қрим ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчун тагпайванди клонӣ барои олу, олучаи кӯҳӣ, зардолу ва шафтолу истифода бурда мешавад. Дарахташ то 3,5 м баланди дорад. Ба касалиҳои барг ва пӯсиши реша устувор аст. Бо навъҳои пайвандшаванди олу, олучаи кӯҳӣ, зардолу ва шафтолу мувофиқати хуб дорад. Навъҳои ба ин тагпайванд пайвандшуда ҳосили хуб медиҳанд.

Дурагаи дури зардолуи сиёҳ 27-1-3-150 (ниҳоли хасакии зардолуи сиёҳ 2х5х5х Олучаи кӯҳ Аштаракӣ № 2). Ҳамчун тагпайванди миёнақад барои зардолу ва олу истифода бурда мешавад. Бо бисёр навъҳои зардолу ва олу мувофиқати хуб дорад. Бо қаламчаҳои чӯбшуда ва қаламчаи сабз хуб реша мегирад. Решаи тагпайванд дар хок устувор ҷойгир шуда, ба гузоштани такягоҳ ниёз надорад. Дар хокҳои сангу шағалдори аз намӣ таъмин нағз месабзад. Ҳосилнокии навъҳои зардолуи пайвандшуда, хеле баланд мебошад.

Дурагаи дури зардолуи сиёҳ 27-1-8-2000 (ниҳоли хасакии Монорези № 2-5-5 дурагаи зардоли сиёҳ F3 – олучаи кӯҳӣ х зардолу). Ҳамчун тагпайванди сустсабзанда барои зардолу ва олу истифода бурда мешавад. Баландии дарахт 2,0-2,5 м мебошад. Бо усули қаламчаи чӯбшуда, қаламчаи сабз ва фарғучкунӣ нағз реша мегирад [15, с.74].

Гурӯҳи тагпайвандҳои дар боло зикршуда, дар муассисаҳои илмию – таҳқиқотии ҷумҳурӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиш қарор дошта, дар қитъаҳои таҷрибавӣ нишондиҳандаҳои хуб ба даст оварда шудааст. Баъди омӯзиши пурраи онҳо - гурӯҳбанди вобаста ба шароити хоку иқлими минтақаҳои боғдории Тоҷикистон, мутобиқати он бо навъҳои маҳаллӣ ва содиротии пайвандшаванда,

мукаммалгардонии усулҳои парвариши ниҳолҳои дарахтони мевагӣ бо истифодаи тагпайвандҳои клонӣ барои ташкили боғҳои интенсивӣ тавсия додан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Гулов С.М. Садоводства / С.М.Гулов, Т.Пирзода, Ф.У.Урунов, В.Г. Силвандер. -Душанбе: «Андалеб Р», 2015.-276 с.
2. Охунджанов А.Х. / Размножение клоновых подвоев косточковых культур одревесневшими черенками / А.Х.Охунджанов, Д.Янгибоев, С.А.Фелалиев // Материалы VII-ой Международной конференции «Экологические особенности биологического разнообразия». –Душанбе: Дониш, 29-30 июня 2017, -С.119-120.
3. Охунджанов А.Х. Агробиологические основы размножения клоновых подвоев косточковых культур в условиях Северного Таджикистана: дисс… канд. с.-х. наук 8/ А.Х. Охунджанов. – Душанбе, 2018. -141 с.
4. Рябушкин, Ю.Б. Размножение клоновых подвоев и выращивание саженцев плодовых культур в условиях Нижнего Поволжья: дисс… док. с.-х. наук / Ю. Б. Рябушкин. –Мичуринск, 2003, -С.373.
5. Усманов, У.М. Некоторые результаты изучения подвоев для абрикоса в условиях питомника / У.М. Усманов, А.Э. Эргашев, К.И. Искандаров// Тематический сборник научных трудов «Садоводство, виноградарство и овощеводство на грубосклетных почвах». –Душанбе, -1978. -С. 8-17.
6. Султанов, А.Р. Коллекционное изучение яблонь на слаборослых подвоях в условиях Самгарского массива / А.Р. Султанов, А.Э. Эргашев //Тематический сборник научных трудов «Садоводство, виноградарство и овощеводство на грубоскелетных почвах».- Душанбе, 1978. -С. 26-39.
7. Сафаралиев Х. Ф. Физиологические основы продуктивности сорто-подвойных комбинаций яблони для горного и предгорного садоводства Центрального Таджикистана [Текст]: автореферат дисс. на соискание уч. степ. канд. биолог. наук / Х. Ф. Сафаралиев. - Душанбе: 2010. - 25 с.
8. Тошматов Б.А. Основы интенсивного садоводства и его закладки в условиях Согдийской области. Учебный пособие / Б.А. Тошматов. -Худжанд, 2015. -107 с.
9. Янгибоев Д. Инновационная экспериментальная работа по размножению вегетативных подвоев в плодовом питомнике косточковых культур в Канибадамском районе / Д.Янгибоев, Н.М.Азимов, А.Охунджанов // Материалы Международной научно-практической конференции «Проблемы устойчивого развития производства пищевых продуктов в Центральной Азии», Худжанд, 31 мая - 1 июня 2013. -С. 71-78.
10. Назиров Х. Н. Рекомендация по технологии закладки интенсивного сада с использованием капельного орошения / Х. Н.Назиров, Т.А.Ахмедов, Н.Камолов, С.М.Гулов, Х. Ф.Сафаралиев, -Душанбе: «Институт садоводства и овощеводства ТАСХН». 2019, -40 с.
11. Татаринов А.Н. Вегетативно размножаемые подвои яблони и груши (методические указания) / А.Н.Татаринов. -Москва: Колос, 1971. -102 с.
12. Муханин И.В. Классификация подвоев / И.В. Муханин, Л.В.Григорьева. [Электронный ресурс] http://asprus.ru/blog/klassifikaciya-podvoev/
13. Дорошенко Т.Н. Биологические основы размножения плодовых растений: учеб. пособие/ Т.Н. Дорошенко, Л.Г. Рязанова //-2-е изд., исправ. и доп.- Краснодар: Куб. ГАУ, 2015.-136 с.
14. Охунджанов А.Х. Засухоустойчивость подвоев абрикоса в условиях Северного Таджикистана/ А.Х.Охунджанов, Д.Янгибаев, А.С.Фелалиев. Доклады Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш. -Т. 60. -№ 5-6. -С.269-274.
15. Янгибоев Д. Вегетативно-размножаемый клоновый подвой отдаленного гибрида черного абрикоса 27-1-3-150 для косточковых культур / Д.Янгибоев, М.Абдуллоев, А.Охунджанов // Материалы республиканской конференции «Вклад молодых учёных в развитие науки, инновации и сельскохозяйственной технологии», -Душанбе: Эр-граф, 2020. -С-74-78.

ТАГПАЙВАНДҲОИ КЛОНИИ ДАРАХТОНИ МЕВАДИҲАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили муаммоҳои ҷойдошта дар рушди боғдории интенсивӣ, ки ба мавҷудияти тагпайвандҳои клонӣ ва дурнамои парвариши он дар дохили ҷумҳурӣ вобаста мебошад, маълумот оварда шудааст. Инчунин, нақши тагпайвандҳои клонӣ ба пешрафти боғдорӣ ва таърихи омӯзиши тагпайвандҳои клонӣ дар шароити ниҳолхона ва боғҳои мевадиҳанда муайян карда шуда, доир ба номгӯ ва хусусиятҳои тагпайвандҳои клонии ояндадори меваҳои тухмакдорон ва донакдорон, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ дар марҳалаи омӯзиш ва ҷори намудан ба истеҳсолот қарор доранд ба таврӣ муфассал маълумот оварда шудааст.

Калидвожаҳо: боғдории интенсивӣ, тагпайванд, навъ, ниҳол, мувофиқати навъу тагпайванд, фарғуч, қаламча.

КЛОНОВЫЕ ПОДВОИ ПЛОДОВЫХ КУЛЬТУР В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье приведен литературный обзор о проблемах развития интенсивного садоводства, которое связано с наличием клоновых подвоев и перспективах их размножения внутри страны. Кроме того, определена роль клоновых подвоев в развитии садоводства, история изучения клоновых подвоев в условиях питомника и плодового сада. Приведена характеристика перспективных клоновых подвоев семечковых и косточковых культур, которые в настоящее время находятся в стадии изучения и внедрения в производство.

Ключевые слова: интенсивное садоводство, подвой, сорт, сортоподвойные комбинации, отводки, черенки.

CLONAL ROOTSTOCKS OF FRUIT CROPS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article provides a literature review on the problems of the development of intensive horticulture, which is associated with the presence of clonal rootstocks and the prospects for their reproduction within the country.In addition, the role of clonal rootstocks in the development of horticulture, the history of the study of clonal rootstocks in a nursery and orchard are determined. The are given characteristics of promising clonal rootstocks of pome and stone fruit crops, which are currently under study and introduction into production.

Key words: intensive gardening, rootstock, variety, rootstock variety combinations, layering, cuttings.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Охунҷонов Абдуҳабиб Ҳафизович-*** Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ходими пешбари илмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 92 888 14 30**.
E-mail: **habib.ohunchonov@mail.ru)**

Сведение об авторе: ***Охунджанов Абдухабиб Хафизович*** – Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, ведущий научный сотрудник, кандидат сельскохозяйственных наук.**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон:** (+992) 92 888 14 30. **E-mail:** habib.ohunchonov@mail.ru

Information about the author: ***Okhunjonov Abduhabib Hafizovich*** - Scientific - Research Institute, Tajik national University, leading researcher of candidate of agricultural science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ave Rudaki 17. Phone: (+992) 92 888 14 30. **E-mail: habib.ohunchonov@mail.ru**

УДК:661.9

ТЕХНОЛОГИЯИ МУФИДИ ҲОСИЛКУНИИ БИОГАЗ ДАР АСОСИ ПАРТОВҲОИ МАИШӢ

Иброҳимзода Д.Э., Розиқов Ш.Ш., Муродов А.А.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Бинобар сабаби зиёдшавии аҳолӣ дар сайёраи замин, хамзамон истифодашавии маводҳои хӯрока ва молҳои ниёзи мардум зиёд гардида истодааст. Ин талабот боиси он гардидааст, ки миқдори партовҳои маишӣ низ зиёд гаштааст.

Дар ҳамаи давлатҳо барои безарар гардонидани партовҳои маишӣ ҳамасола маблағҳои зиёд сарф карда мешавад. Дар давлатҳои тараққикардашуда партовҳои маиши аз нав коркард гардида ба фраксияҳо чудо карда мешаванд ва дар асоси онҳо мавод ва маҳсулотҳо истеҳсол мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал тадбиқ намудани ин таҷриба муҳим буда он метавонад дар пешрафти саноатикунонии кишвар саҳми худро мегузорад.

Барои самаранок намудани технологияи безараргардонии партовҳои маишӣ ҷузъҳои таркибии ин партовҳоро ошкор карда самтҳои саноатии истифодашавии онҳоро муайян намудан зарур аст, зеро яке аз мушкилоти технологии ҷойдошта дар ин самт ин безараргардонии партовҳои маиши марбут ба партовҳои ғизоӣ мебошад.

Таҳили адабиёт дар ин самт нишон дод, ки дар асоси партовҳои ғизоӣ порухокро истеҳсол намудан имконпазир аст. Таркиби чунин порухокро элементҳои ғизоии фосфор ва нитроген ташкил медихад. Карбон ва гидрогени таркиби партовҳои ғизоӣ дар раванди поруҳосилшавӣ CO_2 ва H_2O табдил меёбад. Чунин истеҳсолот аз нигоҳи иқтисодӣ чандон фоидаовар нест. Дар баробари ин хориҷшавии CO_2 метавонад ба зиёдшавии газҳои гулхонагӣ мусоидат намуда ба вазъи экологии маҳал таъсири манфии худро расонад [1,с. 4].

Ин мушкилотро ба инобат гирифта оиди дарёфти роҳҳои ҳалли он як зумра таҳқиқотҳо гузаронида шуд [5, с.7]. Дар натиҷа муайян гардид, ки истеҳсоли биогаз дар асоси партоҳои ғизоӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ аз манфиат холи нест.

Дар амал тадбиқ намудани ин технология натанҳо аҳамияти амалӣ дошта мушкилоти безараргардонии партовҳои маиширо бартараф менамояд, инчунин дастовардҳои илмӣ дар ин самт аҳамияти калони назариявиро низ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳо дар ин самт метавонад натанҳо дар такмил додани назарияи механизмҳои реаксияҳои атсетогенӣ ва метаногенӣ замимагузорӣ намояд инчунин барои коркард намудани вариантҳои оптималии ҳосил намудани биогаз низ мусоидат намояд.

Ин афзалиятҳоро ба инобат гирифта дар асоси партовҳои ғизоӣ технологияи муфиди истеҳсолӣ биогаз коркард карда шуд. Технологияи коркардгардида чабҳаҳои зеринро дар бар мегирад (расми 1).



Расми 1. Раванди биотехнологии ҳосилшавии биогаз дар асоси пайвастагиҳои табиии таркиби партовҳои маишӣ


Чӣ тавре, ки аз ҷавҳари технологияи коркардшуда, ки дар расми 1 баррасӣ гардидааст раванди биотехнологии ҳосилшавии биогаз дар асоси пайвастагиҳои табиии таркиби партовҳои маишӣ чор фазаро дар бар мегирад. Дар фазаи якум ҳидролизи пайвастагиҳои калонмолекулаи табиии органикӣ амалӣ карда мешавад.

Ин коркарди технологӣ боиси он мегардад, ки ангиштобҳо ва сафедаҳо, ки асоси таркиби химиявии пайвастагиҳои табииро ташкил медиҳад ба мономерҳои худ табдил меёбанд. Баъди ҳидролизшавӣ таҳти таъсири микроорганизмҳо пайвастагиҳои органикии ҳосилшуда ба кислотаҳои органикӣ табдил меёбанд. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки дар баробари ҳосилшавии кислотаҳои карбони, инчунин як гурӯҳ, пайвастагиҳои органикӣ аз қабили амиак, ҳидрогенсулфид ва ҳидроген ҳосил мешавад. Дар ҳосилшавии амиак ва ҳидрогенсулфит боқимондаҳои аминокислотагии таркиби сафедаҳо мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки дар фазаи атситогенӣ кислотаҳои органикӣ таҳти таъсири бактерияҳои атситогенӣ ба кислотаҳои атсетат табдил меёбанд. Пас аз чунин табдилёбӣ фазаи метаногенез оғоз меёбанд, ки дар ин раванд кислотаи атсетат ба метан ва диоксиди карбон табдил меёбад. Сипас, диоксди карбони ҳосилшуда зимни таъсири бактерияҳо ба метан ва об мубаддал мегардад.

Айни замон, як қатор ширкатҳо, ки дар Олмон, Дания, Чин, ИМА ва Руссия фаъолият менамоянд, ки дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои истеҳсоли биогазро харидорӣ намудан мумкин аст [8, с.9]. Таҳлили кори ин дастгоҳҳо ва муқоисаи технологияи коркардшуда, ки дар шароити лабораторӣ амалӣ карда шудааст нишон дод, ки дар хати технологии таҳрезишудаи маълум як норасои мушоҳида карда мешавад. Ин норасои дар он мебошад, ки аз таркиби биогази ҳосилкардашуда тоза намудани амиак ва газҳои турш ба нақша гирифта нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми сӯхтани биогази коркарднашуда натанҳо гази CO_2 инчунин метавонад газҳои нитрогендор ва сулфурдор хориҷ гардад. Чуноне, ки маълум аст хориҷшавии чунин газҳо натанҳо ба экологияи атмосфера таъсири манфӣ мерасонанд, инчунин метавонанд дар ҳосилшавии боронҳои турш (кислотагӣ) низ мусоидат намоянд.

Ин мушкилотро ба инобат гирифта дар технологияи коркардгардида тоза намудани ин газҳо ба нақша гирифта шуд. Тозакунии ин газҳоро аз руйи хати технологии зерин амалӣ намудан мумкин аст (расми 2).



Расми 2. Хати техгологии тоза намудани биогаз

Чӣ тавре аз хати технологии коркардшуда, ки дар расми 2 баррасӣ гардидааст, бармеояд ки дар рафти ҳосилшавии биометан инчунин газҳои **H_2S, NH_3, H_2** ва CO_2

ҳосил мегардад. Ҳангоми гузаронидани биогаз аз таркиби маҳлули **10%** Na (OH), газҳои H_2S химосорбсия карда мешавад. Гази амиаки таркиби биогаз бошад бо истифода аз маҳлули CH_3 - COOH тоза карда мешавад.

Химизми ин технологияро бо муодилаи химиявии зерин шарҳ додан мумкин аст:

$H_2S + NaOH \rightarrow Na_2S + H_20$

$NH_3 + CH_3 - COOH \rightarrow CH_3 - COO\ NH_4$

Дар технологияи таҳрезишуда барои зиёд намудани ҳиссаи массаи метан, биогаз аз таркиби оҳаки шукуфта ($Ca(OH)_2$) гузаронида мешавад. Чунин коркарди технологӣ боиси он мегардад, ки CO_2 бо Ca $(OH)_2$ таъсири мутақобила намуда $CaCO_3$-ро ҳосил менамояд.

Барои муайян намудани афзалиятҳои технологияи коркардшуда бо истифода аз тариқаҳои таҳлили физикию - химиявӣ ва методҳои химияи органикӣ таркиби химиявии биогази ҳосилкардашударо пеш аз тозакунӣ ва пас аз тозакуни муайян намудем. Натиҷаҳои таҳлил дар чадвали 1 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. Тағйирёбии таркиби химиявии биогаз пас аз тоза намудан бо усули химосорбсия

Намунаи биогази таҳлилшуда	Ҳиссаи массаи компонентҳои таркиби газ (бо %)					
	CH_4	$C0_2$	H_2S	NH_3	H_2	Газҳои дигар
Биогази ҳосилкардашуда	62	34	**1,5**	0,8	0,7	1
Биогази ҳосилкардашуда пас аз коркард	94,3	-	ниҳоят кам	ниҳоят кам	2,3	2,9

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои таҳлили таркиби химиявии биогази ҳосилкардашуда, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст бармеояд пас аз коркард ҳиссаи массаи метан то 94,3 % баланд бардошта мешавад. Ба зиёд шудани ҳиссаи массаи метан тавассути сорбентҳо ҷабида шудани газҳои $C0_2$, H_2S ва NH_3 мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, тавассути методҳои муҳандисии технологияи моддаҳои органикӣ, технологияи муфиди истеҳсоли биогаз коркард карда шуд. Технологияи коркардгардида аз ҳаммонандҳои худ аз ҷиҳати технологӣ, икдисодӣ ва экологӣ афзалият дорад.

АДАБИЁТ

1. Иброгимов Д. Э. Новый метод определения кислотного числа в маслах и экстрактах [Текст] / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Усмонова, Ш.Х. Халиков // Научная перспектива (научно-аналитический журнал). - Россия: Химия, - 2010. -№9,-С.84-86.
2. Иброгимов Д.Э. Безотходное производство нефтегазовой отрасли [Текст] / Д.Э. Иброгимов, Х.Ш. Гулаҳмадов // Вестник Таджикского технического университета. №2(26) - Душанбе: Шинос, - 2014. - С. 120- 121.
3. Иброгимов Д.Э. Эффективные технологии производства биодизеля на основе растительных технических масел / Д.Э.Иброгимов, Т.С.Маджидов, Х.Ш.Гулахмадов, Т.М.Махмудова // Политехнический вестник серия инженерных исследований. - Душанбе: Шинос, -2019. -№1(45). - С.117-121.
4. Иброгимов Д.Э. Экологические аспекты и перспективы применения альтернативных топлив в транспортном секторе Республики Таджикистан/ Д.Э. Иброгимов, А.С. Фохаков, Т.М.Махмудова // Вестник Таджикского национального университета (ISSN-2413- 452X). - 2019. -№2. -С.86-93.
5. Иброгимов Д.Э. Физико-химические аспекты технологии получения биодизеля на основе масла семян Eruca sativa Mill / Д.Э.Иброгимов, Т.М.Махмудова, Ф.Д.Иброгимов, Дж.Н.Ахмад, Абдул М.Р., Дж.Некмухаммад // Вестник Таджикского национального университета (ISSN-2413-452X.) - 2019. №3 -С.202-208.
6. Иброгимов, Д.Э. Коркарди химиявии партовҳои канализатсионӣ / Д.Э. Иброгимов, Р. Сафармурод, Қ. Аслиддин // Материалы республиканской конференции: «Новые теоретические и прикладные исследования химии в высших учебных заведениях Республики Таджикистан», - Душанбе: ТПУ им.С.Айни, - 2010. -С. 134-136.

7. Иброгимов Д.Э. Альтернативные методы получения жидкого биотоплива / Д.Э. Иброгимов, Р. Сафармуроди, Т. Раджаби // Материалы международной научно-практической конференции «Подготовка научных кадров и специалистов новой формации в свете инновационного развития государств». -Душанбе: Ирфон, 2010. -С. 199-200.
8. Иброгимов Д.Э. Эффективные технологии получения биодизеля на основе местного сырья / Д.Э.Иброгимов, Т.М.Махмудова, Х.Н.Одинаев, [и др] // Материалы Республиканской научно-практической конференции наука - основа инновационного развития. Душанбе, 2020. -С.352-354.
9. Малый патент Республики Таджикистан №TJ 360 от 25.05.2010. Способ получения биоэтанола / Д.Э.Иброгимов, Ш.Х.Халиков, Ш.Х. Усмонова, Р.Сафармуроди.

ТЕХНОЛОГИЯИ МУФИДИ ҲОСИЛКУНИИ БИОГАЗ ДАР АСОСИ ПАРТОВҲОИ МАИШӢ

Дар мақолаи мазкур оиди технологияи муфиди ҳосилкунии биогаз дар асоси партовҳои маишӣ маълумот пешниҳод шудааст. Муайян гардидааст, ки дар амал тадбиқ намудани ин технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим мебошад. Тавассути ин технология яке аз мушкилоти муҳимми ҷойдошта, коркарди партовҳои маишӣ ҳалли худро меёбад. Дар баробари ин тавассути истифодаи усулҳои муҳандисӣ ва методҳои химияи органикӣ ҷанбаҳои физикию - химиявӣ ва технологии усули коркардшуда омӯхта шудааст. Инчунин ошкор гардидааст, ки бо истифода аз химосорбентҳо ғализати газҳои **CO_2, H_2S** ва **NH_3** дар таркиби биогази ҳосилшуда коҳиш додан имконпазир аст.

Калидвожаҳо: партовҳои маишӣ, безараргардонӣ, пайвастагиҳои табиӣ, биотехнология, биогаз, таркиби химиявӣ, химосорбентҳо, тозакунии биогаз.

ЭФФЕКТИВНАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ПОЛУЧЕНИЯ БИОГАЗА НА ОСНОВЕ КОММУНАЛЬНЫХ ОТХОДОВ

В данной статье представлена информация о эффективной технологии получения биогаза на основе бытовых отходов. Выявлено, что практическое внедрение разработанной технологии для Республики Таджикистан очень важно. С применением рекомендованной технологии можно решить экологическую проблему обезвреживания бытовых отходов.С применением инженерных методов и методов органической химии изучены физико-химические и технологические аспекты разработанной технологии. Выявлено, что с применением хемосорбентов можно снизить концентрацию CO_2, H_2S и NH_3 в полученном биогазе.

Ключевые слова: бытовые отходы, обезвреживание, природные соединения, биотехнология, биогаз, химический состав, хемосорбенты, очистка биогаза.

EFFICIENT TECHNOLOGY FOR PRODUCING BIOGAS ON THE BASIS OF MUNICIPAL WASTE

This article provides information on an effective technology for biogas production from household waste. It was revealed that the practical implementation of the developed technology for the Republic of Tajikistan is very important. Using the recommended technology, it is possible to solve the environmental problem of neutralizing household waste.Physicochemical and technological aspects of the developed technology were studied using engineering methods and methods of organic chemistry. It was revealed that using chemisorbents it is possible to reduce the concentration of CO_2, H_2S and NH_3 in the biogas produced.

Key words: household waste, neutralization, natural compounds, biotechnology, biogas, chemical composition, chemisorbents, biogas purification.

Маълумот дар бораи муаллифон: Иброҳимзода Дилшод Эмом - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Розиқов Шомаҳмад Шерович - доктори илмҳои ветеринари профессор мудири кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграри ба номи Ш.Шоҳтемур. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: (+992) 935-07-99-28, **E-mail**: razikov58@mail.ru

Муродов Амиршоҳ Амиралихонович –Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, докторанти кафедраи “Технологияи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ”. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, **Телефон (+992)** 988-23-23-32, 93-932-33-64, **e-mail**: amirsho _ 3737@mail. ru.

Сведения об авторах: Ибрахимзода Дилшод Эмом – доктор химических наук, и.о. профессора кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Разиков Шомахмад Шерович - доктор ветеринарных наук, профессор, зав. кафедрой фармакологии и паразитологии, Таджикский аграрный университет имени Ш. Шотемура. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 146 Телефон: (+992) 935-07-99-28 E-Mail: razikov58@mail.ru
Муродов Амиршох Амиралихонович - Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемура, докторант кафедры «Технология переработки сельскохозяйственных продуктов» Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146, Телефон: (+992) 988-23-23-32, 93-932-33-64, **e-mail**: amirsho _ 3737@mail. ru.

Information about the authors: - Ibrohimzoda Dilshod Emom - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Razikov Sh. Sh.Doctor of Veterinary Sciences, Professor, Head of the Department of Pharmacology and Parasitology Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 146. Phone: (+992) 935-07-99-28 E-Mail: razikov58@mail.ru
Murodov Amirshoh Amiralikhonovich - Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, doctoral student of the department "Technology of processing agricultural products" Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 146, Phone: (+992) 988-23-23-32, 93-932-33-64, e-mail: amirsho _ 3737@ mail. ru.

УДК:582.796

ТАҲҚИҚИ МИҚДОРИ КИСЛОТАҲОИ ОРГАНИКӢ ДАР БАРГИ НАВЪУ ШАҶАРАҲОИ РАСТАНИИ ПАХТАИ МИЁНАНАХ (GOSSYPIUM HIRSUTUM L.)

Иброгимова С.И., Назарова Ф.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кислотаҳои органикӣ як гурӯҳи калони пайвастагиҳо аз ҷиҳати биологӣ фаъол мебошанд, ки дар олами растаниҳо васеъ паҳн шуда буда, дар ҳаёти онҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд [8,9, с.23-31]. Тибқи натиҷаҳои таҷрибаҳои зиёди солҳои охир муайян гардид, ки мубодилаи кислотаҳои органикӣ бо устувори растаниҳо ба таъсири омилҳои ногувори муҳити атроф алоқамандӣ доранд [12, с.7].

Кислотаҳои органикӣ дар растаниҳо дар раванди нафаскашӣ ҳосил шуда, маҳсули нопурраи оксидшавии ангиштобҳо ва аминокислотаҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин, кислотаҳои органикӣ барои синтези алкалоидҳо, гликозидҳо, аминокислотаҳо, эфирҳо, чарбҳо ва дигар моддаҳои фаъоли биологӣ чун маводи ибтидоии сохторӣ ба шумор рафта, дар алоқаманд намудани зинаҳои алоҳидаи мубодилаи чарбҳо, сафедаҳо ва ангиштобҳо хизмат мекунанд [1, с.45].

Қонуниятҳои биохимиявии ҳосилшавии кислотаҳои органикӣ дар растаниҳо ва вазифаи онҳо дар мубодилаи моддаҳо то ҳол пурра ва аниқ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таркиби биохимиявии баргҳои пахта дар замони ҳозира хеле муҳим мебошад. Мақсади кор омӯзиши мубодилаи кислотаҳои органикӣ дар барги навъҳои гуногуни пахта дар раванди онтогенез мебошад [6, с. 43].

Барои таҳқиқи кислотаҳои органикӣ ба сифати маводи таҳқиқотӣ баргҳои растании пахтаи миёнанахи (Gossypium Hirsutum L.) навъҳои 65/30, Ҳисор, Меҳргон, ва шаҷараҳои Л-15 ва Л-53 мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Растаниҳо дар қитъаи таҷрибавии кафедраи биохимияи ДМТ бо риояи дастури методӣ барои гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ ва қоидаҳои агротехникӣ барои рӯёнидани растании пахта парвариш ёфтанд. Навъҳо ва шаҷараҳои таҳқиқшудаи пахта аз рӯйи суръати қадкашӣ, давомнокии давраи вегетатсионӣ, пешпазакӣ, равғаннокӣ, инчунин аз рӯйи дигар аломатҳои морфофизиологӣ аз ҳам фарқ мекунанд [7, с. 56].

Барои озмоиш аз баргҳои тафриқашудаи қабати болоӣ (баргҳои 3-4 аз нуқтаи сабзиш) дар соатҳои гуногуни рӯз интихоб карда, миқдори умумии кислотаҳои органикӣ дар баргҳои пахта бо усули титрометрӣ муайян карда шуд. Миқдори умумии кислотаҳои органикӣ дар баргҳои пахта аз рӯйи формулаи зерин муайян шуд [5, с. 173]:

$$X=aV\ 100/V_1\ H$$

Дар ин ҷо а- миқдори 0,1 н ишқор, мл;

V- ҳаҷми умумии шира, мл;

V_1- ҳаҷми шираи барои титркунӣ гирифташуда, мл;

H- вазни баргҳои таҳқиқшаванда, г.


Таҷрибаҳо бо такрорёбии секарата гузаронида шуда, дар расмҳо қимати миёнаи арифметикии онҳо интихоб гардиданд [1, с. 46].

Аз сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, ки миқдори кислотаҳои органикӣ ҳам дар муддати шабонарӯз ва ҳам дар давраҳои гуногуни инкишофи растанӣ, яъне дар мавсимҳои инкишоф тағйир меёбад.

Ҳаминро ба назар гирифта, тағйироти рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар давраҳои гуногуни инкишоф дар навъу шаҷараҳои гуногуни пахтаи миёнанах таҳқиқ намуда шуд. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гашт, ки тағйирёбии рӯзонаи

миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳо дар ҳама даврaҳои инкишофёбии растанӣ бо интенсивнокии гуногун мегузарад.


Дар давраи аввали вегетатсия (то шонабандӣ) (расми 1) миқдори зиёди кислотаҳои органикӣ дар баргҳо дар соати 9 мушоҳида мешавад. Сипас миқдори онҳо кам шудан мегирад. Миқдори камтарини кислотаҳои органикӣ дар барги аксари навъу шаҷараҳо дар соати 15- и ба чашм мерасад. Дар баргҳои навъи Меҳргон миқдори максималии кислотаҳо дар соати 6-саҳар ба чашм расида, баъд дар давоми рӯз ин нишондиҳанда то 40–50% кам мешавад. Дар байни шаклҳои омӯхташуда аз рӯйи нишондиҳандаи миқдори максималии кислотаҳои органикӣ пахтаи навъи Ҳисор пешсаф мебошад. Дар баргҳои шаҷараи Л-53 баръакс, миқдори максималии кислотаҳо ба соати 12 рост меояд, сипас пастшавии миқдори кислотаҳои органикӣ мушоҳида мешавад.



Расми 1. Тағйирёбии рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта (давраи то шонабандӣ)

Тибқи маълумотҳои сарчашмаҳои илмӣ, дар давраи аввали вегетатсия ҷамъшавии минималии кислотаҳо дар соатҳои 16–20 бо миқдори максималии ангиштобҳо дар ин соатҳо рост меояд. Баландшавии шабонаи миқдори кислотаҳо бо пастшавии миқдори ангиштобҳо дар ҳамон соатҳо мувофиқат менамояд [5, с.180].


Дар давраи шонабандӣ (расми 2) бошад, миқдори аз ҳама зиёди кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъҳои 65/30, Меҳргон ва шаҷараи Л-53 дар соати 12, барои навъи Ҳисор миқдори максималии ин нишондиҳанда дар соати 15-и баъди нисфирӯзӣ мушоҳида карда мешавад. Қимати мутлақи максималӣ дар ин давра дар навъи Меҳргон қайд шудааст.



Расми 2. Тағйирёбии рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта (давраи шонабандӣ)

Дар давраи гулкунӣ (расми 3) бошад, ҳосилшавии зиёди кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъҳои Ҳисор ва 65/30 дар соати 9, дар шаҷараи Л-53 дар соати 12 ва дар навъи Меҳргон ва Л-15 дар соати 15 дида мешавад. Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳои илмӣ дар давраи гулкунӣ ва пухтарасии ғӯзаҳои пахта тағйироти миқдори шабонарӯзии кислотаҳои органикӣ дар баргҳо муқобили тағйироти ҳосилшавии миқдори шабонарӯзии ангиштобҳо мебошад [4, с. 174].


Ҳосилшавии кислотаҳои органикӣ бо таҳзияшавии ангиштобҳо алоқамандӣ дорад, зеро кислотаҳои органикӣ маҳсули оксидшавии ангиштобҳо мебошанд.



Расми 3. Тағйирёбии рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта (давраи гулкунӣ)

Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳои илмӣ [3, с.45]. маълум аст, ки рӯшноӣ ба синтези кислотаҳои органикӣ дар растаниҳо таъсири бондорандагӣ дорад. Тибқи ин маълумотҳо дар муддати шабонарӯзӣ миқдори кислотаҳои органикӣ ба тағйиротҳои


зиёд дучор шуда, миқдори онҳо ду маротиба дар соатҳое, ки интенсивнокии фотосинтез хеле зиёд аст ва тарафҳои бегоҳ, тағйир меёбад, яъне хати каҷи дуқуллаи баланддошта ҳосил мешавад.



Расми 4. Тағйирёбии рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта (давраи меваҳосилкунӣ)


Дар давраи мевабандӣ (расми 4) дар ҳама навъу шаҷараҳои таҳқиқшаванда ҳосилшавии зиёди кислотаҳои органикӣ дар соати 6 –и пагоҳӣ ба чашм расида, то соати 15 пастшавии қимати ин нишондиҳанда қариб аз 1,4 то 1,8 маротиба паст мефарояд. Дар байни навъҳои омӯхташуда аз рӯйи нишондиҳандаи миқдори максималии кислотаҳои органикӣ дар ин давра навъи Мехргон назар ба дигар навъу шаҷараҳо бартариро зоҳир намудааст.

Дар давраи охири вегетатсия, давраи пухтарасии ғӯзаҳо (расми 5) дар муддати шабонарӯзӣ тағйирёбии кислотаҳои органикӣ хати каҷи 2 қулладорро бо адади аз ҳама баландтарин дар соатҳои 6 ва 15 ба вуҷуд меоранд, танҳо дар шаҷараи Л-15 ва Л-53 адади максималии қуллаи 2-юм дар соати 12 ба назар мерасад.



Расми 5. Тағйирёбии рӯзонаи миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта (давраи пухтарасӣ)

Барои таҳлил маълумотҳои дар соати 9-и пагоҳи гирифташудаи ҳама навъу шаҷараҳои омӯхташуда истифода шудаанд.



Расми 6. Тағйирёбии онтогенетикии миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъу шаҷараҳои гуногуни пахта

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳо мушоҳида мешавад, миқдори нисбатан зиёди кислотаҳои органикӣ дар давраи гулкунӣ мушоҳида мешавад. Вобастагии байни ҳосилшавии кислотаҳои органикӣ дар баргҳо ва миқдори CO_2 дар ҳаво имкон медиҳад, ки тағйирёбии миқдори кислотаҳои органикиро дар растанӣ дар муддати шабонарӯз ошкор созем. Дар торики фишори партсиалии гази карбонати дар натиҷаи нафаскашӣ хориҷшудаи баргҳо афзуда ва он дарҳол барои синтези кислотаҳои органикӣ сарф мешавад. Дар рӯшноӣ бошад, гази карбонати дар рафти нафаскашӣ хориҷшуда, тез дар раванди фотосинтез сарф мешавад, ки дар ин ҳол ҳам пастшавии фишори партсиалии гази карбон дар бофтаҳо ва пастшавии биосинтези кислотаҳои органикӣ ба чашм мерасад [12].

Натиҷаҳои бадастомада эҳтимол, аз алоқамандии зичи кислотаҳои органикӣ бо интенсивнокии фотосинтез шаҳодат диҳанд. Аз натиҷаи таҳқиқотҳо мушоҳида карда мешавад, ки асосан байни миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои навъҳои пахтаи омӯхташуда дар онтогенез ва динамикаи ҷамъшавии равған дар чигити пахта алоқамандии мусбӣ мавҷуд аст [6].

Ҳамин тавр, ҳама навъу шаҷараҳои омӯхташудаи пахта дар ҳосилшавии кислотаҳои органикӣ дар давоми вегетатсия фаоълнокӣ зоҳир намуданд. Таҳлили миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои пахта дар раванди онтогенези растанӣ гузаронидашуда нишон дод, ки хати каҷи якқуллаи баланддошта бо пики максималӣ дар давраи гулкунӣ мушоҳида карда мешавад. Аз рӯйи ҷамъи миқдори кислотаҳои органикӣ дар байни ҳама навъу шаҷараҳои озмоишшуда навъҳои Ҳисор, Мехргон ва шаҷараи Л-15 бартарӣ доштанд.

АДАБИЁТ

1. Бредихина А.И, Хлопководство / А.И, Бредихина, Г.Я. Губанов. -1974. - №10.
2. Войтёнок Ф.В. «Сельскохозяйственная биология» / Ф.В.Войтёнок, Т.Б.Соколова, П.Неъматов. -1983, №1. -С.52-57.
3. Губанов Г.Я. «Хлопчатник» / Г.Я. Губанов. –Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1960, Т. 4. -С.11 – 69.
4. Ионесова А.С. Исследования лимонной кислоты у хлопчатника / А.С. Ионесова. ДАН УзССР, -№11. -1955.
5. Ермаков А.И. Определение органических кислот // В кн.: Методы биохимического исследования растений / А.И.Ермаков. -Л.: Агропромиздат. Ленингр. Отд. 1987. -С. 173-193.

6. Иброгимова С.И. и др. Метаболизм органических кислот у различных форм хлопчатника. Известия Академии наук Республики Таджикистан, отделение биологических и медицинских наук, №1 (178), 2012.
7. Иброгимова С.И. Исследования основных компонентов семян различных сортов и линий хлопчатника: автореф, дисс. канд. биол.наук / С.И. Иброгимова. – Душанбе, 2013.- 25 с.
8. Пинхасов Ю. И. Передвижение ассимилятов и регулирование ростовых процессов у хлопчатника: автореф, дисс. канд. биол. наук / Ю. И.Пинхасов. - Душанбе, 1969. - 20 с.
9. Прокошев С.М. Органические кислоты в листьях хлопчатника / С.М.Прокошев, В.З.Баранова, Медников А.И. ДАН СССР, 102, -№5, 1975. -С. 28-32.
10. Чесноков В.А. Лимонная кислота в листьях хлопчатника / В.А. Чесноков // Вестник ЛГУ, -№ 1. 1955. -С. 31-33.
11. Школьник Р.Я. Содержание органических кислот в листьях томатов в процессе их развития, «Физиология растений», 1990, т.3. с. 102-104.
12. *Lopez-Bucio J., Nieto-Jacobo M., Ramirez-Rodriguez V., Herrera-Estrella L.* Organic acid metabolism in plants: from adaptive physiology to transgenic varieties for cultivation in extreme soils// Plant Science. № 160. 2000. P. 1–13.

ТАҲҚИҚИ МИҚДОРИ КИСЛОТАҲОИ ОРГАНИКӢ ДАР БАРГИ НАВЪУ ШАҷАРАҲОИ РАСТАНИИ ПАХТАИ МИЁНАНАХ (GOSSYPIUM HIRSUTUM L.)

Дар мақолаи мазкур маълумотҳо оид ба динимикаи рӯзонаи кислотаҳои органикӣ дар барги 5 навъи растании пахта пешниҳод гардидааст. Барои таҳқиқи кислотаҳои органикӣ ба сифати маводи таҳқиқотӣ баргҳои растании пахтаи миёнанахи (Gossypium Hirsutum L.) навъҳои 65/30, Ҳисор, Мехргон, ва шаҷараҳои Л-15 ва Л-53 мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Растаниҳо дар қитаи тачрибавии кафедраи биохимияи ДМТ бо риояи дастури методӣ барои гузоштани тачрибаҳои саҳроӣ ва қоидаҳои агротехникӣ барои рӯёнидани растании пахта парвариш ёфтаанд. Навъҳо ва шаҷараҳои таҳқиқшудаи пахта аз рӯйи суръати қадкашӣ, давомнокии давраи вегетатсионӣ, пешпазакӣ, равғаннокӣ, инчунин аз рӯйи дигар аломатҳои морфофизиологӣ аз ҳам фарқ намудаанд. Таҳлили миқдори кислотаҳои органикӣ дар баргҳои пахта дар раванди онтогенези растанӣ гузаронидашуда нишон додааст, ки хати каҷи якқуллаи баланддошта бо пики максималӣ дар давраи гулкунӣ мушоҳида карда мешавад. Аз рӯйи ҷамъи миқдори кислотаҳои органикӣ дар байни ҳама навъу шаҷараҳои озмоишшуда навъҳои Ҳисор, Мехргон ва шаҷараи Л-15 бартарӣ доштаанд.

Калидвожаҳо: кислотаҳои органикӣ, динамика, миқдор, навъ, шаҷара, пахта, мубодила, устуворӣ, онтогенез.

ИЗУЧЕНИЕ СОДЕРЖАНИЯ ОРГАНИЧЕСКИХ КИСЛОТ В ЛИСТЬЯХ РАЗЛИЧНЫХ СОРТОВ И ЛИНИЙ СРЕДНЕВОЛОКНИСТОГО ХЛОПЧАТНИКА *(GOSSSYPIUM HIRSUTUM L.)*

В статье приведены сведения о дневной динамике содержания органических кислот в листьях 5 сортов хлопчатника. Для исследования органических кислот в качестве объекта были изучены листья сортов 65/30, Гиссар, Мехргон, и линии Л-15 и Л-53 средневолокнистого хлопчатника (Gossypium Hirsutum L.). Растения выращивались на опытном участке кафедры биохимии ТНУ в соответствии с руководством по проведению полевых опытов и агротехническими правилами выращивания хлопчатника. Исследуемые сорта и линии хлопчатника различались по скорости роста, продолжительности вегетационного периода, спелости, масличности, а также по другим морфофизиологическим признакам. Анализ содержания органических кислот в листьях хлопчатника изученных форм в процессе онтогенеза растений выявил, что наблюдается в основном одновершинная кривая с максимальным пиком в фазе цветения. По сумме органических кислот среди всех изученных сортов и линий преобладали сорта Гиссар, Мехргон и линия Л-15.

Ключевые слова: органические кислоты, динамика, количество, сорт, линия, хлопчатник, обмен, устойчивость, онтогенез.

STUDY OF ORGANIC ACIDS LEAVES OF COTTON PLANTS MIDDLE (GOSSYPIUM HIRSUTUM L.)

This article provides information on the diurnal dynamics of organic acids in the leaves of 5 species of cotton plants. The leaves of 65/30, Gissar, Mehrgan, and L-15 and L-53 species of medium cotton (Gossypium Hirsutum L.) were studied as a research material for organic acids. The plants were grown on the experimental plot of the Department of Biochemistry of the TNU in accordance with the guidelines for field experiments and agro-technical rules for growing cotton. The studied varieties and genealogies of cotton differed in terms of growth rate, duration of the growing season, maturity, oil content, as well as other morphophysiological features. Analysis of the amount of organic acids in cotton leaves during the process of plant ontogeny showed that a high single curve with a maximum peak is observed during flowering. In terms of the total amount of organic acids, Gissar, Mehrgon and L-15 predominated among all tested species.

Key words: organic acids, dynamics, quantity, variety, pedigree, cotton, exchange, sustainability, ontogeny.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброгимова С.И.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи биохимия. **Суроға:**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: **934-17-17-09.**
Назарова Ф.С.- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-и кафедраи биохимия. **Суроға:**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведение об авторах: ***Иброгимова С.И.*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: **934-17-17-09.**
Назарова Ф.С.- Таджикский национальный университет, магистр 2 курса кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors: ***Ibragimova S.I.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Biochemistry**. Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. Tel: 934-17-17-09.
Nazarova F. S.- Tajik National University, Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry**. Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК:669.015

ТАҲҚИҚИ ОБҲОЕ, КИ ДАР ТАРКИБАШОН МЕТАЛЛҲОИ ВАЗНИН ДОРАНД, КИ БА РУШДИ ЛӮБИ ВА НАХӮД ТАЪСИРИ МАНФӢ МЕРАСОНАНД

Нозимова М.С., Раҷабзода С. И.
Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лӯбиё растании гармидӯст мебошад. Вай зиёда аз 200 намуд дорад, ки аз ин миқдор 20 намудашро дар хоҷагиҳои кишоварзӣ васеъ парвариш мекунанд. Намудҳои гуногуни зиёди лӯбиё дар минтақаҳои тропики, Осиё, Африқо ва Америка васеъ паҳн шудаанд. Лӯбиё пояи печону қаиш дорад. Хӯшагулаш аз 2- 4 гул иборат буда, гулҳояш сафед, гулобӣ ва бунафш мешаванд. Лӯбиё навъҳои зиёд дорад. Навъҳои гуногуни онро ба сифати растании техникӣ, хӯрокӣ ва ороишӣ истифода мебаранд.

Нахӯд растании яксола ва бисёрсола мебошад. Ҳамаги 30 намуди нахӯд маълум аст. Дар Тоҷикистон 17 намуди он вомехӯрад. Лекин фақат як намуди нахӯдро кишт мекунанд. Нахӯд почаи сершох дорад. Тухми нахӯд дар таркибаш 30% сафеда, 7% равған ва дигар модаҳои барои саломатӣ заруриро дорад [8].

Мақолаи мо ҳам, ки ба таҳқиқи бархе аз вижагиҳои парвариши лӯбиё ва нахӯд марбут аст, дар соҳаи биохимия таҷрибаи нахустини илмӣ ба ҳисоб меравад. Чунки то ба ҳол роҷеъ ба ин масъала, ба истиснои баъзе ишораҳои иҷтимоӣ асари мукаммали алоҳидае рӯйи кор наомадааст. Ба масъалаҳои асосие, ки дар мақола баррасӣ мешаванд, ба асосҳои илмии ташкил, иқтисод ва банақшагирии истеҳсолоти лӯбиё ва нахӯд, роҳу воситаҳои обёрӣ, ташхиси обҳо ва амсоли инҳо мансубанд. Инчунин дар мавридҳои лозимӣ дар мақола вобаста ба аҳамияти мавзуъ тасвир ва нақшаҳо ҷой дода шудааст, ки ба масъалаҳои мавриди пажуҳиш тақвият мебахшанд.

Мусаллам аст, ки яке аз бахши маводи соҳаи химия ва биохимияро металлҳои вазнин ташкил медиҳад. Бинобар ин, омӯзиш ва пажӯҳиши ин мавзӯъ яке аз масъалаҳои муҳим ва боарзиши соҳаи химия ва биохимия ба ҳисоб меравад. Сабаби асоси дар ҳамин аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи донишмандони соҳаро ба худ ҷалб намудааст ва роҷеъ ба ин масъала корҳои муфиду судманди илмӣ ба анҷом расидааст.

Бисёр металлҳои вазнин, аз қабили оҳан (Fe), мис (Cu), руҳ (Zn), молибден (Md), кадмий (Cd) дар равандҳои биологӣ иштирок мекунанд ва ба миқдори муайян микроэлементҳо мебошанд, ки барои фаъолияти растаниҳо, ҳайвонот ва одамон заруранд. Аз тарафи дигар, металлҳои вазнин ва пайвастаҳои онҳо метавонанд ба организми инсон таъсири зараровар расонанд, онҳо метавонанд дар бофтаҳо ҷамъ шаванд ва боиси як қатор бемориҳо шаванд. Металлҳое, ки дар равандҳои биологӣ нақши муфид надоранд, ба монанди сурб ва симоб, ҳамчун металлҳои заҳролуд муайян карда мешаванд. Баъзе элементҳо, ба монанди ванадий ё кадмий, ки одатан барои организмҳои зинда заҳролуд ҳастанд, метавонанд барои баъзе намудҳо муфид бошанд.

Дар таҷриба ба сифати намуна танҳо таъсири намакҳое, ки дар таркиби худ металлҳои вазнин доранд дар мисоли Cd, Cu, Zn ва монанди инҳо мавриди истифода қарор доштанд. Таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки нашъунамои маҳсулоти полезиву сабзавотӣ дар қиёси лӯбиё ва нахӯд бо обҳои гирду атрофи шаҳри Душанбе ба таъсири сабзиши тухмиҳо натиҷаи манфӣ доданд. Сабаби асоси натиҷаи манфӣ расонидан дар он инъикос меёбад, ки дар таркиби обҳои гирду атрофи шаҳр мавҷудияти намаки кадмий мебошад.

Биосфера қабати ҳаётии Замин буда таркиб сохт ва нерӯи он бо фаъолияти умумии организмҳои зинда муайян карда мешаванд [1, с. 2]. Таъсири кору фаъолияти инсон ва корхонаҳои бузурги саноатӣ ба биосфера дар мавридҳои зиёд сабаби мушкилоти экосистемаҳои сунъии дорои таркиби химиявӣ ба таври назаррас тағйир ёфта меистанд

[3]. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ чунин хусусиятро низ мо ба мушоҳида гирифтем. Дар қатори моддаҳои ифлоскунандаи таркиби химиявӣ дошта, аз ҷумла металлҳои вазнин (МВ) аз нуқтаи назари экологӣ, биологӣ ва тиббӣ - санитарӣ дорои аҳамияти махсус буда, металлҳои вазнин ба массаи нисбии атомиашон аз 40 ва зичиашон беш аз 5 г/см^3. мешаванд.Ҳамин тавр, ба андешаи муҳаққиқон барои таснифоти биологӣ на аз ҷиҳати зичӣ, балки дар асоси массаи атомӣ тақсим нумудани металлҳои вазнин (МВ) мувофиқи мақсад мебошад [4, с. 5]. Тибқи нишондод таҳлил ва сарчашмаҳои дигари илмӣ чунин ба мушоҳида мерасад, ки яке аз роҳу воситаҳои васеъ истифодашаванда, ин биоиндикатсия буда, роҷеъ ба арзёбии ҳолати муҳити зист мақоми вижаро доро мебошад.

Ба тақвияти андешаҳои муҳаққиқон илова кардан мумкин аст, ки бартарии асосии биоиндикатсия дар он ифода ё инъикос меёбад, ки роҳу воситаҳои номбурда имкон медиҳанд, новобаста аз таркиби моддаҳои ифлоскунанда таснифи токсикологии интегралии доруҳои табиӣ ба даст оварда шавад. Усули мазкур хеле сода ва дорои имконият буда, назар ба соҳаи дигар бартарӣ дорад, инчунин дар соҳа татбиқи амалии худро пайдо кардааст. Аз ин рӯ, бартарӣ ва вижагиҳои ин усулро ба инобат гирифта, мақсад гузоштем, ки имкониятҳои истифодаи тухмиҳои лӯбиё (оилаи лӯбиёгӣ) ва нахӯдро ба сифати биоиндикаторҳо барои баҳодиҳии фитотоксикии обе, ки таркибаш аз (МВ) металлҳои вазнин иборат мебошад, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳем.

Бинобар ин, барои иҷрои кор (расми 1) мо дар аввал оид ба нишондиҳандаи тағйирёбии хосиятҳои морфологӣ, дарозии решаҳои лӯбиё ва нахӯдро мавриди истифода қарор додем. Таҷриба дар зарфи (фарфори) Петри ва дар коғази филтрӣ амалӣ карда шуд. Шароити корӣ барои сабзиши тухмиҳо ҳудуди ҳароратҳои 20-25 ^{0}С ва ҷойи торик мавҷуд буд.



А Б

Расми 1. Тухм: А-лӯбиёи киштӣ; Б-нахӯди киштӣ

Дар давоми вақти таҷрибаи озмоишӣ, аз обҳои манбаъҳои мухталиф истифода намудем, ки аз чунин манбаъҳо иборатанд:

R_1 – барф аз обанбори “Маркази шаҳр”-дар ҳолати об шудани барф;

R_2 – барфи боғи “Завои семент”-дар ҳолати обшавӣ;

R_3 – оби чашмаи “Куҳи Мазор”;

R_4 – оби корезӣ (водоправод) доимо № 1

R_5 – оби контролӣ “оби муққатар”

Барои таснифи муқоисавӣ намунаҳои лӯбиё ва нахӯдро дар маҳлул бо консентротсияҳои муайяни намакҳои дорои таркибан (МВ) металлҳои вазнинтар шуда, гузошта шудаанд. Ба сифати намакҳои вазнин аз чунин намакҳо истифода кардем:

$$C_м(Cu\ SO_4 \cdot H_2O) = 0{,}1\%$$

$$C_м\ (CdCl_2 \cdot 2.5\ H_2O) = 0{,}1\%$$

$C_м$ ($ZnSO_4 \cdot 7\ H_2O$) = 0,1%

Қисми таҷрибавӣ. Таҷрибаи кории мо 120 соат яъне (5 рӯз) давом кард ва бо чен кардани дарозии решаҳои ҳамаи тухмиҳои сабзидашудаи лӯбиё ва нахӯд ба анҷом расид. Ҳангоми таҷриба муайян карда шуд, ки маҳлули намаки кадмий (0,1% $CdCl_2$ 2.5 H_2O) ба тухмиҳои лӯбиё ва нахӯд таъсири бештар зараровар расонид. Ҳангоми мушоҳидаҳо ошкор карда шуд, ки решаҳои тухмиҳои мазкур дар ҳамин муддат ба сабзиш майл накарданд. Дар ҳолатҳои нодир сабзиши тухм хеле заиф (ночиз) буд (дарозии решаҳо каме ба 0,2-0,25 см мерасид, аз тарафи дигар ниҳолҳо суст амал карда, тунук буданд). Ба ҳамин монанд ва ҳамин гуна вазъ дар намунаҳои тухмии (дар оби барф, оби назди "Заводи семент"-и ш. Душанбе) мушоҳида карда шуд, ки миқдори намаки кадмийро дар минтақаи интихобшуда (канори роҳ) нишон медиҳад (расми 2).



Расми 2. Намунаҳои нахӯд ва лӯбиё дар маҳлули намаки кадмий сабзида

Ҳангоми таъсири маҳлули намаки мис (0,1% $CuSO_4 \cdot H_2O$) ба тухмиҳои лӯбиё ва нахӯд таҷриба нишон дод, ки натиҷаи назаррас надорад. Аммо, баъзе тухмии лӯбиёгӣ сабзиданашон он қадар бад набуд. Таҷриба нишон дод, ки бо истифода аз маҳлули намаки рӯҳ (0,1% Zn $SO_4 \cdot 7H_2O$) натиҷаҳои хуб ба даст оварда шудаанд. Дар ин маврид ниҳолҳо кӯтоҳ буда, аммо ғафс ва сабзиши тухмиҳо ба 80 дар сад мерасид. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки ҳамаи ин натиҷаҳо аз муқовимати тухмиҳои лӯбиё ва нахӯд ба таъсири ками намакҳои таркибашон аз металлҳои вазнин иборат, буда, шаҳодат медиҳад. Дар ҷадвали 1 натиҷаҳои биотестӣ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Натиҷаҳои биотестӣ

Вақти сабзиш		Сарчашмаҳои об	Аломатҳо	Тухмҳо	
Лӯбиё	Нахӯд			Лӯбиё	Нахӯд
4	4	T_5	Дарозии решаҳо, см	1	1
			Сабзиш, %	100	100
4	4	T_4	Дарозии решаҳо, см	1	1
			Сабзиш, %	100	100
6	6	T_1	Дарозии решаҳо, см	0,2	0,2
			Сабзиш, %	Суст, заиф	Суст, заиф
			%	Борик (тунук) 60	Борик (тунук) 60
4	4	T_2	Дарозии реша, см	0,6-0,8	0,6-0,8
			Сабзиш, %	Намоёни ғафсшавӣ бо сабзиш, 70	Намоёни ғафсшавӣ бо сабзиш, 70
4	4	T_3	Дарозии реша, см	Кӯтоҳ, аммо ғафс	Кӯтоҳ, аммо ғафс
			Сабзиш, %	80	80

Намудҳои тухмии дар оби назди "Заводи семент"-и ш. Душанбе санҷидашуда ва оби чашмаҳо афзоиши сабзидан ҳудудан ба 70% мерасид, ки ин натиҷаи хуб буд. Дарозии решаҳо ба 0,6-0,8 см расид, дар ин маврид ниҳолҳо пур аз сабзаҳо намоён буданд. Намунаҳои тухмиҳои дар оби муққатар (дистилиятсионӣ) ва оби корезӣ натиҷаҳои назаррас ва беҳтарин доданд. Ниҳолҳо хеле барвақт намоён буданд, дар муқоиса (қиёс) бо дигар намунаҳо. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки дарозии ҳамаи решаҳо 1 см буданд ва

ҳеҷ гуна тағйироти морфологӣ ба назар намерасид, яъне 100% сабзидани тухмиҳо ошкор карда шуд. (расми 3).



А Б

Расми 3. Сабзиши тухм; А-нахӯд дар оби муққатар; Б-лӯбиё дар оби корезӣ

Биотест нишон дод, ки имконияти истифодаи тухмии оилаи лӯбиёгӣ ҳангоми баҳодиҳии сифати оби ифлос, ки дар таркиби он ионҳои металлҳои вазнин аст, мавриди таҳқиқ қарор гирад. Таҷриба нишон дод, ки аз ҳама бештар таъсири манфиро ба флораҳо намакҳои кадмий мерасонанд. Таъсири маҳлулҳои намаки мис ва рӯҳ ба тухмиҳои лӯбиё ва нахӯд тағйироти морфологиро ба вуҷуд наовард.Ҳамин тавр, аз таҳлилу таҳқиқ ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ дар бораи “Таҳқиқи обҳое, ки дар таркибашон металлҳои вазнин доранд, ки ба рушди лӯби ва нахӯд таъсири манфӣ мерасонанд” нишон дод, ки таъсири намакҳои таркиби МВ ба нашъунамои маҳсулоти полезиву сабзавотӣ, дар мисоли лӯбиё ва нахӯд бо обҳои гирду атрофи шаҳри Душанбе ба сабзиши тухмиҳо таъсири манфӣ доданд сабаби асосии натиҷаи манфӣ додани минтақаи интихобшудаи таҳқиқ нишонаи он аст, ки дар таркиби обҳои чашма ва обанбори “Маркази шаҳр”доштани намаки кадмий мебошад.Сабаби дигар шояд дар сардии обҳои ин минтақа бошад, чунки сарчашмаи онҳо аз обҳои барф ташкил меёбад. Чунки, лӯбиё растании гармидӯст аст, аз ин рӯ, сардии обҳо низ ба нашъунамои ин навъи растаниҳо таъсири манфии худро мерасонанд.

АДАБИЁТ

1. МЭСК — 2011. — [Электронный ресурс] Режим доступа. — URL: http://www.nsu.ru/conf/ecol/mesc2011/docs/IESC_2011.pdf (дата обращения 20.12.2021).
2. Руководство к лабораторным и практическим занятиям. [Электронный ресурс] —Режим доступа.— URL:http://elar.urfu.ru /bitstream/10995/1579/6/1333217_guide.pdf... (дата обращения 25.02.2022)
3. Ковалев В.М. Методологические принципы и способы применения рострегулирующих препаратов в растениеводстве / В.М.Ковалев, М.М. Янина //Аграрная Россия. Научно - производственный бюллетень №1 (2) – 1999. -С-10.
4. Гафуров Р.Г. Эффективные стресс-протекторы и ретарданты для двудольных, продовольственных и технических культур / Р.Г. Гафуров // Наука производству. -№8.-1999. – С. 39-44.
5. Платонова Н.А. Действие новых фито регуляторов, стресс протекторов на рост, развитие и продуктивность посевов гороха / Н.А.Платонова, Р.Г.Гафуров. Научное обеспечение производства зернобобовых и крупяных культур. Сб. научных трудов. Орел, 2004. - С. 291-296.
6. Гафуров Р.Г. Стратегия направленного химического синтеза фиторегуляторов и стресс-протекторов нового поколения и результаты их испытаний / Р.Г. Гафуров // Тезисы VI Международной конференции, «Регуляторы роста и развития растений в биотехнологии» МСХА, 2001.– С. 87.
7. A biological function for cadmium in marine diatoms. Lane TW, Morel FM.

8. Сайдали Султонов, Муқбил Нигмонов. “Ботаника” соли 2005.

ТАҲҚИҚИ ОБҲОЕ, КИ ДАР ТАРКИБАШОН МЕТАЛЛҲОИ ВАЗНИН ДОРАНД, КИ БА РУШДИ ЛӮБИ ВА НАХӮД ТАЪСИРИ МАНФӢ МЕРАСОНАНД

Омӯзиш ва пажӯҳиши обҳое, ки дар таркибашон металлҳои вазнин доранд, яке аз масъалаҳои муҳим буда, ба таъсири сабзиши растаниҳо алоқаи мустаҳкам доранд. Дар ин мақола ба сифати намуна танҳо таъсири намакҳои дар таркибашон металлҳои вазнин дошта, махсусан кадмий, рӯҳ, мис, ки дар нашъунамои лӯбиё ва нахӯд таъсири манфӣ мерасонанд дар қиёс бо обҳои гуногуни гирду атрофи шаҳри Душанбе, ки сарчашмаи онҳо барф ва обанбори "Маркази шаҳр" мебошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба риштаи таҳқиқ даромадааст. Бинобар ин, мушоҳидаҳои илмии минтақаи интихобшуда нишон дод, ки дар таркиби обҳои мавриди пажӯҳиш намаки кадмий ҷой дошта, барои сабзиш ва нашъунамои растаниҳо манфиатовар нестанд. Баръакс обҳои корезӣ, гармтаранд ба сабзиши тухмиҳо мусоидат мекунанд.

Калидвожаҳо: обҳои гуногун; металлҳои вазнин; маҳлули намакҳои дорои металлҳо вазнин; биосфера; экология; лӯбиё; нахӯд.

ИССЛЕДОВАНИЕ ВОД, СОДЕРЖАЩИХ ТЯЖЕЛЫЕ МЕТАЛЛЫ, ОТРИЦАТЕЛЬНО ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ ФАСОЛИ И ГОРОХА

Изучение и исследование вод, содержащих тяжелые металлы, является одним из важнейших вопросов и имеет тесную связь с влиянием на рост растений. В данной статье в качестве примера рассмотрено только влияние солей, содержащих тяжелые металлы, особенно кадмия, цинка, меди, отрицательно влияющих на рост фасоли и гороха, по сравнению с различными водами г. Душанбе, источник которых снег и водохранилище «Центр города»», были обсуждены и вошли в область исследования. Таким образом, научные наблюдения за выбранным регионом показали, что в составе исследуемой воды содержатся соли кадмия, неблагоприятные для роста и развития растений. С другой стороны, сточные воды теплее и более подходят для прорастания семен.

Ключевые слова: источник воды, тяжелые металлы, растворы солей, биосфера, экология.

THE STUDY OF WATERS CONTAINING HEAVY METALS THAT ADVERSELY AFFECT THE DEVELOPMENT OF BEANS AND PEAS

The study of waters containing heavy metals is one of the most important issues and is closely related to the effect on plant growth. In this article, as an example, only the effect of salts containing heavy metals, especially cadmium, zinc, copper, which adversely affect the growth of beans and peas, is considered, in comparison with various waters of Dushanbe, the source of which is snow and the reservoir "City Center"", have been discussed and entered into the scope of the study. Thus, scientific observations of the selected region showed that the composition of the studied water contains cadmium salts, which are unfavorable for the growth and development of plants. On the other hand, wastewater is warmer for seeds to germinate.

Key words: source of water, heavy metals, salt solutions, biosphere, ecology.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҷабзода Сироҷиддин*** **-** директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Телефон: **904-60-04-60.**
Нозимова Маъмура Саҳобиевна- Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **917-82-40-93.**

Сведение об авторах: ***Раджабзода Сироджиддин*** - Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, доктор химических наук, профессор, директор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон**. 904-60-04-60.**
Нозимова Маъмура Сахобиевна - Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **917-82-40-93.**

Information about the authors: ***Rajabzoda Sirojiddin*** - Research Institute of the Tajik National University, Doctor of Chemical Sciences, Professor, Director. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone. **904-60-04-60.**
Nozimova Mamura Sakhobievna **-** Research Institute of the Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **917-82-40-93.**.

ТДУ 631.1/635.5

ХУСУСИЯТҲОИ ПАРВАРИШИ МАЪСАР ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ ВОДИИ ҲИСОР ВОБАСТА БА ҶУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК

Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Нарзулоев Т. С.
Донишгоҳи аграрии Тоба номи ба номи Ш.Шоҳтемур,
Институти зироаткории АИКТ

Роҳҳои асосии зиёд намудани истеҳсоли равғани истеъмолии худӣ дар ҷумҳурӣ ин васеъ намудани майдони кишти зироати маъсар дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин, нимтаъмин ва ҳатто нотаъмин ва воситаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ тавассути мукаммалгардонии усулҳои технологияи парвариши он ба шумор меравад [1с. 3].

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи мо исбот намудааст, ки чуқурии коркарди хок ба санаҳои фарорасӣ ва давомнокии давраҳои нашъунамои маъсар таъсири зиёд расонидааст (ҷадвали 1). Пайдошавии майсаҳои маъсар дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) дар санаи 9 декабр, дар вариантҳои коркарди ҷуқурии хок аз 20 то 35 см аз 12 то 14 моҳи декабр ба қайд гирифта шудааст. Давомнокии давраҳои нашъунамои маъсар аз пайдоиши майсаҳо. то гулкунӣ вобаста аз вариантҳои коркарди хок аз 148 – 155 рӯз гулкунӣ – пайдошавии сабадча 13 – 16 рӯз ва пайдошавии сабадча – пухтарасиши дон 38-- 40 рӯзро ташкил намудааст. Давраи нашъунамои маъсар аз пайдоиши майсаҳо то давраи пухтарасиши он дар варианти назоратӣ – 203 рӯз ва дар вариантҳои ҷуқурии коркарди хок аз 208 то 211 рӯзро ташкил намудааст.

Ҷадвали 3.2.1. Санаҳои фарорасӣ ва давомнокии давраҳои нашъунамои маъсар вобаста аз чуқурии коркарди хок (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019 - 2021)


Чуқурии коркарди Хок, см	Санаҳои фарорасии давраҳои нашъунамо				Давомнокии байни давраҳо ва нашъунамо, рӯз			
	Пайдоиши майсаҳо	Гулкунӣ	Пайдоиши сабадча	Пухтарасиши дон	Пайдоиши майсаҳо-гулкунӣ	Гулкунӣ-пайдоиши сабадча	Пайдоиши сабадча-пухтарасиши дон	Давомнокии давраи тараққиёт
Назоратӣ (бе коркарди хок)	09.12	06.05	20.05	30.06	148	14	41	203
20	12.12	13.05	28.05	08.07	152	15	41	208
25	12.12	14.05	29.05	09.07	153	15	41	209
30	13.12	17.05	02.06	12.07	155	16	40	211
35	14.12	18.05	03.06	13.07	155	16	40	211

Дар байни вариантҳои омӯзишӣ, дар ҳама давраҳои нашъунамо аз ҳама растаниҳои қадбаланди маъсари навъи Шифо дар санаи 20 июн ба қайд гирифта шудааст. Бо муқоиса нисбат ба варианти назоратӣ (бе коркарди хок) дар ин давра баландии қади ниҳолҳои маъсар дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см – 10,4; 25 см – 14,4; 30 см – 21,0 ва дар чуқурии 35 см – 18,1 см зиёд гардидааст.

Растаниҳои қадбаланди маъсар дар ҳама санаҳои бақайдгирӣ дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар вақти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба вуҷуд омадааст.

Ҳосили баланди массаи хушки биологии маъсар дар давраи пухтарасиши дон ба вуҷуд омадааст. Дар ин давра дар вақти истифода намудани коркарди хок дар

чуқурии 20 см ҳосили массаи хушки маъсар нисбат ба варианти назоратӣ – 24,8; дар чуқурии 25 см – 31,6; 30 см – 39,2 ва 35 см – 35,0 с/га зиёд шудааст (расми 1). Аз натиҷаи таҷрибаҳои саҳроии гузаронидашудаи мо, чунин хулоса намудан лозим меояд, ки ҳосили баланди массаи хушки маъсар дар ҳама марҳилаҳои нашъунамо ва тараққиёт дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба даст оварда шудааст. Бартарии ҳосил дар ин сурат нисбат ба варианти назоратӣ – 39,2 с/га ва нисбат ба дигар вариантҳои коркарди хок аз 4,3 то 14,4 с/га ташкил намудааст.



Расми 1. Ҷараёни ташаккулёбии массаи хушки маъсар дар давраҳои нашъунамо вобаста аз чуқурии коркарди хок, с/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021).

Коркарди чуқурии хок масоҳати сатҳи барги маъсарро дар давраи гулкунӣ нисбат ба варианти назоратӣ аз 2,8 то 6,6 ҳаз.м^2/га, дар давраи пайдоиши сабадча аз 5,1 то 11,3 ва дар давраи пухтарасиши дон аз 4,4 то 9,5 ҳаз.м^2/га зиёд намудааст (ҷадвали 2.)

Масоҳати максималии сатҳи барги маъсар дар ҳама давраҳои нашъунамо ва тараққиёт дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба амал омадааст. Бояд қайд кардан лозим аст, ки масоҳати сатҳи барг бо мурури зиёд намудани чуқурии коркарди хок то 30 см дар ҳама зинаҳои тараққиёт боло рафтааст. Вале, дар ҳолати зиёд намудани коркарди чуқурии хок то ҳудуди 35 см афзоиши масоҳати барг рӯ ба таназзул овардааст.

Дар асоси нишондодҳои фаъолияти фотосинтетикии маъсар ба чунин хулоса омадем, ки ҳосилнокии анбӯҳи сабз дар варианти назоратӣ ба 365,3 с/га массаи хушки биологии маъсар ба 84,4 с/га баробар шуда ва нисбат ба вариантҳои коркарди хок мутаносибан аз 48,4 то 102,2 ва аз 22,6 то 37,2 с/га кам гардидааст. Ин ҳосил массаи биологии маъсар дар вақти ташаккулёбии аз 28,0 то 38,4 ҳаз.м^2/га масоҳати барг ба вуҷуд омадааст.

Ҷадвали 2. Ҷараёни ташаккулёбии масоҳати сатҳи барги маъсар дар давраи нашъунамо вобаста аз чуқурии хок, ҳаз.м²/га

Чуқурии коркарди хок,см	Давраҳои нашъунамои маъсар			
	Шонабандӣ	Гулкунӣ	Пайдоиши сабадча	Пухтараси ш
Назоратӣ (бе коркарди хок)	4,3	12,6	28,3	26,4
20	5,4	15,4	33,4	30,8
25	6,0	16,3	35,8	33,1
30	6,3	19,2	39,6	35,9
35	6,3	18,7	38,8	34,0

Иқтидори фотосинтетикии маъсар вобаста аз чуқурии коркарди хок аз 20 то 30 см аз 1,880 то 2,010 ҳаз.м²/га х рӯз афзудааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ аз 260 то 390 ҳаз.м²/га х рӯз зиёд мебошад. Дар ҳолати зиёд намудани чуқурии хок то ҳудуди 35 см иқтидори фотосинтетикӣ нисбат ба чуқурии 30 см коҳиш ёфтааст.

Маҳсулнокии тозаи фотосинтез дар вариантҳои чуқурии хок нисбат ба варианти назоратӣ 0,17 то 0, 37 г/м² х рӯз ва КТМ РФФ 0,19 то 0,41 % зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Дар байни вариантҳои омӯхташуда ҳосилнокии баланди анбӯҳи сабз (493 с/га) ба ҳисоби миёна дар 3 сол дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ – 135 с/га ва нисбат ба варианти дуюм-70 с/га; сеюм-44 с/га ва нисбат ба панҷум вариант 12 с/га зиёдро ташкил намудааст (ҷадвали 3). Чунин таносуб дар зиёдшавии ҳосили хушки маъсар дар байни вариантҳои омӯзишӣ низ мушоҳида гардид.

Дар натиҷаи таҷриба маълум гардид, ки вобаста аз вариантҳои коркарди чуқурии хок миқдори воҳиди хӯрокаи маъсар аз 75,2 то 103,2 с/га ва миқдори протеини ҳазмшаванда аз 10,9 то 14,8 с/га ташкил кардааст.


Ҷадвали 3. Ҳосилнокии анбӯҳи сабз ва хушк ва сифатнокии хӯрокаи маъсар вобаста аз чуқурии коркарди хок, с/га

Чуқурии коркарди хок	Анбӯҳи сабз			Ба ҳисоби миёна дар 3 сол	Массаи хушк	Воҳиди хӯрока	Протеини ҳазмшаванда
	2019	2020	2021				
Назоратӣ (бе коркарди хок)	385	364	326	358	80,1	75,2	10,9
20	430	450	390	423	104,9	88,8	12,7
25	477	442	430	449	111,7	94,3	13,4
30	493	515	470	493	119,3	103,2	14,8
35	480	522	440	481	115,0	100,8	14,0

Коркарди босифати хок яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани ҳосилнокии маъсар ба шумор меравад. Натиҷаи таҳлили нишондоҳои расми 2. исбот менамояд, ки дар варианти назоратӣ ҳосилнокии дони маъсар ба ҳисоби миёна ба 15,2 с/га (вобаста ба солҳои омӯзишӣ аз 13,4 то 16,3 с/га) баробар шудааст. Дар сурати зиёд намудани чуқурии коркарди хок аз 20 то 30 см ҳосилнокии афзоиш ва дар ҳолати чуқурии хокро то ҳудуди 35 см расонидан коҳиш ёфтааст.

Таҷрибаҳои мо нишон доданд, ки дар байни вариантҳои омӯзиши ҳосили баланди дони маъсарро 22,7 с/га дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см ба даст оварда шудааст. Дар ин ҳолат, бартарии ҳосили дони маъсар нисбат ба

варианти назоратӣ - 7,5 с/га ё 33,0%; нисбат ба дигар вариантҳои чуқурии коркарди хок - 0,7-4,5 с/га ё 3,1 – 19,8% - ро ташкил кардааст (расми 2).\



Расми 2. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҳосилнокии дони маъсар, с/га

АДАБИЁТ

1. Норов М.С. Сафлор - ценная кормовая культура / М.С.Норов, М. Шукуров // Сельское хозяйство Таджикистана. 1978, -№4. – С. 8-11.
2. Норов М.С. Возделывание сафлора на семенные цели в условиях богары Гиссарской долины / М.С. Норов // Сельское хозяйство Таджикистана. – Душанбе, 1989. - №7. – С. 8-9.
3. Нарзулоев Т.С. Парвариши маъсар дар заминҳои лалмӣ / Т.С.Нарзулоев, Д.Б. Бегназаров. - Душанбе, 2018. - 25с.

ХУСУСИЯТҲОИ ПАРВАРИШИ МАЪСАР ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ ВОДИИ ҲИСОР ВОБАСТА БА ЧУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК

Мақолаи мазкур доир ба омӯзиши махсулнокии маъсар вобаста аз коркарди чуқурии хок равона шудааст. Дар натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ, ченаку ташхисҳои хоку растанӣ таъсири коркарди чуқурии хок ба тараққиёт, нашъунамо, массаи биологӣ, масоҳати барг ва махсулнокии маъсар муайян карда шуд. Давраи нашъунамои маъсар аз пайдоиши майсаҳо то давраи пухтарасиши он вобаста аз вариантҳои омӯзиши аз 203 то 211 рӯзро ташкил кардааст. Масоҳати максималии сатҳи барг, иқтидори фотосинтетикӣ, сохтори босифати таркиби ҳосил ва ҳосили баланди дони маъсар - 22,7 с/га дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см ба амал омадааст.

Калидвожаҳо: маъсар, инкишоф, нашъунамо, массаи биологии сабз ва хушк, масоҳати барг, иқтидори фотосинтетикӣ, сохти таркиби ҳосил, ҳосилнокӣ.

ОСОБЕННОСТИ ВЫРАЩИВАНИЯ САФЛОРА НА БОГАРНЫХ ЗЕМЛЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ГЛУБИНЫ ОБРАБОТКИ ПОЧВЫ

Данная статья посвящена изучению продуктивности сафлора в зависимости от глубины обработки почвы. На основании проведённых наблюдений, учета и анализа, установлено значительное влияние глубины обработки почвы на продолжителность развития, увеличение биомассы, площадь листовой поверхности, структуру урожая и, в конечном итоге, на повышение урожайности зерна сафлора. Максимальная площадь листовой поверхности, фотосинтетический потенциал, наилучшие показатели структуры растения и высокий урожая зерна сафлора, среди изучаемых вариантов, были достигнуты при глубине обработки почвы – 30см (22,7 ц/га.).

Ключевые слова: сафлор, рост, развитие, биомасса, площадь листьев фотосинтетический потенциал, структура урожая и урожай зерна.

PECULIARITIES OF GROWING SAFFLOWER ON THE RAINFED LANDS OF TE GISSAR VALLEY DEPENDING ON THE DEPTH OF SOIL TREATMENT

This article is devoted to the study of safflower productivity depending on the depth of tillage. Based on the observations, records and analyzes, a significant effect of the depth of tillage on the duration of development, an increase in biomass, leaf surface area, crop structure, and, ultimately, an increase in the yield of safflower grain, was

established. The maximum leaf surface area, photosynthetic potential, the best indicators of plant structure and the highest yield of safflower grain among the studied options were achieved at a tillage depth of 30 cm (22.7 c/ha).

Key words: safflower, growth, development, biomass, leaf surface area, photosynthetic potential, crop structure, and grain yield.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Набиев Толиб Набиевич*** **–** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 935-03-52-18.**

Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич **–** Донишгоҳи арарии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, докторант. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: **salim.5555_s@mail.ru** Телефон: **(+992) 554-5555-19.**

Нарзулоев Тош Садулоевич – Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳанда. **Суроға:** 735022 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ҳисор, кучаи Дӯстӣ 1, Телефон: **(+992) 903-33-96-80**, E-mail: **tosh.59@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Набиев Толиб Набиевич*** **–** Таджикский аграрный университет имени Ш. Шохтемура, доктор сельскохозяйственных наук, профессор **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: **(+992) 935-03-52-18.**

Солихов Махмадсалим Махмадуллоевич **–** Таджикский аграрный университет имени Ш. Шохтемура,докторант **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146, Телефон: **(+992) 554-5555-19**. E-mail: **salim.5555_s@mail.ru**

Нарзулоев Тош Садулоевич **–** Институт земледелия Таджикской академии сельскохозяйственных наук, доктор сельскохозяйственных наук, заведующий отделом масличных культур **Адрес:** 735022, Республика Таджикистан, город Гиссар, поселок Шарора, улица Дусти, 1, Телефон: **(+992) 903-33-96-80**, E-mail: **tosh.59@mail.ru**

Information about the authors: ***Nabiev Tolib Nabievich*** **-** Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur, Doctor of Agricultural Sciences, Professore. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146. Phone**: (+992) 935-03-52-18.**

Solihov Mahmadsalim Mahmadulloevich - doctoral student of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur, **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146, Phone: **(+992) 554-5555-19**. E-mail: **salim.5555_s@mail.ru**

Narzuloev Tosh Saduloevich - Doctor of Agricultural Sciences, Institute of Agriculture of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, **Address:** 735022, Republic of Tajikistan, Gissar, Shaarora village, Dusti street 1, Phone**(+992) 903-33-96-80**. E-mail: **tosh.59@mail.ru**

УДК 581.132.2

ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОФИЗИОЛОГИИ ГЕНОТИПҲОИ ПАХТА

Ҳамидов Х.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳолати вазифавии барг бо хусусиятҳои сохтории он зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, омӯзиши мезоструктураи дастгоҳи фотосинтетикӣ метавонад ҳосилнокии намуд ва навъҳои гуногуни растаниро вобаста ба таносуби нишондиҳандаҳои вазифавии он ошкор намояд [10, с. 12] Дар ҳамин асос омӯзиши хусусиятхои морфофизиологии навъҳо ва навъхатҳои пахта мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Мавод ва усулҳои тадқиқот: Барои ҳалли вазифаҳое, ки дар тадқиқот ба миён гузошта шудаанд, навъҳои пахтаи миёнанах G.hirsutum L. Ҳисор, Меҳргон ва навъхатҳои ояндадори Л—15 ва Л—53 (аз намунаҳои ноҳиябандишудаи Институти хоҷагии қишлоқи Академияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон) истифода мешуданд. Интихоби объектҳо тасодуфӣ набуд ва ба омӯзиши қаблии онҳо, бо ҳосилнокии максималии контраст асос ёфтааст. Бо усули омӯзиши сатҳи масоҳати барг бо роҳи чен кардани дарозӣ ва паҳноии ҳар як барг ва сипас зарб задани онҳо ба коэффисиенти ислоҳкунандаи 0,707 [1, с.10] муайян карда шуд. Сатҳи умумии ассимилятсионӣ аз рӯйи формулаи зерин муайян карда шуд: СУА=LxDxNxK, ки дар ин ҷо L - дарозии баргҳо, D - паҳноии баргҳо, N - шумораи баргҳои растаниҳо, 0,318 - коэффисиенти ислоҳкунӣ. Зичии хосси сатҳи бофтаҳои паҳнаки барг (мг/см2) бо формулаи зерин муайян карда мешавад: ЗХСБ = M/Sx100, ки дар ин ҷо M- массаи моддаи хушки барг, мг; S - масоҳати барг. Омӯзиши ташаккули сатҳи барг дар навъҳои таҳқиқшаванда дар ҳамаи давраҳои инкишофи пахта гузаронида шуд. Дар байни нишондихандаҳои морфофизиологии нашъунамои барг дар онтогенези растанӣ зичии хосси сатхи баргҳо (ЗХСБ) мавқеи муҳимро ишғол мекунад [2].

Фаъолияти фотосинтетикии баргҳо аз рӯйи андозаи сатҳи азхудкунанда ва давомнокии кори он, бо фаъолияти вазифавии дастгоҳи фотосинтетикӣ муайян карда мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 1, навъҳо ва навъхатҳои таҳқиқшуда аз рӯйи хусусияти нашъунамои сатҳи барг фарқ мекунанд. Дар ҳамаи навъҳо ва навъхатҳо сатҳи барг пай дар пай зиёд шуда, дар охири давраи гулкунӣ ва ҳосилдиҳи ба андозаи максималии худ мерасад ва дар охири давраи нашъунамо кам мешавад.

Ҷадвали 1. Динамика ва суръати сатҳи майдони барг дар генотипҳои пахта (ЗХСБ (зичии хосси сатҳи баргҳо), дм²/ниҳол)

Навъҳо ва навъхатҳо	Давра инкишофи растанӣ				
	5-6 барги ҳақиқӣ	Шонабандӣ	Гулкунӣ	Мевабандӣ	Пухтарасӣ
1. Ҳисор	0.30+0.07	3.8+0.82	15.3+2.8	27.3+3.2	22.2+3.2
2. Меҳргон	0.32+0.07	3.6+0.62	13.1+1.9	24.2+1.3	20.3+1.2
3. Л-15	0.30+0.09	4.2+0.68	17.2+2.3	27.1+1.5	24.9+1.0
4. Л-53	0.29+0.03	3.7+0.90	16.4+2.6	26.3+2.3	23.5+1.4

Ин намуна бо пиршавӣ, хушк ва афтидани баргҳои қабатҳои поёнӣ дар охири марҳилаи пухтан алоқаманд аст. Нишондиҳандаи умумии нашъунамои сатҳи азхудкунанда барои ҳамаи намунаҳои пахта як хел мебошад. Бо вуҷуди ин, онҳо аз рӯйи андозаи максималии сатҳи ассимилятсия фарқ мекунанд (Ҷадвали 1). Бояд гуфт,

ки навъҳои Ҳисор ва Л-15 аз ҷиҳати масоҳати максималии сатҳи азхудкунанда аз ҳамдигар фарқ намекунанд (27 дм^2/нихол), вале аз ҷиҳати ҳосили пахтаи хом г/ниҳол фарқ доранд. Индекси ҳосилнокии навъи «Ҳисор» 69,1 грамм, дар навъхати Л-15 47 грамм аст. Аммо, дар навъи Меҳргон ҳолати баръакс мушоҳида мешавад, яъне майдони 24,2 дм^2/ниҳол. 53 грамм ҳосили азхудкунии рӯйи замин пахтаи хоми ҳар як растанӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар байни ЗХСБ (зичии хосси сатҳи баргҳо) ва шиддати фотосинтез на ҳамеша таносуби мусбат мавҷуд аст ва дар байни нишондиҳандаҳои шиддатнокии фотосинтез дар як воҳиди барг ва ҳосили пахтаи хоми тамоми бутта таносуби мусбат ба андозаи бештар зоҳир мешавад.

Мувофики қоидаҳои асосии назарияи ҳосилнокии фотосинтетикӣ андозаи сатҳи ассимилятсия яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи дараҷаи ҳосилнокӣ мебошад. Аммо, муқаррар шудааст, ки хусусияти мусбии таносуби маҳсулнокии фотосинтетикӣ ва ҳаҷми майдони барг танҳо то ба андозаи муайяни майдони барг мушоҳида мешавад [7].


Мувофиқ ба маълумоти дар адабиётҳо мавҷудбуда, дар навъҳои гуногуни растанӣ гузариши баргҳо барои ҷараёни CO_2 низ бо ВМСЗБ (вазни мушаххаси сатҳи зичии барг) мусбӣ алоқаманд аст [10].

Чунин робита бо он шарҳ дода мешавад, ки бо зиёд шудани ВМСЗБ сатҳи умумии мезофилл зиёд мешавад ва аз сабаби алоқаи бештар бо молекулаҳои CO_2 муқовимати он кам мешавад [6].

Илова бар ин, коҳиши муқовимати қабати мезофилии барг метавонад аз сабаби фаъолияти бештар ва миқдори зиёди ферментҳои карбоксилизатсияи давраи Калвин бо афзоиши зичии баргҳо мувофиқ бошад [4, с.10].

Муайян кардани робитаи байни хусусиятҳои физиологӣ ва хусусиятҳои анатомию морфологии растаниҳо вазифаи муҳимми методологӣ мебошад. Яке аз ин нишондиҳандаҳо зичии хосси сатҳи баргҳо (ЗХСБ) мебошад, ки бо вазни хушки сатҳи воҳиди барг тавсиф мешавад ва то андозае нишондиҳандаи ҷудонашавандаи ташкили мезоструктураи он шуда метавонад [10, 13, 14,]

Чуноне, ки дар расм дида мешавад. Аз рӯйи маълумотҳои чадвали 2 зичии хоси сатҳи баргҳо (ЗХСБ) дар ҳамаи навъҳои пахта дар вақти онтогенез зиёд мешавад. Инчунин аз расм дида мешавад, ки тағйирот дар ВМСЗБ ҳангоми онтогенез барои навъҳои гуногун ҳолати дигарро доранд. Ҳамин тариқ, ВМСЗБ ба ҳисоби миёна аз 0,72 то 0,98 г/дм^2 меафзояд. Навъҳои Меҳргон, Ҳисор ва Л-65 бо баландтарин ВМСЗБ мутаносибан 0,90 фарқ карданд; 0,88 ва 0,87 г/дм2. Ба навъҳои омӯхташудаи пахта низ муносибати манфии ВМСЗБ ва ЗХСБ хос аст, ки ин дар даврaҳои хосилдиҳи ва пухта расидани мева равшан зоҳир мегардад. Натиҷаи омӯзиш нишондод, ки миқдори ассимилятҳо барои баргҳои борик бо ВМСЗБ паст ва ЗХСБ калон ё барои ташаккули баргҳои ғафс бо ВМСЗБ баланд ва ЗХСБ хурдтар истифода бурдан мумкин аст [10, с.14]. Натиҷаҳои омӯзиши мо ба маълумоти адабиётҳо мувофиқанд.



Расми 1. Тағйироти онтогенетикии ВМСЗБ дар навъхатҳо ва навъҳои пахта.

Солҳои охир, олимони зиёд [5, 8, 9] ба хулосае омадаанд, ки байни муқовимати мезофилл ва ВМСЗБ дар пахта танҳо то давраи ҳосилдиҳӣ робита вуҷуд дорад. Дар марҳилаи рушд афзоиши назарраси ВМСЗБ дар пахта, баръакс, боиси ба таври назаррас коҳиш ёфтани муқовимати мезофилӣ гардид [9]. Дар асоси ин кам шудани шиддати фотосинтез дар навъҳо ва навъхатҳои пахта дар давраи пухтарасӣ бо паст шудани фаъолияти ферменти карбоксилшави аз сабаби зиёд шудани муқовимати мезофилии барг дар ин давра ва зиёд шудани муқовимат ба он алоқаманд аст.

Таҳлили коррелятсионие, ки мо анҷом додем, робитаи мусбати байни ВМСЗБ ва шиддатнокии фотосинтезро дар навъҳо ва навъхатҳо дар марҳилаи гулкунӣ (г = + 0,61) ва мевадиҳӣ (г = + 0,50) нишон дод. Алоқаи манфии байни ВМСЗБ ва шиддатнокии фотосинтез дар давраи пухта расидани ғузаҳо коэффисиенти коррелятсия г = -0,33 тавсиф карда гардид.

Аммо, аксар вақт дар адабиёт истисноҳо аз ин қоида вуҷуд доранд. Як катор муаллифон [10,14] чунин мешуморанд, ки камшавии ВМСЗБ метавонад хусусияти мусбати генотип бошад, ки ин имкон медихад, ки фотоассимилатҳо барои ташаккули сатҳи калони ассимилятсия сарфакоронатар истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардашуда нишон медиҳанд, ки барои муайян кардани сабабҳои фарқи ҳосилнокии генотипҳои гуногуни пахта муайян кардани танҳо ЗХСБ, ВМСЗБ ва шиддатнокии фотосинтез нокифоя аст.

Маълум аст, ки шиддатнокии фотосинтез ба воҳиди сатҳи барг ҳисоб карда мешавад, ҳам аз рӯйи фаъолият ва ҳам аз рӯйи консентратсияи элементҳои сохтории барг, ки бо иштироки онҳо азхудкунии CO_2 сурат мегирад.


Муқаррар карда шудааст, ки дар бисёр мавридҳо тағйир ёфтани шиддати фотосинтез на танҳо аз ҳисоби тағйир ёфтани миқдори хлоропластҳо дар як майдони воҳиди барг, балки аз ҳисоби тағйир ёфтани фаъолияти як хлоропласт низ ба амал меояд [14].

Муайян кардани параметрҳои мезоструктура нишон дод, ки навъҳо ва навъхатҳои тадқиқшуда аз ҷиҳати мазмуни хлоропластҳо ва фаъолияти фотосинтетикии як хлоропласт фарк мекунанд (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Хусусиятҳои мезоструктурии навъҳо ва навъхатҳои пахта

Навъ ва навъхатҳо	Шумораи хлоропластҳо дар ҳуҷайра.	Шумораи ҳуҷайра 10^6 ҳуҷайра. дм$^{-2}$	Шумораи хлоропластҳо 10^9 хлп.дм$^{-2}$.	Шумораи хлоропластҳо 10^9 хлп. дар растанӣ.
1. Ҳисор	27 ± 1.3	175 ± 0.8	4.7 ± 0.8	126.1 ± 1.8
2. Меҳргон	25 ± 1.6	183 ± 1.5	4.6 ± 1.4	110 ± 2.1
3. Л-15	26 ± 2.9	169 ± 1.3	4.4 ± 1.2	118 ± 1.3
4. Л-53	28 ± 2.6	171 ± 2.4	4.8 ± 1.6	124 ± 2.6


Навъҳои Ҳисор ва Л-53 аз дигар шаклҳои омӯхташуда бо миқдори хлоропластҳо дар як растани фарқ мекунанд. Дар баробари ин дар навъҳои Меҳргон ва Л-53 (Меҳргон — 7 мг CO_{2*} 10—9* соат ва Л-53 — 6,7 мг CO_{2*} 10—9* соат) фаъолияти баланди як хлоропласт мушоҳида карда мешавад.



Расми 2. Шиддатнокии фотосинтез бо усулҳои гуногуни дар навъхо ва навъхатҳои пахта.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки фарқияти фаъолияти фотосинтетикӣ дар як воҳиди баргҳо ва тамоми буттаҳо дар генотипҳои гуногун, ки аз рӯйи ҳосилнокӣ фарқ мекунанд, ҳам аз тағирёбии шумораи пластидҳо дар як воҳиди майдон ва ҳам аз тағйирёбии фаъолияти як воҳиди хлоропласт дар баргҳо вобастаанд. (расми 2).

Натиҷаҳои оид ба навъҳо ва навъхатҳои пахтаи тадқиқшуда шаҳодат медиҳанд, ки дар байни намунаҳо аз рӯйи аломатҳои морфофизиологӣ дар шиддатнокии фотосинтез тафовути васеи фенотипӣ мавҷуд аст. Дар мавридҳо зиёди фарқиятҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим байни шиддатнокии фотосинтез, ВМСЗБ ва шумораи хлоропластҳо дар пахта пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, зиёд будани миқдори хлоропластҳоро дар як воҳиди баргҳо дар навъҳои Ҳисор, Л-53 ва Меҳргон нисбат ба навъхати Л-15, эҳтимолан бо зиёд шудани шумораи марказҳои реаксия шарҳ додан мумкин аст, ки ин боиси зиёд шудани азхудкунии самараноки CO_2 мегардад. Натиҷаҳои бадастомада оид ба дараҷаи хлоропласти воҳиди сатҳи баргҳои азхудшаванда бо зиёд шудани платои кӣ нури фотосинтез дар навъҳои Ҳисор ва Л-15 мувофиқат мекунанд (расми 3).




Расми 3. Хати каҷи равшании фотосинтетикии навъҳои пахта ва навъхатҳо дар нишондиҳандаи CO_2 (2500 ppm).

Чунон, ки аз расми 3 дида мешавад, хатто дар дараҷаи пасти равшанӣ навъҳои сермаҳсули Ҳисор ва Л-53 CO_2-ро ба худ мегиранд. Ин хусусият метавонад бо кори фаъоли ферментҳои мубодилаи карбон фотосинтетикӣ алоқаманд бошад.

Солҳои охир ориентатсияи умумӣ ба омӯзиши муқоисавии ҳаматарафаи хусусиятҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва морфологии навъҳое, ки аз ҷиҳати ҳосилнокии барвақт ва ҳосилхезӣ ба ҳам зид мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки типи морфофизиологӣ ва ноҳиябандии растаниро аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок кунанд самти асосии селексияи он таҳия карда шавад.

Барои муфассал аниқ кардани байни намуна ва хусусиятҳои морфо-биологии он дар намунаҳое, ки генотипҳои ҳам барвақт ва ҳам миёна- дерпазро дар бар мегиранд, таҷрибаҳои махсус гузаронида шуданд. Ҳамчун ченаки барвақтии намуна, давомнокии давраи сабзиш (ДДС) то 50% расиши куракҳо истифода шудааст (расми 4).

Тавре, ки аз расми 3 дида мешавад, намунаҳои пахтаи бармаҳалпази Ҳисор, Мехргон ва Л-53, ки давраи вегетатсияашон 108-112 рӯз аст, бо арзишҳои миёнаи мавсими шиддатнокии фотосинтез 30,2-32,2 мг CO_2/дм$^{-2}$ соат$^{-1}$. тавсиф шудааст. Ин навъҳо ва навъхатҳо инчунин бо афзоиши фаъолнокии фотосинтези тамоми бутта нисбат ба Л-15-и миёнапазӣ фарқ мекарданд (ҷадвали 2). Дар намунаҳои барвақт пухтарасии Ҳисор, Мехргон ва Л-53 шиддати баланди фотосинтез ба фаъолияти баланди як хлоропласт (6,7—7,1 мг CO_2*10^{-9} хлп*соат$^{-1}$) вобаста буд. Дар Л-15 миёнапазӣ фотосинтези як хлоропласт, -6,0 мг CO_2 * 10^{-9} хлп*соат$^{-1}$, назар ба барвақт пухтааст камтар дошт.



Расми 4. Муҳлати нашъунамои навъҳо ва навъхатҳои пахта

Дар байни баланд шудани фаъолияти вазифавии хлоропласт, зиёд шудани кашондани маҳсулоти фотосинтез ба баргҳо ва суръати инкишофи пояи асосии пахта алоқаи мусбат қайд карда шуд (расми 5).



Расми 5. Баландии пояи асосии навъҳо ва навъхатҳои пахта дар давраи пухтан

Аз ин рӯ, фаъолияти баланди фотосинтезии тамоми бутта ба нашъунамо ва нашъунамои навъҳо ва навъхатҳои пахта таъсир расонд. Чунонки аз расмхои 4 ва 5 дида мешавад, шаклҳои тадқиқотӣ аз рӯйи баландии пояи асоси фарқ мекунанд. Баландтарин растаниҳо дар навъҳои Ҳисор, Меҳргон ва Л-53 (120-130 сантиметр) ба вуҷуд омадаанд.

Таносуби ҳосилшуда байни параметрҳои фотосинтетикӣ ва барвақт пухта шудани генотип низ қаблан дар адабиёт [10] барои як қатор зироатҳо қайд карда шуда буд.

Ҳамин тавр, алоқаи нишондиҳандаҳои фотосинтез бо чунин хусусиятҳои аз ҷиҳати иктисодӣ муҳим, монанди барвақт пухта расидан ва хосилнокӣ барои дар селексия истифода бурдани хусусиятҳои фотосинтетикӣ имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меоварад. Баланд шудани шиддатнокии фотосинтез ва фаъолияти хлоропластҳо барои парвариши навъҳои барвақти пахта муфид буда метавонад. Аз ин рӯ, дар коре, ки ба баланд бардоштани бармахал ва устувории пахта нигаронида шудааст, бояд аз рӯйи нишондиҳандаҳои пештар нишон додашуда зиёд шудани самараи генотипҳои интихобшуда ба назар гирифта шавад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев Х.А. Индексы фотосинтеза в селекции хлопчатника / Х.А.Абдуллаев, Х.Х. Каримов. – Душанбе: Дониш, 2001. -267с.
2. Абдуллаев Х.А. Физиологическая генетика фотосинтеза и продуктивность растений: автореф. дисс. д-ра биол. наук / Х.А. Абдуллаев. -Душанбе, 1990. -53с.
3. Гуляев Б. И. Количественные основы взаимосвязи фотосинтеза, роста и продуктивности растений: автор... дис. д-ра биол, наук / Б. И. Гуляев. -Киев, 1983.-49с.
4. Каллис А. Связь фотосинтеза и проводимости CO_2 с удельной плотностью листьев и селекция сортов с максимальной продуктивностью / А.Каллис, Сыбер, Х.Томинг // Экология, 1974.-№2.-С.2-12.
5. Каспарова И.С. Эпигенетическая регуляция фотосинтети-ческой ассимиляции CO_2 у хлопчатника: автореф. на соис. кан биол. наук / И.С. Каспарова. -Душанбе, 2006. -25с.
6. Лайск А. Х. О моделировании продукционного процесса растительного покрова / А. Х.Лайск, Х.Молдау, Т.Нильсон, Ю.Росс, Х. О. Тооминг // Ботанический журнал. 1971, 56, -№6. – С. 761- 776.
7. Ничипорович А. А. Физиология фотосинтеза и продуктивности растений / А.А.Ничипорович // Физиология фотосинтеза. -М.: Наука,1982. -С.7-33.
8. Расулов В.Х. Зависимость интенсивности фотосинтеза различных видов хлопчатника от удельной поверхностной плотности листа / В.Х.Расулов, К. А. Асроров // Физиология фотосинтеза. - М.; Наука, 1982. - С. 27-283.
9. Расулов Б. Х. Регуляция фотосинтетического CO_2-газообмена в интактных листьях хлопчатника: дисс… д-ра. биол. наук (науч. док.) / Б. Х. Расулов. -Душанбе, 1994. -68 с.

10. Хамидов Х.Н. Адаптационные особенности функционирования фотосинтетического аппарата у различных генотипов хлопчатника: автореф. дисс … канд. биол. наук / Х.Н. Хамидов. – Душанбе, 2012. – 100с.
11. Якубова М. М., Усамнова О. В., Юлдошев Х. Ю., Хамрабаева З.М., Хамидов Х.Н.- Изв. АН. РТ. Отд. биол. и мед. наук. 2010. -№2 (1711). -С 60-66.
12. Якубова М.М. Физиолого-биохимические и молекулярно-генетические аспекты продукционного процесса хлопчатника / М.М. Якубова. Дониш, -Душанбе, 2013. -284 с.
13. Якубова М.М. Влияние акцепти-рующих центров на параметры фотосинтетической ассмиляции CO_2 у сортов и линий хлопчатника / М.М.Якубова, Х. Юлдашев, Х.Н. Хамидов // Известия АН РТ, Отд. биол. и мед. наук, 2014, 66-72 с.
14. Якубова М.М. Адаптационные механизмы функционирования живых систем/ М.М. Якубова. Дониш НАНТ. –Душанбе, 2022, -135 с.

ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОФИЗИОЛОГИИ ГЕНОТИПҲОИ ПАХТА

Дар муҳокимаи мақолаи мазкур натиҷаҳо ва омӯзиши зичии хосси сатҳи баргҳо ва вазни мушаххаси сатҳи зичии барг оид ба таъсири нишондиҳандаҳои морфофизиологии нашъунамои барг дар онтогенези растанӣ нишон дода шудааст. Омӯзиши нишондиҳандаҳои фотосинтез бо чунин хусусиятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳим, монанди барвақт пухта расидан ва хосилнокӣ барои дар селексия истифода бурдани хусусиятҳои фотосинтетикӣ имкониятҳои ҳалкунандаро ба вуҷуд меорад.

Калидвожаҳо: пахта, морфофизиологӣ, интенсивнокӣ, хлоропласт, фотосинтез, барг, навъ, ҳосилнокӣ.

ИЗУЧЕНИЕ МОРФОФИЗОЛОГИЧЕСКИХ АРАКТЕРИСТИК ГЕНОТИА ХЛОПКА

В данной статье представлены результаты изучения удельной плотности листовой поверхности и влияние удельного веса густоты листьев на морфофизиологические показатели роста листьев на онтогенез растений. Изучение показателей фотосинтеза по таким хозяйственно важным признакам, как скороспелость и урожайность, открывает широкие возможности для использования фотосинтетических признаков в селекции.

Ключевые слова: хлопчатник, морфофизиологическая, интенсивность, хлоропласт, фотосинтез, лист, сорт, урожайность.

STUDY OF MORPHO-PHYSIOLOGICAL CHARACTERISTICS OF COTTON GENOTIA

In the discussion of this article, the results of studying the specific density of the leaf surface and the specific weight of leaf density on the influence of morphophysiological parameters of leaf growth on plant ontogenesis are presented. The study of photosynthesis parameters according to such economically important traits as precocity and yield opens up wide opportunities for using photosynthetic traits in breeding.

Key words: cotton, morphophysiological, intensity, chloroplast, photosynthesis, leaf, variety, yield.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хамидов Хайриддин Норович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биология дотсенти кафедраи биохимияи факултети биология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17**. E-mail:** homidov-h@mail.ru тел: +992918471304.

Сведения об авторе*: Хамидов Хайриддин Норович* – Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, старший преподаватель кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**:** homidov-h@mail.ru тел: +992918471304.

Information about the author: ***Khamiddin Norovich Khamidov*** - Tajik National University, Candidate of Biological Sciences, Senior Lecturer of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: homidov-h@mail.ru Phone: +992918471304.

УДК:633.10.11(575.3)

МУҚОИСАИ СИФАТИИ АСАЛИ ЗАНБӮРОНИ ЗОТҲОИ ГУНОГУН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ

Шарипов А.Р.
МДТ «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ»

Асал маводи аз растаниҳои шаҳддиҳанда ҷаъмоварикардаи занбӯрон аст, ки занбӯри асал он маводро дар организми худ коркард карда, ба асал табдил медиҳад ва дар лоначаҳо мегузорад.

Ҷиҳати ташхиси биохимиявию заҳринагӣ ва физикии асал, яъне сифати асали занбӯрони зотҳои гуногуни Тоҷикистони шимолӣ аз лабораторияи Маркази миллии ташхиси бойтории Хадамоти назорати давлатии бойторӣ ва аз Маркази ташхисии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт», ки дар шаҳри Душанбе ҷойгиранд ва аз ташхисгоҳи Идораи бойтории вилояти Суғд, ки дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст, истифода кардем.

Дар лабораторияҳои мазкур 8 нишондоди таркиби асал озмуда шуда, сифати асали дар шароити Тоҷикистони шимолӣ истеҳсолшуда муайян гардид.

Ташхиси лаборатории асалҳои зотҳои гуногуни занбӯрони асали Тоҷикистони шимолӣ дар ҷадвали №1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали №1. Натиҷаи муқоисавии санҷиши сифати асали зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони шимолӣ

Нишондоди муайяншуда	Бо нишондоди МАТС 19792-2001	Н.Б.Ғафуров	Ҷ.Расулов	Кӯҳистони Мастчоҳ	Мастчоҳ	Хуҷанд	Истаравшан
Бӯй	Форам	Форам	Хушбӯй	Хушбӯй	Форам	Хуш-тамъ	Хуш-тамъ
Мазза	Ширин	Ширин	Ширин	Ширин	Ширин	Ши-рин	Ши-рин
Вазни ҳиссаи об бо % на зиёда аз	21,0	18,61	-	14,6	15,8	17,7	15,9
Вазни ҳиссаи қанди ҷудошуда бо % на кам аз	82,0	-	-	-	82,68	-	-
Вазни ҳиссачаҳои сахароза бо % на зиёда аз	6,0	1,8	-	-	4,2	-	-
Адади диастаз бо нишондоди Готе на кам аз	7,0	13,9	8,0	17,9	8,9	8,0	8,0
Риаксияи сифати Оксиметил-фурфурола	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ
Туршнокии умумӣ, дараҷаи меъёр на зиёда аз	4^0Т	2,8	-	-	2,8	-	-

Аз омори ҷадвали №1 маълум аст, ки таркиби асали ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 17,9 адади диастаз бо нишондоди Готе дар ҷойи аввал, Бобоҷон Ғафуров бо 13,9 адади диастаз бо нишондоди Готе дар ҷойи дуввум ва ноҳияи Мастчоҳ бо 8,9 дар ҷойи сеюм қарор дорад.

Умуман, ҳамаи асалҳои занбӯрони асали дар шароити Тоҷикистони шимолӣ парваришёфта ба талаботи МАТС (ГОСТ) 19791-2001 ҷавобгӯ буда, диастазаи ҳамаи онҳо аз меъёр баланд аст ва ин гувоҳи он аст, ки сифати асал бисёр хуб мебошад.

Бӯй ва маззаи асал яке аз нишондодҳои асосии асал ба ҳисоб рафта, бо усули ҳиссиёт муайян карда мешавад [1, с.230; 2, с. 82]. Бӯйи асал камбӯй, сербӯй, форам, нофорам, форами хушбӯй, форами мулоим ва ғайраҳо мешаванд [3, с.100; 7, с. 60]. Маззаи асал ширин, форами бомазза, маззаи бегона, бемазза ва ғайраҳо мешаванд[8,28; 9,241; 12, с.520: 13, с.200-201]. Аз нишондоди ҷадвалҳои №1 ва №2 дида мешавад, ки маззаи асали қариб ҳамаи зотҳои таҳқиқотӣ форами ширин ва ба талаботи МАТС (ГОСТ) 19791-2001 ҷавобгӯ мебошанд [6; 10, с. 236].

Ҷадвали №2. Натиҷаи санҷиши таркиби асали зотҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаи шароити Тоҷикистони шимолӣ

Нишондоди муайяншуда	Бо нишондоди МАТС (ГОСТ) 19792-2001	Нишондоди асали истеҳсоли зотҳои гуногуни Тоҷикистони шимолӣ				
		Кар-патӣ	Қавқозӣ	Бакфаст	Ито-лиёвӣ	Занбӯ-рони маҳаллӣ
Бӯй	Форам	Форам	Форам	Форам	Форам	Форам
Масза	Ширин	Ширин	Ширин	Ширин	Ширин	Ширин
Вазни ҳиссаи об бо % на зиёда аз	21,0	17,46	17,87	17,81	15,80	17,43
Вазни ҳиссаи қанди ҷудошуда бо % на кам аз	82,0	83,68	82,55	83,05	84,57	82,68
Вазни ҳиссачаҳои сахароза бо % на зиёда аз	6,0	4,25	4,23	4,82	4,84	4,27
Адади диастаз бо нишондоди Готе на кам аз	7,0	8,9	7,9	8,9	8,0	8,9
Риаксияи сифати Оксиметил-фурфурола	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ	Манфӣ
Туршнокии умумӣ, дараҷаи меъёр на зиёда аз	4	2,81	2,22	1,64	1,60	2,65

Иқлими Тоҷикистони шимолӣ хушк ва гарм буда, растаниҳои шаҳддиҳанда қобилияти шаҳддиҳии миёна ва дарозмуддат доранд. Занбӯрон асали овардаро тез рӯйпӯш наменамоянд. Аз ин ҷиҳат, миқдори намнокии асали рӯйпӯшкардаи Тоҷикистони шимолӣ бисёр вақт 14,6 то 18,61% мебошад, ки нисбат ба нишондоди МАТС 1979-2001 кам аст.

Яке аз нишондоди таркиби асал рақами умумии қандҳои тахфифкунанда (дар ҳолати беобӣ) буда, набояд, ки нишондоди стандарти давлатии (МАТС 19791-2001) он аз 82% кам бошад. Нишондоди қандҳои тахфифкунандаи ҳамаи зотҳои занбӯрон нисбат ба талаботи стандарти давлатӣ (МАТС 19791-2001) зиёд аст. Аз ин ҷиҳат, аз ҳама зиёд ҳадди қандҳои тахфифкунанда дар занбӯрони зоти итолёвӣ 84,57%, зоти карпатӣ каме камтар 83,68 ва зоти бакфаст 83,05% мебошанд. Миқдори қандҳои тахфифӣ дар зоти занбӯри қавқозӣ ва занбӯрони маҳаллӣ аз 82,55 то 82,68%-ро

ташкил кард. Миқдори қанди сахароза тибқи талаботи стандарти давлатӣ (МАТС 19791-2001) бояд аз 6,0% зиёд набошад. Ташхиси лабораторӣ муайян кард, ки миқдори сахарозаи асали зотҳои мавриди таҳқиқ қарордодаи мо ба ҳисоби миёна аз 4,23 то 4,84%-ро ташкил намуд [5; с. 10, с. 236; 11, с.103].

Нишондоди дигаре, ки аз сифати баланди асал гувоҳӣ медиҳад, миқдори диастаза дар асал буда, ҳар кадар, ки он зиёд бошад, асал ҳамон кадар табиӣ, хушсифат ва пур крахмал мебошад. Миқдори диостазӣ бо нишондоди рақамии Готе муҳосиба шуда, як Готе баробар ба 1 мл 1% маҳлули крахмал аст. Нишондоди стандарти давлатии (МАТС 19791-2001) диастазаи асал набояд, ки аз 7,0 Готе кам бошад. Ташхиси лабораторӣ муайян кард, ки диастазаи таркиби асали зотҳои мавриди таҳқиққарордодаи мо дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ аз нишондоди стандартии пешниҳодкарда зиёд аст. Миқдори диастазаи асали зоти занбӯри карпатӣ бакфаст ва занбӯрони маҳаллӣ 8,9 Готеро нишон доданд, ки нисбат ба талаботи стандарти 1,9 Г. зиёд мебошад.

Ҳамин тавр, нишондоди рақами диостазии зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони шимолӣ нишонаи асосии асали табиӣ мебошад.

Оксиметилфурфулол реаксияи вайроншавии моносахаридҳо дар қандҳои табдилдиҳанда буда, имконияти нигоҳдории асалро дар анбор асали табиӣ ва ё худсозро муайян мекунад. Ташхиси лабораторӣ муайян кард, ки натиҷаи реаксияи оксиметилфурфулол дар асали занбӯрони зотҳои гуногун манфӣ мебошад, ки ин нишондод хуб ва тибқи талаботи стандарти давлатӣ (МАТС 19791-2001) аст.

Туршии умумии асали зотҳои гуногуни Тоҷикистони шимолӣ аз миқдори кислотаҳои органикии таркиби асал вобаста буда, меъёри он тавассути ишқори натрий муайян карда мешавад. Натиҷаи ташхиси лабаратории асали зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони шимолӣ дар ҷадвали №2 дарҷ ёфтааст, ки ҷамъи умумии туршии асали зоти итолёвӣ ба ҳисоби миёна ба 1,60 мл, бакфаст ба 1,64 мл, зоти қавқозӣ ба 2,22мл, занбӯрони маҳаллӣ ба 2,65мл ва карпатӣ ба 2,81мл баробар буда, аз меъёри талаботи стандарти давлатӣ, ки на зиёда аз 4 мл-ро пешбинӣ кардааст, кам мебошанд [4; с.10, 236;11, с.103].

Миқдори радионуклидҳо ва металҳои заҳрнок низ дар таркиби асалҳои ташхисшуда мувофиқ ба меъёрҳои стандартӣ буда, миқдори сурб (свинец) 0,004, миқдори кадмий 0,0012-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ташхиси лабаратории таркиби асали занбӯрони асали таҳқиқотӣ дар шароити Тоҷикистони шимолӣ маълум кард, ки таркиби физикию биохимиявӣ ва заҳринагии асали ин минтақа пурра ба талаботи стандарти давлатии Тоҷикистон (МАТС 19791-2001) ҷавобгӯ аст.

АДАБИЁТ

1. Клименкова Е.Т. Медоносы и медосбор / Е.Т. Клименкова, Л.Г. Кушнир, А.И. Бачило. -Минск Ураджай.-1981.-280с.
2. Лебедев, В.И. Производство экологически чистых продуктов пчеловодства / В.И. Лебедев, Е.А.Мурашова // Материалы 4-й Международной научно-практической конференции «Пчеловодство-ХХ1 век» - 4-5 сентября 2003 года. - С. 80-83.
3. Маннапов А.Г. Морфологические и биологические изменения у пчел в зимних условиях Таджикистана / А.Г.Маннапов, А.Шарипов. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 112с.
4. Ташхиси лаборатории Маркази миллии ташхиси бойтории Хадамоти назорати давлатии бойторӣ,
5. Ташхиси лаборатории Маркази ташхисии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои нади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт».
6. Ташхиси лаборатории ташхисгоҳи Идораи бойтории вилояти Суғд,
7. Цандер, Е. Практическое пчеловодство / Е.Цандер. жур. Новая деревня,1927. - С. 1-64.
8. Чепурной И.П. Определение натурального меда / И.П. Чепурной // Жур. Пчеловодство, 1982. -№ 10. - С. 28-29.
9. Шарипов А.Р. Ғизои занбӯри асал дар шароити шимоли Тоҷикистон (бо забони русӣ) / А.Р. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои таббиӣ. -Душанбе: Сино, 2017.- №1/2 (200). -С.241-246.

10. Шарипов А.Р. Зоти пурмаҳсули занбӯри асал дар шароити шимоли Тоҷикистон / А.Р. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. -Душанбе: Сино, 2016.-№1/3(200). -С.236-239.
11. Шарипов А.Р. Роҳҳои муосири шинохти асал ҳамчун маводи ғизоӣ ва табобатӣ / А.Р. Шарипов // Маҷаллаи «Паёми Суғд». 2016.-№8. -С.102-104.
12. Шарипов, А. Занбӯри асалпарвари дар Точикистон / А.Шарипов. - Душанбе: Эр-граф, 2013. - 599 с.
13. Яблоков, А.В. Пчеловодства / А.В.Яблоков. -М.,1980.-324 с.

МУҚОИСАИ СИФАТИИ АСАЛИ ЗАНБӮРОНИ ЗОТҲОИ ГУНОГУН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ

Дар мақолаи мазкур дар заминаи ташхиси биохимиявию захринагӣ ва физикии асал, сифати асали занбӯрони зотҳои гуногуни Тоҷикистони шимолӣ бо истифода аз лабораторияи Маркази миллии ташхиси бойтории Хадамоти назорати давлатии бойторӣ ва аз Маркази ташхисии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт», ки дар шаҳри Душанбе ҷойгиранд ва аз ташхисгоҳи Идораи бойтории вилояти Суғд, ки дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст, сифати асали шаҳру навоҳии вилояти Суғд муайян карда шуда, таҳлилҳо дар асоси нишондодҳои қандҳои тахфифкунанда, крахмал, диостаз, Готе, оксиметилфурфулол, моносахаридҳо ва радионуклидҳои таркиби асал сурат гирифтаанд.

Калидвожаҳо: занбӯри асал, зот, иқлим, карпатӣ, қавқозӣ, бакфаст, итолёвӣ, маҳаллӣ, сифат, иқлими Тоҷикистони шимолӣ, нишондоди МАТС, қандҳои тахфифкунанда, крахмал, диостаз, Готе, оксиметилфурфулол, моносахаридҳо, радионуклидҳо.

КАЧЕСТВЕННОЕ СРАВНЕНИЕ ПЧЕЛИНОГО МЕДА, РАЗНООБРАЗИЕ ПОРОД В УСЛОВИЯХ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье на основе биохимико-токсической и физической экспертизы меда, качества меда пчел различных пород северной таджикской породы с использованием лаборатории Национального центра ветеринарной экспертизы службы государственного ветеринарного надзора и Диагностического центра Агентства по стандартизации, метрологии, сертификации и торговой инспекции Правительства Республики Таджикистан "Таджикстандарт", базирующегося в городе Душанбе и проходящего экспертизу управления ветеринарной службы города Худжанда, проведен анализ качества меда на основе показаний дисконта, крахмала, диостаза, Готэ, оксиметилфурфулола, моносахаридов и радионуклидов, составляющих мед.

Ключевые слова: мед пчелы, порода, климат, Карпаты, аквакультура, бакфаст, итальянский, местный, качество, климат Северного Таджикистана, обозначение маца, дисконтные банки, крахмал, диостаз, Готэ, оксиметилфурфулол, моносахариды, радионуклиды.

QUALITATIVE COMPARISON OF BEE HONEY BREEDS DIVERSITY IN THE CONDITIONS OF NORTHERN TAJIKISTAN

In this article, based on the biochemical, toxic and physical examination of honey, the quality of honey of bees of various breeds of the Northern Tajik breed using the laboratory of the National Center for Veterinary Expertise of the State Veterinary Supervision Service and from the Diagnostic Center of the Agency for Standardization, Metrology, Certification and Trade Inspection of the Government of the Republic of Tajikistan "Tajikstandart", based in the city of Dushanbe and undergoing examination of the veterinary service department of the city of Khujand, the main place in the city of Khujand, The definition of insurance is a new quality of honey, the analysis was carried out on the basis of indications of discount, starch, diostase, Gote, oxymethylfurfulol, monosaccharides and radionuclides that make up honey.

Key words: honey bees, breed, climate, Carpathians, aquaculture, buckfast, Italian, local, quality, climate of Northern Tajikistan, designation of matzo, discount banks, starch, diostasis, Gote, oxymethylfurfulol, monosaccharides, radionuclides.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Абдуаҳад Раҳмонович*** **-** МДТ «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ», номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент. Телефон**: (+992) 92 868 39 70.**

Сведение об авторе: ***Шарипов Абдуахад Рахмонович*** **–** Государственное образовательное учреждение «Матчинский педагогический колледж», кандидат сельскохозяйственных наук, доцент. Телефон**: (+992) 92 868 39 70.**

Information about the author: ***Sharipov Abduahad Rakhmonovich*** **-** State Educational Institution "Matchinsky Pedagogical College", Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor. Phone: **(+992) 92 868 39 70.**

УДК:631.16(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТ, НАШЪУНАМО ВА МАҲСУЛНОКИИ МУШУНГ ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ ВОДИИ ҲИСОР

Солиҳов М.М., Набиев Т.Н.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Технологияи захираи намӣ вобаста аз зери таъсири коркарди хок дар заминҳои лалмии ҷумҳурии мо ҳанӯз пуррагӣ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, корҳои илмию таҳқиқотии мо доир ба таҳия намудани технологияи самараноки захираҳои намӣ бо воситаи истифода намудани коркарди босифати хок дар заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ барои рӯёнидани ҳосили фаровони массаи сабз ва дони мушунг равона гардидааст [1, с.2].

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”-и Институти зироаткории АИКТ тайи солҳои 2019-2021 гузаронида шудааст. Ба сифати объекти таҳқиқотӣ навъи мушунги маҳаллии минтақабобгардидаи “Серҳосил”-ро истифода намудем.

Дар натиҷаи таҳқиқотии мо маълум гардид, ки фарқи кулли байни вариантҳои омӯзиши оид ба нашъунамо ва тараққиёти мушунг аз давраи пайдошавии ғилофакҳо то пухтарасиши дони мушунг мушоҳида карда шуд. Марҳилаҳои пухтарасии дони мушунг дар варианти назоратӣ (бе коркарда хок) дар санаи 10 моҳи июн ба эътибор гирифта шуд. Дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 20 см фарорасии давраи пухтарасиши дони мушунг – 13 июн, дар чуқурии - 25 см -15 июн; 30см -18 июн ва дар 35см – 20 июн мушоҳида карда шуд (ҷадвали 1).

Давомнокии марҳилаҳои нашъунамои зироати мушунг аз пайдошавии майсаҳо то давраи гулкунӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ – 136-140 рӯз, аз гулкунӣ то давраи ғилофакбандӣ – 12-15 рӯз ва давраи ғилофакбандӣ то давраи пухтарасиши дони мушунг – 32-34 рӯзро ташкил намудааст. Давраи тараққиёт ва нашъунамои мушунги навъи Серҳосил дар таҷрибаҳои илмии мо вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ аз 180 то 189 рӯзро ташкил намудааст.

Натиҷаи таҷриба нишон дод, ки дар вақти ченаки ниҳолҳои мушунг дар санаи 30 апрел баландии қади он дар варианти назоратӣ (бе коркард) – 66 см ва дар вариантҳои коркарди чуқурии хок аз 20 то 35 см аз 79-97 см ташкил намудааст (расми 1.).


Аз ҳама қади баланди ниҳолҳои мушунг дар таҷрибаи мо дар даҳрӯзаи дуюми моҳи май мушоҳида карда шуд. Дар ин давра, баландии қади ниҳолҳои мушунг дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см-120 см-ро ташкил намуд, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ – 38 см, нисбат ба варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см – 19 см, дар чуқурии 25 см – 14 см ва нисбат ба чуқурии 35 см – 5,0 см зиёд мебошад.

Ҷадвали 1. Тараққиёт ва нашъунамои зироати мушунг вобаста аз чуқурии коркади хок (ба ҳисоби миёна солҳои 2019-2021)

№	Чуқурии хок, см	Санаҳои фарорасии давраҳои нашъунамо				Давомнокии давраҳои нашъунамо, рӯз			
		Пайдоиши майсаҳо	Гулкунӣ	Ғилофбандӣ	Пухтарасиши дон	Пайдоиши майсаҳо-гулкунӣ	Гулкунӣ-ғилофакбандӣ	Ғилофакбандӣ- пухтарасидани дон	Давомнокии давраҳои нашъунамо
1.	Назоратӣ (бе	12,12	27,04	09,05	10,06	136	12	32	180

	коркар ди хок)								
2.	20	13,12	30,04	12,05	13,06	138	12	32	182
3.	25	13,12	01,05	15,05	16,06	139	14	33	186
4.	30	14,12	02,05	16,05	18,06	139	14	33	186
5.	35	15,12	02,05	17,05	20,06	140	15	34	189

Афзоиши баланди қади ниҳолҳои мушунг вобаста аз вариантҳои омӯзишии дар ин давра нисбат ба санаи 25 апрел мутаносибан аз 16 то 20% ташкил кардааст.




Расми 1. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҷараёни қадкашии мушунг, см (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021).

Натиҷаи таҳқиқоти илмии мо маълум намуд, ки чуқурии коркарди хок барои инкишофи силсилаи реша, тараққиёт ва нашъунамои зироати мушунг шароити муътадил фароҳам оварда, ҳосили бедаро аз ҳар як гектар низ хеле афзун намудааст [3, с. 4].

Дар ин сурат мушоҳида намудем, ки зиёдшавии бедаи мушунг дар зери таъсири коркарди чуқурии хок аз давраи моҳи март оғоз гардида то охирҳои моҳи май давом кардааст (расми 2.)

Дар охири даҳаи дуюми моҳи май (20.05) ҳосили бедаи мушунг дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) ба ҳисоби миёна–27 с/га ташкил намудааст. Дар вақти коркарди хокро дар чуқурии 20 см гузаронидан ҳосили беда нисбат ба варианти назоратӣ– 7 с/га, дар чуқурии 25 см – 21 с/га ва чуқурии 35 см – 23 с/га зиёд шудааст. Аз ҳама ҳосилнокии баланди бедаи мушунг дар варианти коркарди хок дар чуқурии– 30 см ба даст оварда шуд. Дар ин ҳолат фарқияти ҳосилнокии беда нисбат ба варианти назоратӣ (бе коркарди хок) аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна – 26 с/га ташкил додааст.



Расми 2. Ҷараёни ҳосишавии бедаи мушунг вобаста ба чуқурии коркади хок (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021), г/растанӣ.

Нишондодҳои дар ҷадвали 2. оварда шуда болоравии масоҳати сатҳи баргро дар ҳама давраҳои нашъунамо вобаста аз коркарди хок дар чуқуриҳои аз 20 то 35 см нишон медиҳад. Нишондодҳои баланди масоҳати сатҳи барг дар вариантҳои омӯзиши дар давраи ғилофакбандӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра масоҳати сатҳи барг дар варианти назоратӣ ба 27,9 ҳаз. м^2/га баробар шудааст. Дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см масоҳати сатҳи барг нисбат ба варианти назоратӣ 6,2 ҳаз. м^2/га ва дар ҳудуди чуқурии 25 см – 7,9; дар чуқурии 30 см – 11,4 ва дар чуқурии 35 см – 8,8 ҳаз. м^2/га афзоиш ёфтааст.

Дар таҷрибаи мо сатҳи масоҳати максималии барг дар ҳама давраҳои нашъунамо дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар варианти коркарди хок дар чуқурии – 30 см ба қайд гирифта шудааст.

Ҷадвали 2. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ташаккулёбии масоҳати сатҳи барги мушунг, ҳаз. м^2/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

Чуқурии коркарди хок, см	Фазаҳои инкишоф ва тараққиёти мушунг				
	Шохаронии ниҳолҳо	Шонабандӣ	Гулкунӣ	Ғилофакбандӣ	Пухтарасиши хок
Назоратӣ (бе коркарди хок)	0,70	4,8	14,0	27,9	18,2
20	0,81	5,6	18,4	34,1	21,4
25	0,85	6,7	20,7	35,8	22,7
30	0,97	7,9	23,3	39,4	25,3
35	0,95	7,3	21,1	36,7	23,8

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки чуқурии коркарди хок ба нишондодҳои иқтидори фотосинтетикӣ таъсири худро расонидааст. Нисбат ба варианти назоратӣ, нишондодҳои иқтидори фотосинтетикӣ дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см дар давраи шонабандӣ–16,1; гулкунӣ– 38,2; ғилофакбандӣ – 159,8 ва дарваи пухтарасиши дон–69,0 ҳаз. м^2/х рӯз зиёд гардидааст. Ин нишондодҳо мутаносибан дар варианти коркарди хок дар чуқурии 25 см – 18,4; 59,7; 230,2; 139,8;

30 см – 22,2; 86,4; 291,9; 206,3 ва 35 см- 20,7; 82,0; 270,0; 167,3 ҳаз. м^2 х рӯз ташкил кардааст.

Дар даврaҳои нашъунамои мушунг афзоиши зиёди иқтидори фотосинтетикӣ дар байни даврaҳои гулкунӣ – шонабандӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҳолат афзоиши иқтидори фотосинтетикӣ дар варианти назоратӣ - 3,9; дар варианти дуюм (20см) – 3,9; сеюм (25см) – 4,1; чорум (30 см) – 4,3 ва панҷум (35 см) – 4,3 баробар зиёд мебошад.

Дар даврaҳои нашъунамо ва тараққиёти мушунг ҷамъи иқтидори фотосинтетикӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ аз 807,7 то 1405,3 ҳаз. м^2 х рӯз ташкил кардааст. Ҳадди максималии нишондоди иқтидори фотосинтетикии мушунг дар ҳамаи даврaҳои нашъунамо дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба қайд гирифта шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили нишондодҳои сохтори таркибии ҳосили зироати мушунг дар таҷрибаи мо маълум гардид, ки бо мурури зиёд намудани чуқурии коркарди хок аз 20 то 30 см вазни ҳар як растанӣ, шумораи ғилофакҳо, миқдори дон ва вазни он, миқдори навдаҳо ва вазни 1000 дона хеле афзудааст. Аммо вақте, ки чуқурии коркарди хокро то ба 35 см расонидан, нишондодҳои сохтори ҳосил нисбат ба варианти 4 -ум (30 см) коҳиш ёфтаанд (ҷадвали 3.).

Дар натиҷаи таҳлили нишондодҳои сохтори ҳосил маълум гардид, ки дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см вазни як растании мушунг нисбат ба варианти назоратӣ – 16,2 г, миқдори ғилофакҳо 17 дона, шумораи дон – 52 дона вазни он – 8,2 г, шумораи навдаҳо – 3 дона ва вазни 1000 дона – 22 г зиёд шудааст.

Аз ҳама нишондоҳои босифати сохтори ҳосил, яъне қади баланди ниҳолҳои мушунг -129 см, вазни ҳар як растанӣ –70,5 г, миқдори ғилофакҳо – 51 дона, шумораи дон – 189 дона вазни он 20,8 г, миқдори навдаҳо –7 дона ва вазни 1000 дона – 147 г дар вақти чуқурии коркарди хокро ба 30 см расонидан ба қайд гирифта шуд.

Ҷадвали 3. Таҳлили биометрии мушунг вобаста аз усулҳои коркарди хок (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019 – 2021)

Усулҳои таҷриба, см	Қади растанӣ, см	Миқдори навда дар растанӣ, адад	Вазни растанӣ, г	Шумораи ғилофакҳо дар растанӣ, адад	Шумораи дон дар растанӣ, адад	Вазни дон дар растанӣ, г	Вазни 1000 дон, г
Назоратӣ (бе коркарди хок)	106	4	54,3	35	108	12,6	125
20	114	5	60,9	42	126	14,1	136
25	117	5	66,0	46	160	17,5	140
30	119	7	70,5	51	189	20,8	147
35	118	6	69,2	48	172	18,8	144

Ҳосилнокии дони мушунг дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) ба ҳисоби миёна ба 12,4 с/га (мутаносибан вобаста ба солҳои омӯзишӣ аз 11,7 то 13,2 с/га) баробар шудааст. Дар варианти коркарди хок дар чуқурии 25 см – 16,3 с/га ва дар чуқурии 35 см – 17,4 с/га ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 3.1.5. ва расми 4.).

Ҳосили баланди дони мушунг дар байни вариантҳои омӯзишӣ ба ҳисоби миёна (18,1 с/га) дар вақти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба дастоварда шудааст. Фарқияти ҳосил дар ин ҳолат нисбат ба варианти назоратӣ 5,7 с/га ё 31,5 % ва нисбат ба дигар вариантҳои коркарди хок 0,7 то 3, 3 с/га ё 4,0 то 22,3% зиёд мебошад.

Ҷадвали 4. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҳосилнокии дони мушунг (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

№	Чуқурии коркарди хок, см	Солҳои таҳқиқот			Ба ҳисоби миёна дар муддати 3-сол	Фарқият нисбат ба варианти назоратӣ	
		2019	2020	2021		с/га	%
1.	Бе коркарди хок (назоратӣ)	12,3	13,2	11,7	12,4	-	-
2.	20	14,8	15,9	13,7	14,8	2,4	16,2
3.	25	15,8	17,7	15,4	16,3	3,9	23,9
4.	30	18,2	19,2	17,0	18,1	5,7	31,5
5.	35	17,1	18,5	16,6	17,4	5,0	28,7

АДАБИЁТ

1. Имомов С.И. Зироати мушунг / С.И. Имомов. -Душанбе, 2017. -256 с.
2. Косимов Д.К. В книге “Растениеводство” / Д.К.Косимов, Р.С.Масаидов, Т.Н.Набиев - Душанбе, 1996. – 228 с.
3. Макашева Р.Х. Генетика и селекция гороха / Р.Х. Макашева. В книге “Горох” – Новосибирск: Наука, 1975. – 256 с.
4. Федотов В.С. Горох / В.С. Федотов. -М: Сельхозгиз, 1960. – 259 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТ, НАШЪУНАМО ВА МАҲСУЛНОКИИ МУШУНГ ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ ВОДИИ ҲИСОР

Мақолаи мазкур доир ба омӯзиши хусусиятҳои тараққиёт, нашъунамо ва маҳсулнокии мушунг дар заминҳои лалмии водии Ҳисор бахшида шудааст. Муайян гардидааст, ки чуқурии коркарди хок ба давраи нашъунамои мушунг таъсири муайян расонидааст ва он вобаста аз вариантҳо аз 180 то 189 рӯзро ташкил намудааст. Масоҳати максималии саҳти барг, нишондоди баланди иқтидори фотосинтетикӣ, сохтори босифати таркиби ҳосил ва ҳосили дони мушунг дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар вақти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба даст даровада шудааст (18,1 с/га).

Калидвожаҳо: мушунг, заминҳои лалмӣ, намӣ, чуқурии коркард, нашъунамо, баландии қади растанӣ, масоҳати сатҳи барг, иқтидори фотосинтетикӣ сохтори таркибии ҳосил, ҳосилнокӣ.

ОСОБЕННОСТЬ РОСТА, РАЗВИТИЯ И ПРОДУКТИВНОСТЬ ГОРОХА НА БОГАРНЫХ ЗЕМЛЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

Научная статья посвящена изучению особенностей роста, развития и продуктивности гороха на богарных землях Гиссарской долины. В зависимоти от глубины обработки почвы вегетатионний период гороха сорта “Серхосил” от всходов до созревания составил от 180 до 189 дней. На основании проведённых исследований установленно, что глубина обработки почвы оказывает значительное влияние на увеличение биомассы растений. Максимальная площадь листовой поверхности, фотосинтетический потенциал, структура урожая растения и высокий урожай зерна гороха формировались при обработке почвы на глубине – 30 см (18,1 й/га).

Ключевые слова: горох, богарные земли, влага, глубина обработки, развитие, рост растений, площадь листовой поверхности, урожайность.

PECULIARITIES OF GROWTH, DEVELOPMENT AND PRODUCTIVITY OF PEA ON THE FLOW LANDS OF THE GISSAR VALLEY

The scientific article is devoted to the study of the features of growth, development and productivity of peas on rainfed lands of the Gissar Valley. Depending on the depth of tillage, the vegetative period of pea variety “Serkhosil” from germination to ripening ranged from 180 to 189 days. Based on the conducted studies, it was established that the depth of tillage has a significant impact on the increase in plant biomass, the maximum leaf area, photosynthetic potential, plant yield structure and a high yield of pea grain were formed when tilling the soil at a depth of 30 cm (18.1 y/ha).

Key words: peas, rainfed lands, moisture, cultivation depth, development, plant growth, leaf surface area, yield.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич*** **–** докторанти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: **salim.5555_s@mail.ru** **Телефон:** (+992) 554-5555-19.
Набиев Толиб Набиевич **–** д.и.к., профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Телефон:** (+992) 935-03-52-18.
Сведение об авторах: ***Солихов Махмадсалим Махмадуллоевич*** **–** докторант Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемура, **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146, E-mail: salim.5555_s@mail.ru **Телефон:** (+992) 554-5555-19.
Набиев Толиб Набиевич **–** д.с.-х.н., профессор Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемура, **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. **Телефон:** (+992) 935-03-52-18.

Information about the authors: ***Nabiev Tolib Nabievich*** **-** Doctor of Agricultural Sciences,, Professor of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur, **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146.**Телефон:** (+992) 935-03-52-18.
Solihov Mahmadsalim Mahmadulloevich - doctoral student of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur, **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146, E-mail: salim.5555_s@mail.ru **Phone:** (+992) 554-5555-19.

УДК 581.19+547:541

ТАЪСИРИ ОМИЛҲО БА РАВАНДИ БИОХИМИЯВИИ РАВҒАНҲОСИЛШАВИИ РАСТАНИҲО

Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Маҳмудов А.Ш., Гиёев П.Р.*
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз мушкилоти асосии экологӣ, ки ҳалли он пажуҳиш ва тадқиқотҳоро талаб менамояд, муайян намудани таъсири партовҳои саноатӣ ба вазъи экологии флора ва фаунаи табиати замин мебошад.

Новобаста аз оне, ки табиати Тоҷикистон дар миқёси байналмиллалӣ яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза арзёбӣ гардидааст дар ин кишвар низ баъзе аз мушкилотҳои экологӣ дида мешавад. Чуноне, ки дар боло қайд гардидааст дар ҳамаи равандҳои метаболитикӣ нақши фотосинтез хело муҳим мебошад.

Яке аз ҳадафҳои кори мазкур ин муайян намудани таъсири партовҳои истеҳсолот ба раванди равғанҳосилшавӣ ва дигар омилҳои метоболитикӣ дар растаниҳо мебошад.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар ин самт [1, с.2] муайян намудааст, ки ба тағйирёбии таркиби химиявӣ ва маҳсулнокии биологӣ дар растаниҳо мавқеи ҷуғрофии минтақа, таркиби хок ва омилҳои экологӣ таъсири худро мерасонанд. Ин натиҷаҳои бадастовардаи мутахассисони соҳавиро ба инобат гирифта дар ин ҷода аз ҷониби мо низ як зумра таҳқиқотҳо гузаронида шуд.

Яке аз ҳадафҳои гузошташуда дар ин самт ин муайян намудани таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба равандҳои метаболитикии равғанҳосилшавӣ дар растаниҳо мебошад.

Бинобар сабабе, ки пахтапарварӣ яке аз самтҳои фаъоли хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Турсунзода мебошад як зумра навъҳо ва хатҳои нави истеҳсолии пахта, ки аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ватанӣ коркард гардидаанд ба ҳайси объекти таҳқиқот қарор дода шуд.

Таҳқиқотҳои мазкур дар хоҷагиҳои деҳқонии дар минтақаҳои осебпазири КВД «ШАТ» ҷойгиршуда гузаронида шуд. Таҳлилҳои биохимиявии экспериментalии саҳрои бо иштироки бевоситаи мутахассисони соҳаи биохимияи растаниҳо ва мутахассисони хоҷагиҳои деҳқонии мазкур гузаронида шуд.

Дар асоси маълумотҳои хоҷагиҳои деҳқонии мазкур муайян гардид, ки дар ин хоҷагиҳо дар соли 2018 панҷ навъи пахта: - навъи «Меҳргон», «Ҳисор», навъи 65/30 ва хатҳои L-15, L-53 кишт карда шудааст. Барои таҳқиқи раванди равғанҳосилшавӣ дар ядрои тухми пахта, чигити пахта дар марҳилаҳои афзоиши биологии пухтарасии тухм, пеш аз пухтарасӣ ва баъд аз пурра пухтарасии тухм ҷамъоварӣ гардид.

Чуноне, ки маълум аст дар ҷудо намудани равғани растанӣ дар истеҳсолот ва ҳангоми гузаронидани таҳлилҳои экспериментalии саҳроӣ аз усулҳои ҷабиш ва экстраксияи гарм истифода менамоянд. Дар гузаронидани ин таҳлил мо аз усули экстраксия гарм истифода намудем. Равғаннокиро бо усули вазнӣ (дар таносуби

вазни маводи таҳқиқшаванда пеш аз ҷудокунӣ ва пас аз ҷудокунии равған), усули «Сокслет» ва усули «Рушковский» муайян карда шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. Равғаннокии ядрои тухми навъҳо ва хатҳои гуногуни пахта


Номгӯйи маводи растанигии таҳқиқшаванда	Равғаннокӣ дар ядрои тухми пахта (бо %)		
	Бо усули вазнӣ	Бо усули «Сокслет»	Бо усули «Рушковский»
Ядрои тухми пахтаи навъи «Меҳргон»	7,67	8,29	8,53
Ядрои тухми пахтаи навъи «Ҳисор»	7,54	8,12	8,30
Ядрои тухми пахтаи навъи 65/30	7,61	8,30	8,54
Ядрои тухми пахтаи навъи L-15	7,36	7,87	8,21
Ядрои тухми пахтаи навъи L-53	7,59	8,09	8,16

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои таҳлили экспериментали муайян намудани равғаннокӣ дар ядрои тухми навъҳо ва линияҳои гуногуни пахта, ки дар ҷадвали 1 баррасӣ гардидааст, бармеояд таҳқиқоти мазкур дар марҳилаи пухтарасии тухм ба анҷом расонида шудааст. Аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, новобаста аз оне, ки навъҳои пахта дар як шароити агротехнологӣ парвариш шуданд аз ҷиҳати равғаннокӣ онҳо байни ҳам фарқ менамоянд. Ин фарқият асосан ва генопитҳо ва фенотипҳои ин растанӣ вобаста мебошанд. Инчунин муайян гардид, ки равғаннокии пахтаҳои таҳқиқшаванда бо усули ҷудокунӣ низ вобастагии хосса дорад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил муайян карда шуд, ки равған аз таркиби ядрои тухми пахта нисбат бо усули ҷабиш бо усули экстраксия бештар ҷудо мегардад. Дар баробари ин афзалият усули экстраксияи гарм ба он мусоидат менамояд, ки липидҳои таркиби тухми пахта ба пуррагӣ ҷудо шаванд.

Муайян карда шуд, ки инчунин самаранокии усули мазкур барои арзёбии экологии таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба раванди биохимияи равғанҳосилшавӣ мусоидат менамояд. Ин афзалиятҳоро ба инобат гирифта дар таҳқиқотҳои минбаъдаи гузаронидашуда аз усули экстраксияи гарм истифода намудем.

Бо истифода аз усули экстраксияи гарм динамикаи ҳосилшавии триглитсеридҳо дар ядрои тухми пахта таҳқиқ карда шуд. Натиҷаҳо дар расми 1 баррасӣ гардидааст.



Расми 1. Тағйирёбии ғализати липидҳо дар фазаҳои мавсими пухтарасии тухм дар намунаҳои пахтаи маҳаллӣ

Эзоҳ: **А-навъи Меҳргон; Б-Ҳисор; В- 65/30; Г- L-15; Ғ-L-53.**

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил, ки дар расми 1 баррасӣ гардидааст муайян гардид, ки равғаннокии тухми пахта бо фазаҳои пухтарасии тухми он дар мутаносиби роста қарор дорад. Дар ин ҷо қайд намудан лозим аст, ки барои муайян намудани таъсири партовҳои истеҳсолоти КВД «ШАТ» ба раванди равғанҳосилшавӣ дар тухми пахтагузаронидани таҳлилҳои муқоисавӣ зарур буд. Бинобар ин сабаб дар як вақт як зумра таҳқиқотҳои саҳрои дар ҳамкорӣ бо кафедраи «Биохимия»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шуд. Таҷрибаҳои мазкур натанҳо дар арзёбии экологӣ намудани таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба раванди равғанҳосилшавӣ дар растаниҳо саҳми назарраси худро гузошт, инчунин имкониятеро фароҳам овард, ки таркиби химиявии навъҳо ва линияҳои пахтаҳои таҳқиқшаванда, ки аз ҷониби олимони тоҷик коркард шудаанд ҷузъан омӯхта шаванд. Ин натиҷаҳои илмӣ барои илми биохимияи наботот ва генетика ниҳоят муҳим мебошад. Дар оянда метавон ин натиҷаҳои илмиро ҳамчун системаҳои тестӣ истифода намуда дар асоси он навъҳои пахтае коркард карда шаванд, ки натанҳо аз ҷиҳати баромади нах ва равғаннокӣ инчунин пахтаҳои ба шароити номусоид тобоварро низ коркард намоянд.

Чӣ тавре, ки дар боло дарҷ гардидааст барои муайян намудани таъсири партовҳои КВД «ШАТ» ба раванди биохимиявии равғанҳосилшавӣ дар растаниҳо ва муайян намудани таркиби химиявии равғанҳои таҳқиқшаванда аз усули экстраксияи гарм истифода намудем.

Экстраксия бо истифода аз дастгоҳи «Сокслет», ки бо колбаи ғунҷоишаш 1000 $см^3$-а, ки бо хунуккунаки баргарданда муҷаҳазонида шудааст, гузаронида шуд. Дар ин таҳлил ба ҳайси экстрагент аз хлороформ истифода намудем. Таҳлилҳои гузаронидашуда оиди муайян намудани самаранокии экстрагентҳо нишон дод, ки хлороформ нисбат ба эфири диэтил, эфири мураккаби этилатсетат, ҳексан, бензол ва


ҳептан липидҳоро аз таркиби растаниҳо бештар ҷудо менамояд. Чунин хосиятро зоҳир намудани хлороформ пеш аз ҳама ба ҳалшавандагии компонентҳои таркибии растаниҳо вобаста мебошад.

Таҳлили адабиёти илмии соҳавӣ [3, с.7] нишон дод, ки триглитсеридҳо, диглитсеридҳо, моноглитсеридҳо, флованоидҳо, фловононҳо, флованолҳо, каротиноидҳо, пигментҳои пластит, кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ ва витаминҳо дар хлороформ нисбат ба дигар ҳалкунандаҳои органикӣ ҳалшавандагии хубтарро доранд. Ин ҷанбаро ба инобат гирифта дар рафти пажӯҳиш ва таҳқиқотҳо барои ҷудо намудани липидҳои таркиби растаниҳои таҳқиқшаванда ба ҳайси экстрагент аз хлороформ истифода намудем.

Барои муайян намудани таъсири партовҳои КВД «ШАТ» ба маҳсулнокии биологии растании пахта динамикаи тағйирёбии липидҳои таркиби тухми пахта бо истифода аз усули экстраксияи гарм омӯхта шуд.

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои таҳлили эксперименталӣ аён аст дар раванди ҷудошавии экстракт, табиати экстрагенти истифодашуда нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар рафти иҷроиши ин амал муайян карда шуд, ки хлороформ нисбат ба дигар ҳалкунандаҳои истифодашуда ҷузъҳои таркибии растаниҳои таҳқиқшударо зиёдтар ҷудо менамояд. Дар баробари маҳсулнокии зиёд доштани ин ҳалкунанда инчунин ҳангоми истифодаи хлороформ ҳамчун экстрагент нисбат ба дигар ҳалкунандаҳои органикӣ вақти кам сарф мегардад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили омӯзиши ҳалшавандагии липидҳои таркиби растаниҳо муайян карда шуд, ки ҳодисаи ҳалшавандагии пайвастагиҳои табиӣ бо сохти молекулавии ҳалкунандаҳои истифодашуда вобастагии хосса дорад. Маълум гардид, ки экстрагентҳое, ки дар молекулаҳояшон банди ковалентии қутбнок доранд, нисбат ба дигар ҳалкунандаҳои молекулаҳояшон ғайриқутби дошта, ҳангоми экстраксия самаранокии зиёдтарро доранд.

Дар рафти иҷрои ин таҳлил инчунин як қонунияти муҳимми ҳалшавандагии ҷузъҳои таркибии растаниҳо муайян карда шуд. Натиҷаҳои таҳлили муайян намудани маҳсулнокии экстракт вобаста ба ҳалкунандаҳои истифодашуда нишон дод, ки бо зиёдшавии массаи молекулавии карбоҳидрогенҳои алканӣ ҳалшавандагии компонентҳои таркиби растаниҳо коҳиш меёбад (расми 2).



Расми 2. Вобастагии ҳалшавандагии ҷузъҳои таркиби тухми Arctium tomentosum Mill вобаста ба массаи молекулаи ҳалкунандаҳои алканӣ

Эзоҳ: А - экстрагент пентан; В - экстрагент ҳексан; С - экстрагент ҳептан; Д - экстрагент октан; Е - Экстрагент нонан.

Чи тавре ки аз натиҷаҳои таҳлил, ки дар расми 2 баррасӣ гардидааст аён аст ҳангоми арзёбии экологии таъсири партовҳои газӣ ва аэрозолии КВД «ШАТ» ба равандҳои метаболитикии ҳосилшавии липидҳо дар таркиби растаниҳои худрӯйид (дар мисоли растании Arctium tomentosum Mill) муайян гардид ҳалшавандагии максималӣ дар раванди экстраксия дар ҳолати истифодаи пентан ҳамчун экстрагент мушоҳида карда шудааст. Бо зиёдшавии бузургии массаи молекулавӣ ҳалкунандаҳои истифодашуда бо як қонунияти хусуси ҳалшавандагии компонентҳои таркиби тухми Arctium tomentosum Mill коҳиш меёбад. Таҳлилҳои гузаронидашудаи минбаъда нишон дод, ки чунин тағйирёбӣ дар ҳалшавандагии компонентҳои таркибии баргу пояи «MEDICÁGO SATÍVA (юнучқа)» низ дида мешавад.

Сабаби интихоби растании «MEDICÁGO SATÍVA» ба ҳайси объекти таҳлил дар он мебошад, ки растании мазкур дар минтақаҳои осебпазири КВД «ШАТ» васеъ кишт карда шуда яке аз хӯрокҳои асоси барои чорводорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин таҳқиқотҳои анҷомдодашуда барои муайян намудани таъсири партовҳои КВД «ШАТ» ба флораи минтақа, pH-и экстрактҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуд.

Барои ин таҳлили эксперименталӣ аз асбоби pH-метр – милливолтметри электронии (истеҳсоли Россия) истифода карда шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар расми 3 пешниҳод карда шудаанд.



Расми 3. Таъсири партовҳои КВД Ширкати алюминии Тоҷик ба pH-и экстракти хлороформии баъзе растаниҳои минтақа

Эзоҳ: $А_1$ – экстракти баргу пояи АТМ – и аз минтақаи осебпазири КВД Ширкати алюминии тоҷик ҷамъоваришуда; $А_2$ – экстракти баргу пояи АТМ – и аз минтақаи Варзоб ҷамъоваришуда; $Б_1$ – экстракти тухми АТМ – и аз минтақаи осебпазири КВД Ширкати алюминии тоҷик ҷамъоваришуда; $Б_2$ – экстракти тухми АТМ – и аз минтақаи Варзоб ҷамъоваришуда; $Б_3$ – экстракти тухми АТМ – и аз минтақаи Ромит ҷамъоваришуда; $В_1$ – экстракти баргу пояи Medicágo Satíva (юнучқа) – и аз минтақаи осебпазири КВД Ширкати алюминии тоҷик ҷамъоваришуда; (Растании мазкур дар фазаи бутонизатсия ҷамъоварӣ гардида хушконида шудааст); $В_2$ – экстракти баргу пояи Medicágo Satíva (юнучқа) – и аз минтақаи Варзоб ҷамъоваришуда; $В_3$ – экстракти баргу пояи Medicágo Satíva (юнучқа) – и аз минтақаи Ромит ҷамъоваришуда; $Г_1$ – экстракти барги Platanus orientalis (чинор), ки аз минтақаи осебпазири КВД Ширкати алюминии Тоҷик ҷамъоваришуда; $Г_2$ – экстракти барги Platanus orientalis (чинор), ки аз минтақаи Варзоб ҷамъоваришуда; $Г_3$ – экстракти барги Platanus orientalis (чинор), ки аз минтақаи Ромит ҷамъоваришуда.

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои таҳлили муайян намудани нишондиҳандаи ҳидрогенӣ, ки дар расми 3 барраси гардидааст, аён шуд, pH – экстрактҳои растаниҳои аз минтақаи осебпазири КВД «ШАТ» ҷамъоваришуда нисбати экстракти растаниҳои аз дигар минтақаҳо ҷамъоваришуда кислотанокии бештарро зоҳир намудаанд. Ин натиҷаи бадастовардашуда ҳодисаи химиявии ғайримуқаррарӣ мебошад, зеро фарқияти pH дар байни намунаҳои таҳқиқшуда бо ҳисоби миёна ба 0,6 баробар аст. Барои муайян намудани ин ҳодисаи ғайримуқаррарӣ кислотаҳо ва фенолҳои таркиби ин растаниҳоро муайян намудан зарур буд.

Барои тавсифи таркиби химиявии липидҳои ҳосилкардашуда аз нишондиҳандаҳои физикию химиявӣ, аз қабили муайян намудани зичӣ, нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ, ҳарорати гудозиш ва лахтбандӣ, адади кислотагӣ, адади собунонӣ, адади эфирӣ ва адади йодӣ истифода намудем.

Дар рафти муайян намудани адади кислотагӣ ба мо муяссар гардид, ки усули нави маълум намудани адади кислотагиро коркард намоем. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки ин нишондиҳанда дар амали намудани таҳқиқотҳо дар самти экологияи муҳандисӣ хело муҳим ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки маълум аст аз рӯйи адади

кислотагӣ бехатари истифодаи ғизо, доруворӣ, маводҳои санитарию – гигиенӣ ва ғайра муайян гардида, безарар будани онҳо барои организми одам баҳо дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Роль математической обработки при химическом анализе природных соединений / Д.Э. Иброгимов, А.Х. Зумратов, Р.О. Норкулов, Ф.А. Ибрагимов, К.И. Аслиддини // Материалы научно-теоретической конференции молодых ученых, посвященной 1150-летию Абуабдуллои Рудаки.- Душанбе: Дониш, 2008. - С.85-89.
2. Характеристика масленности и продуктивности волокна некоторых сортов и линий хлопчатника / С.И. Иброгимова, Д.Э. Иброгимов, П.М. Насриддинова, // Вестник Таджикского национального университета, – Душанбе: Сино, 2015. –№1/6(190). – С.42-48.
3. Таъсири омилҳои экологӣ ба биохимияи ҳосилшавии равғанҳо/ Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Юсупова Ф.Ҳ., Саидаминова М.И. / Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои табиӣ) №1, 2022. - Душанбе: ДМТ, 2022.- С.115-123.ISSN-2413-452X.
4. Таъсири партовҳои газӣ ба биохимияи ҳосилшавии кислотаҳои карбонӣ дар таркиби растаниҳо / Ф.Д.Иброгимов, Т.М.Маҳмудова // Илм ва фановарӣ №2, 2022. - Душанбе: ДМТ, 2022.- С.144-1149.ISSN-2312-3648.
5. Иброгимов Д.Э. Новый метод определения кислотного числа в маслах и экстрактах / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Усмонова, Ш.Х. Халиков // Научная перспектива (научно-аналитический журнал). – Россия: Химия, 2010. №9. - С.84-86.
6. Иброгимов Д.Э. Эффективный способ определения содержания кислот в составе растительных масел / Д.Э. Иброгимов, Х.Ш., Гулахмадов, Т.М. Махмудова, И.Э. Иброгимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук -2020. -№3. - С.221-226.
7. Гулаҳмадов Ҳ.Ш. Таъсири вазъи экологии маҳал ба раванди биохимиявии ҳосилшавии равған дар растаниҳо / Ҳ.Ш. Гулаҳмадов, С.И.Ибрагимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ -2020.-№4.- С.311-319.

ТАЪСИРИ ОМИЛҲО БА РАВАНДИ БИОХИМИЯВИИ РАВҒАНҲОСИЛШАВИИ РАСТАНИҲО

Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои таҳлили экспериментали оид ба таъсири омилҳои экологӣ ба биохимияи ҳосилшавии равғанҳои растани маълумот пешниҳод карда шудааст. Тавассути гузаронидани таҳлилҳо муайян карда шудааст, ки партовҳои истеҳсолоти алюминий метавонад ба маҳсулнокии биологии ҳосилшавии равғанҳо ва биохимияи компонентҳои марбут ба липидҳои растани таъсири манфии худро расонанд. Тавассути муайян намудани адади кислотагии намунаҳои равғани пахта муайян карда шуд, ки равғани растаниҳое, ки дар минтақаҳои осебпазири истеҳсолоти алюминий мерӯяд нисбат ба ҳаммонадҳои худ адади кислотагиаш баландтарро доранд.

Калидвожаҳо: равғанҳои растанӣ**,** раванди равғанҳосилшавӣ, омилҳои экологӣ, адади кислотагӣ, методҳои химияи органикӣ, арзёбии экологӣ.

ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ НА БИОХИМИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС ОБРАЗОВАНИЯ РАСТИТЕЛЬНЫХ МАСЕЛ

В данной статье приведены результаты экспериментальных исследований влияния экологических факторов на биохимию образования растительных масел. В ходе проведения анализов определено, что отходы алюминиевой промышленности могут отрицательно влиять на биологическую продуктивность компонентов липидного состава растений. С применением показателя кислотного числа хлопкового масла определено, что масло хлопчатника, который произрастает на уязвимых территориях алюминиевой промышленности, по сравнению со своими аналогами, может иметь наибольшее значение кислотного числа.

Ключевые слова: растительное масло, маслообразовательный процесс, экологические факторы, кислотное число, методы органической химии, экологическая оценка.

INFLUENCE OF FACTORS ON THE BIOCHEMICAL PROCESS FOR FORMATION OF VEGETABLE OILS

This article presents the results of experimental studies of the influence of environmental factors on the biochemistry of the formation of vegetable oils. During the analysis, it was determined that waste from the aluminum industry can adversely affect the biological productivity of the components of the lipid composition of plants. With the use of cottonseed oil acid number, it is certain that cottonseed oil, which grows in vulnerable areas of the aluminum industry, compared to its counterparts, can have the highest acid number.

Key words: vegetable oil, oil-forming process, environmental factors, acid number, methods of organic chemistry, environmental assessment.

Маълумот дар бораи муаллифон: Иброҳимзода Дилшод Эмом - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Маҳмудова Таҳминаи Муминҷон - номзади илмҳои техники, и.в. дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Маҳмудов Аҳроридин Шарофович - унвонҷӯи кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Гиёев Парвиз Ризвонович- магистри курси 2 кафедраи “Биохимия”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Сведения об авторах: Ибрахимзода Дилшод Эмом – доктор химических наук, и.о. профессор кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими,. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Махмудова Тахминаи Муминджон - кандидат технических наук, и.о.дотсента кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. Телефон: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Махмудов Ахроридин Шарофович- соискатель кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Гиёев Парвиз Ризвонович – магистр 2-го курса кафедры “Биохимия” Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: - Ibrohimzoda Dilshod Emom - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi ,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Makhmudova Takhminai Muminjon - Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @ mail.ru.

Makhmudov Akhroridin Sharofovich - Applicant of the Department of Energy Resources Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University. acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Giyoev Parviz Rizvonovich - Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91@mail.ru.

УДК 636. 082

ТАЪСИРИ ИЛОВАГИҲОИ ВИТАМИНИЮ МИНЕРАЛӢ БА ҲАЗМШАВӢ ВА АЗХУДКУНИИ МОДДАҲОИ ҒИЗОӢ ДАР ВОЯИ ХӮРОКИ ГОВҲОИ ДӮШОИИ ЗОТИ СИМЕНТАЛӢ

Давлатшоев Н.Н.
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ

Вазифаи асосии кормандони кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла бо шир мебошад. Муҳимтарин шароит ҷиҳати иҷрои вазифаи афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ташкил намудани хӯрокдиҳии хушсифатӣ, мувофики талаботи физиологии ҳайвонот дар асоси навтарин комёбиҳои илм ва амалия мебошад.

Омӯзиши таъсири дараҷаи гуногуни премиксҳои истеҳсоли ватанию хориҷии воридшаванда барои хӯронидани чорво, таъсири онҳо ба маҳсулнокӣ ва муайян намудани талаботи онҳо пурра омӯхта нашудааст. Бо ин мақсад, гузаронидани тадқиқотҳо оид ба муайян кардани талаботи чорво ба моддаҳои витамину минералии гуногун, ғизонокии хӯрокҳо, таъсири онҳо ба раванди хусусиятҳои физиологию биохимиявии организми чорво, ки ба баландшавии маҳсулнокии он мусоидат мекунад, аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки таҷрибаҳои махсуси физиологию биохимиявиро оид ба омӯхтани сифат ва ғизонокии зироатҳои киштшавандаи хӯроки чорво, ҳосилнокӣ, самараноку оқилона истифодабарии алафзорҳои табиӣ ва чарогоҳҳои мавсимӣ, инчунин иловагиҳои витаминдору минералии (премиксҳо) истеҳсоли ватанию хориҷии воридшудаистода дар вояҳои хӯроки чорво дар кишвар парваришёбанда, ба роҳ монем. Дар ин самт таҳқиқотҳо гузаронидаем, аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

Мавод ва методҳои таҳқиқот. Таҷрибҳои илмию-истехолӣ дар муассисаи кооперативию истеҳсолии ба номи Л.Муродови ноҳияи Ҳисор солҳои 2019 – 2021 гузаронида шудаанд.

Барои гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи усули мукоиса, бо дарназардошти вазни зинда, синнусоли ширдиҳӣ, сиҳатӣ, серширӣ ва ҳолати физиологӣ 4 гурӯҳи модаговҳо ҳар яке иборат аз 10 сар ташкил карда шуданд, ки як гурӯҳ назоратӣ ва се гурӯҳ таҷрибавӣ буданд. Ду таҷрибаи илмию хоҷагӣ гузаронида шуд: яке дар фасли зимистон ва дигар дар давраи тобистон, давомнокии ҳар яке 100 рӯзро дар бар мегирифт. Баъди хотимаи таҷрибаи илмӣ барои ҳайвоноти таҷрибавӣ шароити якхелаи нигоҳубин ва хӯрокдиҳӣ фароҳам оварда шуданд Пас аз ба охир расидани таҷрибаҳои илмию-хоҷагӣ таҷрибаи истеҳсолӣ роҳандозӣ гардид. Таҷрибаҳои илмию хоҷагӣ тибқи методикаи маъмули (АУИК) Академияи умумиросиягии кишоварзӣ ба номи Ленин [А.И. Овсянников, 1976] амалӣ карда шуданд.

Натиҷаҳо ва санҷида барӣ (муҳокимакунӣ). Чунонки маълум аст, омӯхтани таъсири арзиши ғизоии хӯроки чорво ба организми ҳайвонот вобаста ба таркиби химиявӣ маълумоти пурра дода наметавонад. Омӯзиши ҳазмшавии хӯроки чорворо яке аз усулҳои муҳимми муайян кардани арзиши ғизоии хӯроки чорво метавон ҳисоб кард. Эътимоднокиро аз рӯйи ҳазм ва азхудкунии маъданҳои фойданок дар меъёр муайян кардан мумкин аст.

Ҳазмшавӣ ва азхудкунии моддаҳои минералӣ дар меъёр. Чунонки маълум аст, омӯхтани таъсири арзиши ғизонокии хӯроки чорво ба организми ҳайвонот вобаста ба таркиби химиявӣ маълумоти пурра дода наметавонад. Омӯзиши ҳазмшавии

хӯроки чорворо метавон яке аз усулҳои муҳимми муайян кардани арзиши ғизоӣ арзёбӣ кард. Эътимоднокӣ метавонад аз рӯйи ҳазм ва азхудкунии маъданҳои дар меъёри онҳо муайян карда шавад.


Моддаҳои ғизоӣ, ки дар натиҷаи равандҳои ҳозима ба хун ва лимфа дохил мешаванд, ҳазмшаванда номида мешаванд. Ҳазмшавии моддаҳои ғизоии меъёриро бо таносуби байни моддаҳое, ки бо ғизо гирифта мешаванд ва бо наҷосат хориҷ мешаванд, муайян кардан мумкин аст. Дар байни моддаҳои ғизоӣ, таносуби онҳо ба моддаҳои гирифташуда, ки бо фоиз ифода карда мешавад, коэффисиенти ҳазмшаванда номида мешавад.

Ҳангоми омӯхтани коэффисиенти ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ дар меъёри гурӯҳҳои тачрибавии алоҳидаи модаговҳо маълум шуд, ки маълумотҳои дар тачрибаи илмӣ-хоҷагӣ бадастомада, дараҷаи маҳсулнокии шири ҳайвонот ба меъёрҳои физиологӣ мувофиқат мекунанд.

Ҷадвали 1. Ҳазмкунии моддаҳои ғизоии модаговҳои зертачрибавӣ

Гурӯҳҳо	Моддаи хушк	Моддаи органикӣ	Протеин	Равған	Ғоза	МҒА
1	63,1	64,1	66,1	61,2	55,8	69,1
2	66,2	67,8	67,8	63,4	58,2	74,1
3	65,1	67,2	67,0	62,8	57,2	72

Тавре аз ҷадвали 1 Расм-2 дида мешавад, моддаҳои хушк дар гурӯҳҳои тачрибавӣ мутаносибан 66,2 ва 64,1, яъне нисбат ба гурӯҳи назоратӣ 3,1 ва 2,0% зиёд, ҳазмшавии органикӣ низ дар гурӯҳҳои тачрибавӣ 3,7 ва 3,1% зиёд буд.



Расм-1 Ҳазмкунии моддаҳои ғизоии модаговҳои зертаҷрибавӣ

Барои дигар моддаҳо аз ҷиҳати ҳазмшавӣ ва азхудкунӣ бартарии гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба назоратӣ чунин буд: сафеда ба 1,7 ва 0,9; фарбеҳӣ 2,2 ва 1,6; 2.4 ва 1.4 а; барои МҒА 5,0 ва 2,9%.

Аз ин рӯ, иловаи иловагӣ премиксҳои Алояк ва Кауфит имунно фертили ФР ба меъёр ба ҳазмшавӣ ва азхудкунии моддаҳои ғизоии асосӣ таъсир расонд.

Мубодилаи фосфор-калсий аз рӯйи гуфтаи Шамсов Э.С. ва ғайра аҳамияти махсус доранд, зеро ин моддаҳо ба ҳамаи узвҳо ва бофтаҳои бадан дохил мешаванд, ки барои ташаккул ва инкишофи сутунмӯҳра муҳиманд. Онҳо дар зуҳури тамоми равандҳои физиологии организм нақши муҳим доранд. Барои муайян кардани таъсири хӯрдани премиксҳо ба мубодилаи калсий дар организм тавозуни минералҳо тартиб дода шудааст (ҷадвали 1).

Моддаҳои ғизоӣ, ки дар натиҷаи равандҳои ҳозима ба хун ва лимфа дохил мешаванд, ҳазмшаванда номида мешаванд. Ҳазмпазирии моддаҳои ғизоии рацион метавон бо таносуби байни моддаҳое, ки бо ғизо гирифта мешаванд ва бо наҷосат хориҷ мешаванд, муайян кардан мумкин аст. Дар байни моддаҳои ғизоӣ таносуби онҳо ба моддаҳои гирифташуда, ки бо фоиз ифода карда мешавад, коэффисиенти ҳазмшаванда номида мешавад.

Дар модаговҳои сермаҳсули зоти симментал оид ба омӯхтани моддаҳои ғизоӣ ва минералӣ дар меъёр таҷрибаҳои физиологӣ гузаронида шуданд.

Ҳангоми омӯхтани коэффитсиенти ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ дар меъёри гурӯҳҳои алоҳидаи таҷрибавии модаговҳо маълум гардид, ки маълумотҳои дар таҷрибаи илмию-иктисодӣ ба даст овардашуда, дараҷаи маҳсулнокии шири ҳайвонот ба меъёрҳои физиологӣ мувофиқ буда, дар расм оварда шудаанд.

Муқаррар карда шуд, ки маълумотҳои оид ба маҳсулнокии шир ҳайвонот, ки дар таҷрибаи илмию иқтисодӣ ба даст оварда шудаанд, ба тадқиқоти физиологӣ мувофиқанд. Дар модаговҳои гурӯхи сеюми таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ва сеюми таҷрибавӣ дараҷаи баландтарини ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ маълум гардид (расми 1). Дар озмоиши гурӯҳи дуюм, ҳазмшавии моддаҳои хушк мутаносибан 3,8 ва 2,0%, моддаҳои органикӣ - 3,6 ва 1,6%, равғани хом - 2,7 ва 1,1, ғозаи хом - 4,3 ва 2,9, экстрактивҳои азотӣ - 5,2 ва 2,8% зиёдтар буд назар ба ҳайвоноти гурӯҳи якум ва сеюм, ки қариб як хел хазмшавии сафеда доранд.

Аз ин рӯ, ҳамроҳ кардани таркиби меъёри премиксҳои АЛОЯК ва КАУФИТ ИММУНО ФЕРТИЛИ ФР ба ҳазмшавӣ ва азхудкунии моддаҳои ғизоии зарурӣ таъсир расонд.

Ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ. Таносуби фосфор-калсий аз рӯйи ақидаи Шамсов Э.С. ва ғайра ахамияти махсус доранд, зеро ин моддаҳо ба ҳамаи узвҳо ва бофтаҳои организм дохил мешаванд, ки барои ташаккул ва инкишофи устухон муҳиманд. Онҳо дар зуҳури тамоми равандҳои физиологии организм нақши муҳим доранд. Барои муайян кардани таъсири хӯронидани премиксҳо ва бентонит ба мубодилаи калсий дар организм тавозуни моддаҳои минералӣ тартиб дода шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.Тавозуни калсий дар ҳайвоноти таҷрибавӣ, г/сар

Нишондод	Гурӯҳ		
	I	II	III
Воридот бо хӯрока	188±0,15	214,2±0,12	188,1±0,31
Баромадан аз организм:			
Бо вазни саргин	127,53±0,51	126,9±0,27	130,6±0,34
Бо моеъ (шоша)	4,1±0,06	3,88±0,03	4,5±0,05 0,04
Бо шир	34,1±0,84	35,57±0,62	44,31±0,54
Дар организм монд	22,67±0,47	23,8±0,32*	30,9±0,34
Хароҷот барои шир% воридот , %	18,01±0,47	18,7±0,29*	21,0±0,28
Хароҷот аз ҳамаи воридотҳо %	30,1±0,45	32,9±0.35	34,8±0,28

Гурӯҳҳои таҷрибавии ҳайвонот ҳар рӯз ба миқдори гуногун калсий мегирифтанд. Модаговҳои гурӯҳи санҷишӣ ва II таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 188,4 грамм калсий истеъмол кардаанд, ҳол он ки ҳамсолони гурӯҳи II, таҷрибавӣ 214 грамм калсий гирифтаанд.

Ихроҷи калсий бо шир дар гурӯҳи санҷишӣ 34 г буд, ки нисбат ба гурӯҳи таҷрибавии II 1,47 г (4,6%), III - 10,2 (29,1%) P<0,001) камтар аст.

Калсийи бо хурокӣ ба организми ҳайвонот воридшуда, баъди аз он баромадан, инчунин дар организм монда, нишондоди он аз қабулгардида дар 3 гурӯҳи зертаҷрибавӣ чунин буд: 30,1; 32,9; 34,8% (P<0,001), калсий барои шир аз он чи ки дар санҷишӣ 18,01% ва дар гурӯҳи боқимонда мутаносибан.18,7; 21 ва (P<0,001), гирифта шудааст.

Ҳайвонҳои ҳамаи гурӯҳҳои тадқиқшуда бо калсий таъмин карда шуданд, зимнан модаговҳое, ки иловагӣ мегиранд, онро самараноктар истифода мебурданд.

Ҷадвали 3. Баланси фосфор дар говҳои зертаҷрибавӣ г /сар

Нишондод	Гурӯҳ		
	I	II	III
Воридот бо хӯрока	96,1±0,22	96,2±0,19	96,2±0,18
Баромадан аз организм:			
Бо вазни саргин	67,08±0,37	65,27±0,29	65,5±0,35
Бо моеъ (шоша)	1,37±0,09	1,25±0,07	1,15±0,07
Бо махсулот (шир)	24,7±0,24	26,5±0,27	26,3±0,22
Дар бадан монд	2,95±0,20	3,18±0,25	3,25±0,21
Хароҷот ба шир аз воридот %	25,9±0,36 25,7	26,6,±0,35 27,5	27,3±0,28 27,3
Хароҷот аз ҳамаи воридотҳо %	28,9±0,28 93	29,7±0,38 96,6	31,1±0,45 96,6

Миқдори фосфор дар меъёри ҳайвоноти гурӯҳҳои таҷрибавӣ як хел набуд: дар муқоиса гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ зиёд буд.(ҷадвали 3.) Ҳайвоноти гурӯҳҳои таҷрибавӣ, фосфорро беҳтар азхуд мекарданд.

Қонунияти ҳаммонандӣ чуноне дар калсий аст, дар мавриди истифодаи фосфор дар говҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ мушоҳида шудааст (ҷадвали 2). Ҳайвоноти гурӯҳи назоратӣ 24,7 грамм фосфорро бо шир хориҷ карданд, ки ин мутаносибан 1,8; 1,64; нисбат ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ 1,4 фоиз кам мебошад.

Дар ҳамаи гурӯҳҳои таҷрибавӣ тавозуни мусбати фосфор мавҷуд буд. Тавозуни фосфор дар гурӯҳи назоратӣ 2,95 г буд, ки ин нисбат ба се гурӯҳи таҷрибавӣ мутаносибан 0,23 г (7,7%, P<0,05), 0,3 (10,1%, P<0,01) ва 0,27 г (9,1) %, P<0,01) камтар аст. Ҳамчунин, сарфи фосфори аз ҳамаи гурӯҳҳои таҷрибавӣ гирифташуда назар ба микдори назоратӣ мутаносибан 0,8 г (2,8%), 2,2 (7,6%, P<0,05) ва 1,7 г (5,6%, P<0,05) зиёд буд.

Дар ҳайвоноти гурӯҳи сеюми таҷрибавӣ, ки иловагӣ Алояк гирифтаанд, азхудкунии фосфор ва дар бадан ҷойгиршавии он беҳтарин буд.

Мубодилаи фосфор метавонад гуногун бошад, аз миқдори таркиби он дар меъёр вобаста аст: карбогидратҳо, сафедаҳо ва равғанҳо. Ҳазми моддаҳои сафеда ба нигоҳдории бештари фосфор дар организм ва азхудкунии моддаҳои сафеда мусоидат мекунад.

Барои пурратар омӯхтани характери истифодабарии протеин дар хӯроке, ки модаговҳои ширдеҳ истеъмол мекунанд, мо баланси нитрогенро дар организми онҳо омӯхтем. Бояд гуфт, ки воридшавии нитроген бо меъёр вобаста ба хӯронидани премиксҳо ба ҳайвоноти таҷрибавӣ бо пуркунандадҳои гуногун мухталиф буд.


Дар асоси маълумоти таҷрибаи балансӣ ва таркиби химиявии хӯроки чорво, пасмондаҳои онҳо, ахлот, пешоб, тавозуни нитроген омӯхта шуд, ки он ҳамчунин нишондиҳандаи истифодаи сафеда дар организми ҳайвонот мебошад (Ҷадвали 4).

Ҷадвал 4. Тавозун нитроген дар ҳайвоноти зертаҷрибавӣ г(сар) (М


Нишондиҳанда	Гӯруҳҳо		
	1 назоратӣ	2 таҷрибавӣ	3 таҷрибавӣ
Бо хӯрок воридгардида, гр	384,10±1,59	394,96±0,97	395,68±0,65
Аз организм ҷудошуда			
Бо ахлот	137,6±3,52	139,10±0,79	138,16±3,87
Бо пешоб	138,28±2,08	136,26±2,27	136,11±3,12

Бо шир	94,55±2,21	100,06±1,98	102,51±3,75
Ҳамагӣ ихроҷшуда	370,43±3,34	375,42±4,08	376,78±3,85
Ҳазмшуда	246,50±4,18	255,86±2,68	257,52±3,82
Тавозун	13,67±0,51	19,54±0,78**	18,90±0,86*
Бо шир сарфшуда , %			
Аз қабулшуда	24,62±0,14	25,33±0,19	25,91±0,15
Аз ҳазмшуда	38,36±0,13	39,11±0,17	39,81±0,18

Модаговҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ назар ба ҳамсолони гурӯҳи назоратӣ мутаносибан 2,83 ва 3,02 фоиз зиёд азот сарф кардаанд. Дар модаговҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ, ки премиксҳои Алояк ва Кауфит фертил гирифтаанд, ҳазмшавии азот зиёдтар дида мешуд. Сатҳи баландтарини ҳазмшавии нитроген дар ҳайвоноте дида мешуд, ки бо меъёри хӯроки онҳо премикси Алояк дода шудааст. Бартарӣ аз назорати дар ин нишондод 4,47 фоизро ташкил дод. Ҳазмшавии нитроген дар модаговҳои премикс истифодабаранда дар муқоиса бо ҳаммонандҳои гурӯҳи назоратӣ зиёд буд.



Расми-2



Расми-3. 1 - гурӯҳи назоратӣ;2 - 1 гурӯҳи таҷрибавӣ;3-2 гурӯҳи таҷрибавӣ

Расми.5. Истифодаи нитроген дар говҳои таҷрибавӣ

Модаговҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ назар ба ҳамсолони гурӯҳи назоратӣ мутаносибан 2,83 ва 3,02 фоиз зиёд нитроген истифода кардаанд. Бо шир ҳайвоноти гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ 5,83 ва 8,42% зиёдтар нитроген хориҷ кардаанд. Бояд гуфт, ки баланси нитроген дар ҳайвоноти ҳамаи гурӯҳҳо мусбат буд. Аммо, он дар модаговҳои гурӯҳи 2-юми таҷрибавӣ 42,94 фоиз ва дар 3-юм 38,26 фоиз дар муқоиса бо назоратӣ зиёд буд (расми 3-4). Истифодаи премиксҳо дар меъёри модаговҳо ба зиёд шудани истифодаи қисми нитрогени онҳо мусоидат кард. Ба синтези сафедаҳои шири говҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ 0,71 ва 1,29 фоиз азоти қабулшударо бештар истифода бурда, ҳазмшуда 0,75 ва 1,45 фоиз назар ба модаговҳои гурӯҳи назоратӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, ҳайвоноти гурӯҳҳои таҷрибавӣ, азотро барои синтези сафедаи шир беҳтар ҳазм карда истифода бурданд.Аз ин рӯ, истифода бурдани премиксхои Алояк ва Кауфит фертил дар хӯронидани говҳои ширдеҳ ба мубодилаи нитроген дар организми онхо таъсири мусбат расонда, ба баланд шудани коэффитсиенти истифодаи он мусоидат кард. Вақте, ки ба модаговҳо бо премикси «Алояк» хӯрок дода мешуданд, дараҷаи баланди ҳазмкунӣ, дар организм ҷойгиршавӣ, истифодабарӣ, аз ҷумла барои шир муқаррар карда шуд.

Аз ин рӯ, дар сурати ба таркиби меъёр дохил кардани премиксҳои Алояк ва КАУФИТ ИММУНО ФЕРТИЛ ҳазмшавӣ ва азхудкуниро баланд гардонида, ба мубодилаи калсий ва фосфор таъсири мусбӣ расонида, маҳсулнокии говҳои ширдеҳро зиёд мекунад.

АДАБИЁТ

1. 1.Байгенов Ф.Н. Влияние примиксов на физиологические свойства и молочную продуктивность коров первой лактации симметальской породы в весенний период / Ф.Н.Байгенов, Э.С.Шамсов, С.Х.Олимов, Т.А. Иргшев // Сборник научных статей муждународная научно – практическая конференция на тему: «Промышленность и сельскохозяйственное производство: состояния и перспективы развития» Душанбе 2021. -С. 142-144.
2. Иргашев Т.А. Влияние минеральных добавок на гематологические показатели коров в условиях Гиссарской долины / Т.А. Иргашев, Ф.Н. Байгенов, Э.С. Шамсов //\// Мат. респуб.конф.посвященной 80-летию памяти академика ТАСХН, профессора Х.М. Сафарова

«Физиологические механизмы адаптации организма к различным условиям среды» (30 мая 2017г). – Душанбе, 2017. -С. 91-94.
3. Иргашев Т.А. Нишондиҳандаҳои гематологии хуни буққачаҳои зоти сименталӣ ҳангоми хӯронидани премиксҳо / Т.А.Иргашев, С.Х.Олимов, Ф.Н.Байгенов, Э.С.Шамсов, И.З. Халилов // Теоретический и научно-практический журнал «Кишоварз». Земледелец. - 2021- № 2 (91).
4. Олимов С.Х.Морфологический состав крови бычков симментальской породы при скармливании премиксов / С.Х.Олимов, Т.А.Играшев, Ф.Н.Байгенов // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Аграрная наука в обеспечении продовольственной безопасности и развитии сельских территорий» (Луганск, 25 января-08 февраля 2021 г.). - Луганск: ГОУ ВО ЛНР ЛГАУ, 2021. –С.187-189.

ТАЪСИРИ ИЛОВАГИҲОИ ВИТАМИНИЮ МИНЕРАЛӢ БА ҲАЗМШАВӢ ВА АЗХУДКУНИИ МОДДАҲОИ ҒИЗОӢ ДАР ВОЯИ ХӮРОКИ ГОВҲОИ ДӮШОИИ ЗОТИ СИМЕНТАЛӢ

Дар мақола оиди ба меъёр дохил намудани иловагиҳои витаминию минералӣ ва таъсири онҳо ба ҳазмшавии меъёри хӯрока сухан меравад. Маълум гардид, ки дохил намудани иловагиҳо ба меъёр имкон медиҳад, ки ҳазмшавӣ ва азхудкунӣ, ҳамчунин мубодилаи фосфор ва калсий беҳтар намояд.

Калидвожаҳо: премикс, моддаҳои минералӣ, «Алояк», «Кауфит» иммуно фертил, ҳазмшавӣ, баланс, азхудкунӣ.

ВЛИЯНИЕ ВИТАМИННО – МИНЕРАЛЬНЫХ ДОБАВОК НА ПЕРЕВАРИМОСТЬ И УСВОЯЕМОСТЬ ПИТАТЕЛЬНЫХ ВЕЩЕСТВ РАЦИОНА ДОЙНЫХ КОРОВ СИММЕНТАЛЬСКОЙ ПОРОДЫ

В статье речь идет о введении в рацион витаминно- минеральных добавок и влиянии их на переваримость кормов рациона. Установлено, что введение в рацион добавок позволяет улучшить переваримость и усвояемость, а также обмен фосфора и кальция.

Ключевые слова: премикс, минеральные вещества, Алояк, Кауфит- иммуно-фертил, переваримость, баланс, усвояемость.

INFLUENCE VITAMIN OF THE MINERAL ADDITIVES PROVENDER OF THE RATION DAIRY CORTEX

In article speech qoes about introduction to ration vitamin mineral additives and influence them provender of the ration. *It is installed that entering* the addivites in ration of the addivities allows to perfect as well as exchange of phosphorus and calcium.

Key words: Premix, mineral material, Aloyak, Kaufit, balance.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Давлатшоев Нодир Насратшоевич* Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, ходими калони илмии шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Гипрозем-17. E-mail**: nodirsho.56@mail.ru**, Телефон: **(+992) 935868675.**

Сведение об авторе: ***Давлатшоев Нодир Насратшоевич*** **-** Институт животноводства и пастбищ Таджикской академии сельскохозяйственных наук, старший научный сотрудник отдела селекции и технологии овцеводства и козоводства. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, Гипрозем, 17. E-mail: **nodirsho.56@mail.ru**, Телефон. **(+992) 935868675.**

Information about the author: ***Davlatshoev Nodir Nasratshoevich*** - Institute of Animal Husbandry and Pastures of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, Senior Researcher of the Department of Breeding and Technology of Sheep and Goat Breeding. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Giprozem, 17. E-mail: **nodirsho.56@mail.ru**, Phone**. (+992) 935868675**.

МУНДАРИҶ А - СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ТИББӢ – МЕДИЦИНСКИЕ НАУКИ

Пулатов О.Н.[1], Дехконов О.Х.[1], Рахматуллоев Р.[2] Некоторые аспекты хирургического лечения осложнений клапанных пороков сердца……. ***5***

Зарипова М.М. Медико-социальные аспекты жизни пожилых людей, проживающих в территориальном центре оказания социальной помощи пенсионерам и инвалидам города Душанбе..... ***12***

Талабзода М.С., Абдуллаева М., Каюмов Х.Б., Бурхонова Н.А., Отамбекова М. Некоторые аспекты лечения новой коронавирусной инфекции COVID -19 в стационаре……. ***21***

Абдуллаева М, Отамбекова М. Ахмедова С.С. ММСП и их значение для усиления санитарной охраны территории Республики Таджикистан в условиях пандемии COVID-19 ***29***

Ошурмамадова Р.Б., Болиева Г.У., Хайридинова С.С., Рахматава Г.Р., Валиева Б.К. Дифференцированный подход к гормональной терапии невынашивания первой половины беременности……. ***37***

Давлатзода Г.К.(Давлятова Г.К.) Основные причины упущенных возможностей гипотонических кровотечений и основные области, требующие вмешательства в учреждениях 2-го уровня хатлонской области в современных условиях…….. ***46***

Рашидова Ф.И.[1], Давлатзода Г.К.[2], Бобокалонова М.М.[2] Мониторинг репродуктивного здоровья девочек-подростков города Душанбе …… ***52***

Пулодзода Ф.П. Особенности микронитруентного статуса и исходы родов у беременных подросткового возраста…… ***58***

Камилова М.Я.[1], Ямазаки Й[2]. Опыт использования перинатального аудита на уровне учреждений в республике таджикистан ***63***

Мухаммадиева С.М., Кадамалиева М.Д., Одинаева Н.Ф., Сафарова Д.Б., Талбова З.С. Переношенная беременность и тактика ведения пациентов …….. ***71***

Мираков Х.М. Нарушения функции почек при обструкции дистального отдела мочеточников у детей……..……. ***75***

Шаханов А.Ш., Шаханова Ф.А. Диагностика и реконструктивно-пластическая операция при врождённом гигантском гидронефрозе у детей……. ***80***

Мирзоев А.Ф., Исоев А.О., Пулатов К.Дж., Мирзоев Ф.А., Рустамзода Х. Значение фиброгастродуоденоскопии у больных с острыми гастро-дуоденальными кровотечениями язвенной этиологии……... ***84***

Одинаев Н.С., Бойназарова М.Х., Тагожонов З.Ф., Бозорова Р.С, Абдуназаров П.Н., Зубайдова Л.А. Анализ заболеваемости COVID-19 преподавателей вузов в период пандемии 2020 года…… ***89***

Талабзода М. С. Қаюмова Д.А., Набиев З.Н. Истифодаи антиоксидантҳо дар табобати комплексии кӯдакони гирифтори бемориҳои музмини шушҳо..... ***95***

Шамсзода Х.А., Курбанов Х.Ф., Наимов С.Р. Истифодаи антиоксидантҳо дар табобати комплексии осеби вазнини мағзи сар дар кӯдакон..... ***101***

Каримова О.А. Таҳқиқоти колпоскопӣ барои пешгирӣ ва ташхиси саратони гарданаки бачадон ***106***

Одинаев Н.С., Бойназарова М., Тагоҷонов З.Ф,.Холмуродова З.А, Кимсанов А,Б, Назарова Ф.Ҳ. Тавсифи ҷараёни COVID-19 Дар байни аҳолии шаҳри Душанбе дар марҳилаи пандемия..... ***111***

Вайдуллоева М.Ш. Омӯзиши хосиятҳои зиддимикробии пайвастагиҳои комплексии Ag (I). ***121***

Ф А Р М А Т С И Я - Ф А Р М А Ц И Я

Волкова А.В., Корж Ю.В., Проскурова Я.А., Мусозода С.М., Шабрацкая Д.Э. Исследования осведомленности населения украины в вопросах профилактики сахарного диабета II типа…… ***127***

Ниёзов С.Х., Халифаев Д.Р., Давляткадамов С.М., Зубайдова Т.М. Актопротекторное действие настойки цистанхе солончаковой (cistanche salsa (c. a. mey.) g. beck.) в эксперименте на животных…….. ***135***

Амирова Г.Х., Рахимов И.Ф., Эльназаров М.Х., Мусозода С.М. Физико-химическая характеристика прополиса, полученного на территории Таджикистана……. ***142***

[1]Эгамова М.М., [2]Сафарзода Р.Ш., [3]Фаридуни К.Р., [2] Абдукаримзода Х., [2]Шарифзода Ш.Б. Исследование химического состава флавоноидных соединений в траве топинамбура методом ВЭЖХ – МС…….. ***152***

Серединская Н. М.[1], Корниенко В. И.[2], Марченко-Толстая К. С.[3],Мусозода С.М.[4], Ладогубец

О. В.[5], Дученко К. А.[5], Мусоев Р.С..[4] Антиэкссудативное действие амлодипина при комбинированном применении с диклофенаком и нимесулидом на фоне адъювантного артрита, коморбидного с артериальной гипертензией……. ***161***
Шарифзода Ш.Б., Раджабов Г.О., Сафарзода Р.Ш., Хикматзода И.И., Абдукаримзода Х. Подход к разработке состава твёрдых лекарственных форм клубней топинамбура……. ***171***
Самандаров Н. Ю. Синтез ва омӯзиши сохтори рибоверин бо кислотаи холан……. ***176***
Каримов Ф.У. Омӯзиши нишондиҳандаҳои фармако-технологии меваи crataegus turkestanica ва crataegus pontica ***183***

ИЛМҲОИБИОЛОГӢ-БИОЛОГИЧЕСКИЕНАУКИ

Бобозода И.А., Евдокимова Г.Н. Морфологическое и структурное строение ассимиляционного аппарата инжира обыкновенного (*ficus carica* l.) в разных экологических условиях Таджикистана…….. ***189***
Сафаров Ш.Дж., Бухориев Т. А. Влияние минеральных удобрений на рост, развитие и урожайность риса…….. ***200***
Каландаров Р.Ю. Сохранение и обогащение генофонда винограда в Таджикистане…….. ***207***
Иброгимова С.И., Солехзода М. Дж. Содержание суммы фенольных соединений в маслах различных сортов и линий хлопчатника……. ***216***
Обидова М.Д. Изучение роли опиоидных нейропептидов на поведение степная черепаха (*agryonemis horchfieldi)*…… ***221***
Саидзода Х.Х.Каротиноидный состав облепихового масла, полученного разными методами ***227***
Умаров С.К. Влияние прополиса на биохимическую функцию печени, системы антиоксидантной защиты и углеводного обмена при хронической алкогольной интоксикации ***237***
Икроми Х.И. Микрокапсулирование биоактивных веществ для создания функциональных пищевых продуктов…….. ***244***
Саидзода Р.Ф. Особенности влияния режимов орошения на формирование плодоэлементов хлопчатника..... ***251***
Давлатов О.М., Қодиров А.Ҳ. Таркиби намудии зараррасонҳои анор (*punica granatum* l.) дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон …….... ***254***
Иброҳимзода Д.Э., Махмудов А.Ш., Гиёев П.Р.* Таъсири партовҳои газӣ ба нишондиҳандаҳои химиявии як қатор равғанҳои таҳқиқшаванда..... ***262***
Астанакулова Г.М. Хусусиятҳои картошкаи солимгардонидашуда ҳангоми таъсири омилҳои стрессӣ шӯрӣ..... ***268***
Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Зокирова М., Одинаев Ф.С.* Маҳсулнокии равғани эфирӣ вобаста ба минтақаи афзоишу таркиби хок ва нуриҳои маъданӣ..... ***275***
Охунҷонов А.Ҳ. Тагпайвандҳои клонии дарахтони мевадиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ***281***
Иброҳимзода Д.Э., Розиқов Ш.Ш., Муродов А.А. Технологияи муфиди ҳосилкунии биогаз дар асоси партовҳои маишӣ..... ***288***
Иброгимова С.И., Назарова Ф.С. Таҳқиқи миқдори кислотаҳои органикӣ дар барги навъу шаҷараҳои растании пахтаи миёнанах (gossypium hirsutum l.)..... ***293***
Нозимова М.С., Раҷабзода С. И. Таҳқиқи обҳое, ки дар таркибашон металлҳои вазнин доранд, ки ба рушди лӯби ва нахӯд таъсири манфӣ мерасонанд..... ***300***
Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Нарзулоев Т. С. Хусусиятҳои парвариши маъсар дар заминҳои лалмии водии Ҳисор вобаста ба чуқурии коркарди хок..... ***305***
Ҳамидов Х.Н. Омӯзиши хусусиятҳои морфофизиологии генотипҳои пахта…… ***310***
Шарипов А.Р. Муқоисаи сифатии асали занбӯрони зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ **……** ***317***
Солиҳов М.М., Набиев Т.Н. Хусусиятҳои тараққиёт, нашъунамо ва маҳсулнокии мушунг дар заминҳои лалмии водии Ҳисор..... ***321***
Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Маҳмудов А.Ш., Гиёев П.Р.* Таъсири омилҳо ба раванди биохимиявии равғанҳосилшавии растаниҳо..... ***327***
Давлатшоев Н.Н. Таъсири иловагиҳои витаминию минералӣ ба ҳазмшавӣ ва азхудкунии моддаҳои ғизоӣ дар вояи хӯроки говҳои дӯшоии зоти сименталӣ..... ***335***

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
Научный журнал «Наука и инновация» основан в 2014 г.
Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 19.02.2021 г., №184/ЖР-97. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 14.04.00 – Фармация; 14.01.00 – Клиническая медицина; 14.03.00 – Медико-биологические науки; 03.02.00 – Общая биология; 03.03.00 – Физиология

Журнал включен в базу данных
Российского индекса научного цитирования (РИНЦ),
регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания
(www.niin.vestnik-tnu.com).

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
2022. №3.
Над номером работали:
Ответственный редактор: Шовалиева Ф.С.
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Наука и инновация»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.niin.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**